МУҲАММАД ҒАЗОЛИЙ

# НАСИҲАТ -УЛ- МУЛУК

ББК 84(0)9

Таҳия ва тавзеҳи Нарзуллои Назар
Муҳаррир Х. Рауфзода

И 37 Имом Абӯҳомид Муҳаммад Ғазолӣ. «Насиҳат-ул-мулук» — Душанбе, Ирфон, 1993.—144 саҳ.

«Насиҳат-ул-мулук»-и мутафаккири тоҷики (форси) а. XI Муҳаммад Ғазолӣ (1058—1111) асари муҳимест доир ба ахлоқ, сиёсат, назарияи давлат ва ҳуқуқ, ки аҳамияташро то имрӯзҳо нигоҳ доштааст. Дар он назари муаллиф оид ба ҳукуматдории оқилона, ахлоқи сардори ҳукумат ва мансабдорони он, фикрҳо доир ба адл ва масоили дигари иҷтимоӣ баён ёфтаанд.

Китоб барои файласуфон, муаррихон, ҳуқуқшиносон, филологҳо, умуман барои ҳамаи шавқмандони мероси фалсафӣ муфид хоҳад буд.

И $\frac{030107000 — 50}{501(12) — 93}$ — 93 ББК 84(0)9

ISBN 5—667—00144—6

© Нашриёти «Ирфон», 1993

## Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим

**Ал-ҳамду ли-ллоҳи раббн-л-ъоламина ва-с-салоту ало Муҳаммадин ва олиҳи аҷмаъин, қола-ш-шайҳу-л-имому зайну-д-дини ҳуҷҷат-ул-исломи ҳибру-л-аноми шарафу-л-аиммати Абӯ Ҳомидин Муҳаммад-ибни Муҳаммад ибни Муҳаммади-л-Ғазолӣ (қаддасаллоҳу рӯҳах)**[1].

Бидон, эй малики машриқ, ки худойро (Азза ва Ҷалла) бар ту неъматҳои бисёр аст ва шукри он бар ту воҷиб аст. Ва ҳар ки неъмати худойро (Азза ва Ҷалла) шукр накунад, неъмат бар вай завол ояд ва ташвир[2] ва хиҷолати тақсир дар қиёмат бимонад. Ва ҳар неъмат, ки ба марг сипарӣ шавад, он неъматро ба наздики хирадмандон бас қадре нест, ки умр агарчи дароз бувад, чун сипарӣ шуд, дарозӣ суд надорад. Нӯҳ-пайғамбар (салавотуллоҳи алайҳ)[3] ҳазор сол[4] бизист ва панҷ ҳазор сол аст то бимурд. Ва вайро пурсиданд, ки дунё чун ёфтӣ? Гуфт: чун сарое, ки аз даре даромадам ва ба дигар дар берун шудам. Пас қадр неъматро бувад, ки боқӣ ва ҷовидон бувад. Ва он неъмат имон аст, ки тухми саодати ҷовидонист. Ва эзид Таъоло туро ин неъмат додааст ва тухми имон дар синаи пок ва дили азизи ту ниҳода аст ва парвариши он тухм ба ту боз гузошта аст ва гуфта аст, ки ин тухмро ба оби тоат мепарвар, то чун дарахте шавад, ки бехи он ба қаъри замин фурӯ шавад ва фаръу[5] шохи ӯ ба анони[6] осмон расад. Чу-

---

[1] *ар.* Ҳамду сано худойи парвардигори оламҳоро ва дуруд бар Муҳаммад ва ҳамаи хонадони ӯ. Гуфт шайхи имом, зинати дину ҳуҷҷати ислом, пешвои мардумону шарафи имомҳо Абӯ Ҳомид Муҳаммад бинни Муҳаммад бини Муҳаммади Ғазолӣ (худой муқаддас гардонад рӯҳашро).

[2] *ар* шармандагӣ, ҳаё,

[3] *ар* дуруди худой бод ӯро,

[4] аз рӯи ривояти Қуръон Нӯҳ-пайғамбар 950 сол умр дидаст (ниг. сураи Анкабут, ояти 14)

[5] бех реша;

[6] авҷ;

нон ки Ҳаққ Субҳонаҳу ва Таъоло гуфт; «АЛАМ ТАРА ҚАЙФА ЗАРАБА-ЛЛОҲУ МАСАЛАН КАЛИМАТАН ТАИИБАТАН ҚА ШАҶАРАТИН ТАИИБАТИН АСЛУҲО СОБИТУН ВА ФАРЪУҲО ФӢ-С-САМО»[7]. Ва дарахти имонро чунки беху шохи вай тамом нашуда бошад, бими он бувад, ки боди марг дарояд ва дар нафаси бозпасин ӯро бияфканад ва банда, (ал-иёзу би-ллоҳ)[8] беимон пеши худованд шавад.

Бидон, эй малик, ки ин дарахтро даҳ бех аст ва даҳ шоҳ; ва бехи он эътиқоди дил аст ва шохи он КИРДОРИ тан. Ва ин дуогӯи Ҳаққ қабуле ва иқболе, ки аз Маҷлиси аъло[9] ёфт, ин даҳ бех ва даҳ шохро тафсил дод, то малики ислом[10] ба парвардани ин дарахт машғул шавад. Ва ин бад-он рост ояд, ки аз ҳафтае як рӯз дар кори охират кунад ва ба худои Таъоло машғул шавад ва он рӯзи одина аст, ки иди мӯъминон аст. Ва дар ин рӯз соатест, ки ҳар ки дар он соат ба дил бо Ҳаққ Таъоло бувад, ҳоҷати вай раво шавад. Ва чи бошад, агар аз ҳафт рӯз як рӯз худойро (Азза ва Ҷалла) хидмат кунӣ, ки агар филмасал туро бандае бошад ва ӯро гӯӣ, ки як рӯз аз ҳафта ба хидмати ман машғул шав, то тақсири шашрӯза аз ту дар гузарам, ва ӯ накунад, ҳоли вай наздики ту чун бошад? Боз онки ҳарғиз офаридаи ту нест ва бандаи ту нест илло ба маҷоз, ту, эй малик, офаридаи худовандӣ Субҳонаҳу Таъоло ва бандаи ӯӣ ба ҳақиқат, чаро аз худ он писандӣ, ки аз бандаи хеш написандӣ?

Шаби одина нияти рӯза кун ва агар панҷшанберо бо он ёр кунӣ, авлотар бувад. Рӯзи одина бомдод пеш аз субҳ бархезу ғусл кун ва ҷомае дарпӯш, ки се сифат дорад: ҳалол бувад ва намозӣ[11] бувад ва абрешим набувад. Ба тобистон дабиқӣ[12] ва қасаб[13] ва тӯзӣ[14] ва каттон ва ба зимистон хаз[15] ва пунба ва суфи румӣ. Ва ҳар

---

[7] «Оё надидаи чи тавр худованд мисол овард сухани покизаро монанди дарахти покиза, ки бехаш устувор (дар замин) аст ва шохаш дар осмон» (*ниг.* сураи Иброҳим, ояти 24);

[8] Худо накарда;

[9] киноя аз арши худовандӣ;

[10] малики ислом ва султони олам;

[11] пок, покиза, (банамоз);

[12] як навъ порчаи абрешимӣ мансуб ба шаҳри Дабиқ дар Миср;

[13] як навъ ҷомаи каттонӣ;

[14] як навъ каттони мансуб ба Туз ном шаҳри аз байнрафтаи Форс;

[15] вашм.

ҷома, ки бад-ин сифат набувад, писандан Ҳаққ Таъоло набувад. Намози бомдод ба ҷамоат бикун ва то офтоб барояд, сухан магӯй ва рӯй аз қабила мегардон ва тасбеҳе дар даст гир ва ҳазор бор бигӯй: «Ло илоҳа иллол-лоҳ ва Муҳаммадун расулуллоҳ»[16].

Чун офтоб барояд, касеро бигӯй, то ин китоб бар ту хонад. Ва ҳар одина боз мехонад, то бар ёд бимонад. Чун китоб бархонад, чаҳор ракъат намоз тасбиҳ бикун ба вақти чоштгоҳ, ки савоби ин намоз азим аст хосса рӯзи одина. Ва пас аз он агар бар тахт боз нишинӣ ва агар хилват бошӣ «Оллоҳума, салли ъало Муҳаммадин ва аъло оли Муҳаммад!»[17] мегӯй пайваста. Ва пас аз он «Астағфирулоҳа раббӣ ва атубу илайҳ»[18] мегӯй. Ва дар ин рӯз чандон ки битавонӣ, садақот бидеҳ. Ва ин рӯз аз ҳафта дар кори худой кун, то худой Таъоло боқии ҳафта дар кори ту кунад.

## Оғози усули эътиқод, ки бехи имон аст

Бидон, эй малик, ки ту офаридаӣ ва туро офаридгорест, ки офаридгори ҳама олам аст ва ҳар чи дар олам аст ва яке аст, ки ӯро ҳанбоз[1] нест ва ягона аст, ки ӯро ҳамто нест ва ҳамеша буд, ки ҳастии ӯро аввал нест ва ҳамеша бошад, ки будани ӯро охир нест ва ҳастии вай ба худ аст, ки вайро ба ҳеҷ сабаб ниёз[2] нест ва ҳеҷ чиз аз ӯ бениёз нест, балки буди вай ба худ аст ва буди ҳама чизҳо ба вай аст.

## АСЛИ ДУВВУМ — ДАР ПОКИИ ҲАҚҚ ТАЪОЛО

Бидон, ки вайро сурат ва тан ва колбад нест ва ӯро дар ҳеҷ колбад фуруд омадан нест. Ва чанде ва чигунагӣ ва чун ва чароро ба вай роҳ нест, зеро ки ӯ ба ҳеҷ

---

[16] «Нест худое ба ҷуз Оллоҳ ва Муҳаммад пайғамбари Оллоҳ аст».

[17] «Худоё, дуруд бифрист бар Муҳаммад ва бар хонадони Муҳаммад!»

[18] «Мағфират (омурзиш) мехоҳам бор худойро ва ба ӯ тавба мекунам»

[1] шарик;

[2] ҳоҷат.

чиз монанд нест ва ҳеҷ чиз монанди ӯ нест. Ва ҳар чи дар андеша ва ваҳм ва хотир ва хаёли одамӣ ояд, аз чунӣ ва чарой ва чандӣ ва чигунагӣ, вай аз он пок ва муназзаҳ[3] аст, зеро ки он ҳама сифати офаридагони вай асту вай ба сифати ҳеҷ офарида нест. Ва ҳамчунин дар ҷое нест ва ба ҷое нест, балки худ аслан ҷойгир ва ҷойпазир нест. Ва ҳар чи дар ҳама олам аст, зери арш аст, ва арш зери қудрати ӯ мусаххар[4] аст ва арш бардорандаи ӯ нест, балки арш ва бардорандагони арш ҳама бардоштаи лутфу қудрати ваянд ва ӯ пеш аз он ки арш офарид, аз ҷой пок ва бениёз буд. Ҷун арш биофарид, аз он сифат, ки буд, бинигошт. Ва тағйиру гардишро ба вай ва сифоти вай роҳ нест, боз он ки аз сифоти офаридагон пок ва муназзаҳ аст. Ва дар ин ҷаҳон донистанӣ аст ва дар он ҷаҳон диданӣ аст. Чунон ки ӯро дар ин ҷаҳон бе чуну бечигуна донанд, дар он ҷаҳон бе чуну бе чигуна бинанд, ки он дидор аз ҷинси дидори ин ҷаҳон нест.

## АСЛИ САВВУМ — ДАР ҚУДРАТ ВА ТАВОНОӢ

Боз он ки монанди ӯ ҳеҷ чиз нест; бар ҳама чизҳо қодиру тавоност, ва қудрату тавоноии вай баркамол аст, ки нуқсону заъф ва аҷзро ба вай ҳеҷ роҳ нест, балки ҳар чи хост, кард ва ҳар чи хоҳад, кунад. Ва ҳафт осмону ҳафт замин ва Аршу Курсӣ ва ҳар чи ҳаст, ҳама дар қабзаи қудрати вай маќҳур[5] ва мусаххар аст ва ба дасти ҳеҷ кас ҷуз вай ҳеҷ чиз нест.

## АСЛИ ЧАҲОРУМ — ДАР ИЛМ

Бидон, ки вай доност ба ҳар чи донистанӣ ҳаст. Ва илми вай ба ҳама чизҳо муҳит[6] аст ва аз ъуло то саро ҳеҷ чиз бе дониши вай наравад, чи ҳама аз ӯ равад ва аз қудрати ӯ падидорояд, балки адади реги биёбон ва қатраи борон ва барги дарахтон ва андешаи дилҳо ва

---

[3] *ар.* пок, покиза, беомезиш
[4] *ар.* таскиршуда, мутеъ, фармонбардор;
[5] *ар.* мағлуб, зердаст.
[6] иҳотакунанда. фарогиранда; иҳотакарда. фарогирифта;

зарраи ҳаво дар илми ӯ ҳамчунон макшуф[7] аст, ки адади осмон.

## АСЛИ ПАНҶУМ — ДАР ХОСТ

Ва ҳар чи дар олам аст, ҳама ба хости ӯ ва ба иродати ӯст. Ҳеҷ чиз аз андаку бисёр ва хурду бузург ва хайру шарр ва суду зиён ва зиёдату нуқсон ва ранҷу роҳат ва беморию тандурустӣ наравад илло[8] ба тақдири машиат[9] ва қазою ҳукми вай. Ва агар ҳама олам фароҳам оянд аз ҷину инс ва шаётину[10] малоика, то як зарра аз олам биҷунбонанд, ё барҷой бидоранд, ё беш кунанд, ё кам кунанд, бе хости ӯ ҳама оҷиз оянду натавонанд. Балки ҷуз он ки вай хоҳад, дар вуҷуд наояд ва ҳар чи вай хост, бибошад ва ҳеҷ касу ҳеҷ чиз онро дафъ[11] натавонад кардан. Ва ҳар чи ҳасту буд ва хоҳад будан ҷумла ба тадбиру тақдири вай аст.

## АСЛИ ШАШУМ — ДАР БИНОӢ ВА ШУНАВОӢ

Чунон ки доност ба ҳар чи донистанӣ аст, бино ва шунавост ба ҳар чи диданӣ ва шуниданӣ аст. Ва дуру наздик дар шунавоии вай баробар бувад. Ва равшану торик дар биноии ӯ баробар бувад. Овози пои мӯрча, ки дар шаби торик биравад, аз шунавоии вай берун нест. Ва ранги сурати кирмаке, ки дар зери замин бувад, аз биноии ӯ берун нест. Ва дидани ӯ ба чашм ва шунидани ӯ ба гӯш набувад, чунон ки донистани ӯ ба андеша ва тадбир набувад ва кирдори ӯ ба олат дастафзор[12] набувад.

## АСЛИ ҲАФТУМ — ДАР КАЛОМ

Фармони ӯ бар ҳама халқ равону воҷиб аст ва хабари вай аз ҳар хабар дода аст, рост аст ва ваъду ваиди[13] вай ҳақк аст. Ва фармони вай сухани ваяст. Ва чу-

---

[7] ошкор, кушода;
[8] ба ҷуз;
[9] хост, хоҳиш;
[10] ҷамъи «шайтон»;
[11] барҳамзанӣ;
[12] олат, асбоб, афзор, абзор;
[13] ваъдаи бад, таҳдид;

нон ки донову тавонову хоҳо ва биною шунавост, гӯёст. Ва сухани вай ба кому забон ва даҳон нест. Ва Қуръону Таврот ва Инҷилу Забур ва кутуби пайғамбарон ҳама сухани ваяст. Ва сухани вай сифати ваяст, ва ҳама сифоти вай қадим асту ҳамеша буда аст. Ва сухани одамӣ ба ҳарфу савт бувад ва сухани ҳаққ Таъоло ба ҳарфу савт нест, балки аз ҳама поку муназзаҳ аст.

## АСЛИ ҲАШТУМ — ДАР КИРДОР

Ва ҳар чи дар олам аст, ҳама офаридаи ваяст ва кас дар офариниш бо вай ҳанбоз нест, балки офаридгор якест ва ҳар чи офарид аз ранҷу бемори ва дарвешию аҷз ва ҷаҳл — ҳама ба адл офарид, ки зулм аз вай мумкин нест, ки золим он бошад, ки дар мулки дигаре тасарруф кунад. Ва аз вай тасарруф кардан дар мулки дигаре мумкин набувад, ки бо вай молике дигар нест. Ва ҳар чи ҳасту буд ва тавонад буд, ва ҳама мамлуканд. Ва кас бо вай ҳанбозу ҳамто нест. Ва ҳеҷ касро дар офариниши вай чуну чаро нест, балки дар ҳар чи кунад, ҷуз наззораю таслим ва ризо ҳеҷ касро мусаллам нест.

## АСЛИ НУҲУМ — ДАР ЗИКРИ ОХИРАТ

Ва олам, ки офарид, аз ду навъ офарид: ҷон ва колбад.[14] Ва он колбад манзилгоҳи ҷони одамиён сохт, то зоди[15] охират аз ин олам баргиранд. Ва ҳар ҷонеро муддате тақдир кард, ки дар колбад мебошад. Ва охири он муддат аҷали вай кард, чунон ки зиёдату нуқсон напазирад. Ва чун аҷал дарояд, ҷон аз тан ҷудо шавад. Ва чун дар гӯр ниҳанд, рӯҳ бо қолиб диҳанд, то суоли Мункар ва Накирро ҷавоб диҳад. Ва он ду ашхоси азим бошанд, ки ӯро аз худою расул суол кунанд. Агар дар монад, ӯро дар гӯр азоб кунанд ва гӯри вай пурмору каждум кунанд. Ва дар қиёмат, ки рӯзи ҳисобу мукофот аст, рӯҳро бо колбад диҳанд ва ҳамаро барангезанд. Ҳар кас кирдорҳои хештан бубинад дар нома набишта, ки ҳар чи карда бошад, ҳама бо ёди вай диҳанд ва миқдори тоату маъсияти вайро маълум гардонанд ба тарозуе,

---

[14] бадан, ҷисм, тан, қолиб;
[15] тӯша;

ки шоистаи он кор бошад. Ва он гоҳ ҳамаро бар сирот гузар фармоянд, ва сирот бориктар аз мӯй ва тезтар аз шамшер бувад. Ҳар ки дар ин олам бар роҳи рост ва сироти мустақим истода бувад, ба осонӣ бар он сирот бигзарад. Ва ҳар ки дар ин ҷаҳон бар роҳи рост ва сироти мустақим ноистода буду роҳи рост надониста буд ва нофармонбардорӣ карда буд, бар сирот роҳ наёварад ва ба дӯзах уфтад. Ва бар сирот ҳамаро бидоранду битурсанд аз ҳар чи карда бошанд: ҳақиқати сидқу ростӣ аз содиқон дархоҳанд ва мунофиқону муроиёнро[16] ташҳир диҳанду фазиҳат[17] кунанд. Ва гурӯҳеро бе ҳисоб ба биҳишт баранд, ва гурӯҳеро ҳисоб кунанд ба осонӣ ва гурӯҳеро ба душворӣ; ва ба охир кофиронро ба дӯзах баранд, чунон ки ҳаргиз халос наёванд. Ва мутеони мусулмононро ба биҳишт баранду осиёнро ба дӯзах фиристанд. Ҳар киро шафоати анбиё[18]-ву уламо ва бузургони дин дарёвад, афв кунанд. Ва ҳар киро шафеъ набувад, ба дӯзах баранд ва бар миқдори гуноҳ уқубат кунанд ва ба охир бо биҳишт оваранд, агар имон ба саломат бад-он ҷаҳон бурда бошанд.

## АСЛИ ДАҲУМ — ДАР ФИРИСТОДАГОНИ ҲАҚҚ ТАЪОЛО

Бидон, ки чун эзид Таъоло ин тақдир карда буд, ки кирдору аҳволи одамӣ баъзе сабаби шақоват[19] бувcovers баъзе сабаби саодат ва одамӣ он аз хештан натавонад шинохтан, ба ҳукми фазлу раҳмати хеш фариштагонро биёфариду бифармуд, то касонеро, ки дар азал ба саодати эшон ҳукм карда буд ва он пайғомбаронанд аз ин роз огоҳ кунанд ва эшонро пайғом доду ба халқ фиристод, то роҳи саодату шақовати эшонро ошкор кунанд, то ҳеҷ касро бар худой Таъоло ҳуҷҷат намонад. Ва пас ба охири ҳама расули моро Муҳаммад Мустафо (саловотуллоҳи алайҳ[20]) ба халқ фиристод ва нубуввати[21] ӯро ба дараҷаи камол расонид, чунон ки ҳеҷ зиёдатро ҷой намонд. Бад-ин сабаб ӯро хотами анбиё кард, ки пас

---

[16] дурӯягонро;
[17] расво, шармсор;
[18] ҷамъи «набӣ», яъне пайғамбарон;
[19] бадбахтӣ;
[20] дуруди худованд бар ӯ;
[21] пайғомбарӣ;

аз ӯ ҳеҷ пайғомбар набошад. Ва ҷумла халқро аз ҷину инс мутобаати[22] ӯ фармуд ва ӯро сайиди ҳама пайғомбарон кард ва ёрону асҳоби ӯро беҳтарин ёрону асҳоби пайғомбарон кард.

## Оғози шохҳои дарахти имон

Бидон, эй малик, ҳар чи дар дил бошад аз донишу эътиқод, бехи имон аст, ва ҳар чи бар ҳафт андом равад аз тоату адл, шохи имон аст. Ва чун шох пажмурда шуд, далел он бувад, ки бех заиф бувад ва ба вақти марг пойдор набошад ва биуфтад, ки кирдори тан унвони имони дил аст ва кирдорҳо, ки шохи имон аст, он аст, ки аз ҳар чи ҳаром аст, дур бошӣ, ва ҳар чи фариза[1] аст, ба ҷой оварӣ. Ин ду қисм аст: яке миёни ту аст ва Ҳаққ Таъоло чун намозу рӯза ва дур будан аз ҳаром хӯрдану ҳаром кардан. Ва дигар миёни ту ва халқ аст ва он адл аст бар раият ва даст бидоштан аз зулм.

Ва асл он аст, ки дар ҳар чи миёни ту ва Ҳаққ Таъоло аст он кунӣ аз фармонбурдорӣ, ки раво дорӣ, ки бандагони ту дар ҳаққи ту кунанд. Ва ҳар чи миёни туву халқ аст, он кунӣ, ки агар ту раият бошӣ ва дигаре султон, раво дорӣ, ки бо ту кунад.

Ва бидон, ки он чи миёни ту ва Ҳаққ Таъоло аст, афв бад-он наздиктар аст. Аммо он чи ба мазолими[2] халқ тааллуқ дорад, дар қиёмат ба ҳеҷ ҳол фурӯ нагузоранд ва хатаре азим аст. Ва аз ин хатар нараҳад ҳеҷ султон илло он ки адл кунад бар раият. Ва чун чунин аст, муҳимтар он аст, ки усули адл пайдо кунем, то бидонӣ, ки дар қиёмат адлу инсоф аз ту чигуна дархоҳанд хостан. Ва усули адлу инсофи раият бар даҳ гуна аст:

## АСЛИ АВВАЛ

Он аст, ки волӣ нахуст қадри вилоят бидонад, ва хатари он низ бидонад, ки вилоят неъматест, ки ҳар ки ба ҳаққи он қиём кунад, саодате ёбад, ки вароп[3] он ҳеҷ

---

[22] итоат, тобеият;
[1] фарз, воҷиб;
[2] дод, додхоҳӣ
[3] паси, аз паси;

саодат набувад. Ва далел бар бузургии қадри ин неъмат он аст, ки расул (саллаллоҳу алайҳи ва саллам)[4] гуфт: «Якрӯза адли султони одил фозилтар аз ибодати шастсола бувад». Ва низ гуфт алайҳи-с-салом, ки он рӯз, ки қиёмат бувад, ҳеҷ соя ва паногоҳ намонда бувад, илло соя ва паноҳгоҳи худой Таъоло, ва ҳафт кас дар он соя бошанд: яке султон, ки бар райяти хеш адл кунад ва дуввум ҷавоне, ки дар ибодати худой Таъоло барояд, ва саввум марде, ки ба бозор бошаду дилаш бо масҷид бувад, ва чаҳорум ду мард, ки бо якдигар дӯстӣ кунанд барои худой, ва панҷум марде, ки худойро дар хилват ёд кунад ва ашк аз чашм фурӯ борад, ва шашум марде, ки ӯро зане бо ҷамолу мол ба худ хонад, вай гӯяд ман аз худой метарсам; ҳафтум марде, ки ба дасти рост садақа медиҳад, чунон ки дасти чапи вай хабар надорад.

Ва расул (салавотуллоҳи алайҳ) гӯяд: «дӯсттарин ва наздиктарин касе ба худой Таъоло султони одил аст ва душмантарин ва хортарин касе ба худой Таъоло султони золим аст». Ва низ гуфт: «Бидон худое, ки ҷони Муҳаммад ба фармони ӯст, ки ҳар рӯзе султони одилро чандон амал ба осмон баранд, ки баробари амали ҷумлаи райяти ӯ бошад, ва ҳар намозе аз они вай ба ҳафтод ҳазор намоз барояд»

Пас, чун чунин бувад, чи неъмат бувад беш аз он ки эзид Таъоло касеро ба дараҷаи вилояту султонӣ диҳад, то як соат аз умри вай ба ҷумлаи умри дигаре барояд. Ва чун касе қадри ин неъмат нашиносад ва ба зулму ҳаво машғул шавад, бими он бувад, ки худой Таъоло ӯро ба душман гирад.

Аммо азимии хатари вилоят он аст, ки Ибни Аббос[5] (разияллоҳу анҳу)[6] мегӯяд, ки рӯзе расул (саллаллоҳу алайҳ) биёмад ва ҳалқаи дари Қаъба бигирифт ва дар хона қавме буданд аз Қурайш[7]. Гуфт: «Ё содоти[8] Қурайш, бо райят ва зердастон се кор ба ҷой оваред. Чун аз шумо раҳмат хоҳанд, раҳмат кунед, ва чун ҳукм хо-

---

[4] Дуруд ва саломи худой бар ӯ бод (чунин дуо пайваста бо номи пайғомбар Муҳаммад зикр кунанд).

[5] Абдулло ибни Аббос (ваф. 68 ҳ. 692 м), амакбачаи Муҳаммад, ҳамчун муфассир ва муҳаддис маъруф аст;

[6] худованд аз ӯ розӣ бошад (ин дуо пайваста бо номи аҳли хонадони Муҳаммад зикр кунанд);

[7] қабилаи маъруф дар шаҳри Макка, ки пайғомбар Муҳаммад ба он мансуб аст;

[8] эй меҳтарони...

ханд, адл кунед, ва он чи гӯянд, бикунед. Ҳар он касе, ки ин накунад, лаънати худою фариштагон ва ҷумлаи одамиён бар вай бод ва худой аз ӯ фаризаву суннат мепазирад». Ва гуфт: «Ҳар ки дар миёни ду хасм ҳукм кунад ва зулм кунад, лаънати худой бар ӯ». Ва гуфт алайҳиссалом: «Рӯзи қиёмат Ҳакқ Таъоло бо се кас нанигарад: яке султони золими дурӯғзан ва дуввум пири зонӣ[9] ва саввум гадои гундо[10], дарвеши мутакаббиру лофзан. Ва расул (саллаллоҳу аалайҳи ва саллам) фармуд мар саҳобаро, ки рӯзе ояд, ки аз ҷониби машрику мағриб фатҳ уфтаду шуморо шавад ва ҳама уламоёни он навоҳӣ дар оташ бошад, илло он ки аз худой Таъоло бипарҳезад ва роҳи тақво гираду амонат гузорад. Ва гуфт алайҳи-с-салом, ки ҳеҷ бандае нест, ки Ҳакқ Таъоло раиятеро бад-ӯ супорад ва ӯ бо эшон ғишш кунад ва шафқату насиҳат ба ҷой наёварад, ки на худой биҳишт бар вай ҳаром кунад.

Ва гуфт: «Ҳар ки (ӯро) бар мусулмонон вилоят диҳанду вай эшонро чунон нигоҳ надорад, ки аҳли байти хешро, гӯ ҷои хештан дар дӯзах фаро гир».

Ва гуфт: «Ду кас аз уммати ман маҳрум бошанд аз шафоати ман: султони золим ва мубтадеъ, ки дар дин ғулув кунад, то аз ҳадд берун гузарад». Ва гуфт: «Азоби саъбтарин рӯзи қиёмат султони золимрост». Ва гуфт алайҳи-с-салом, ки панҷ касанд, ки худой Таъоло бо эшон ба хашм аст. Аар хоҳад, хашми хеш дар ин ҷаҳон бар эшон биронад, ва агар на, қароргоҳи эшон оташ бувад: яке амири қавме, ки ҳакқ аз эшон бистонад ва инсофи эшон аз худ бинадиҳад ва зулм аз эшон боз надорад. Дуввум раиси қавме, ки эшон вайро тоат доранду вай миёни қавиву заиф савият нигоҳ надорад, ва сухан ба майлу муҳобо гӯяд. Ва саввум марде, ки зану фарзанди хешро тоати худой Таъоло нафармояд ва корҳои дин дар эшон наёмӯзад ва бок надорад, ки эшонро таъом аз куҷо диҳад. Ва чаҳорум марде, ки муздуро гирад, кораш тамом бикунад ва аз музди он муздурӣ гирад. Ва панҷум марде, ки дар ковин бар зани хеш зулм кунад.

Ва Умар (разияллоҳу анҳу) як рӯз хост, ки бар ҷанозае намоз кунад. Марде фаро пеш шуд ва намоз кард. Ва чун дафн кардандаш, даст бар гӯри ӯ ниҳоду гуфт: «Бор худоё, агар азобаш кунӣ, сазад, ки дар ту осӣ шу-

[9] зинокор;
[10] густох.

да бошад, ва агар раҳмат кунӣ, ҳоҷатманди раҳмат аст. Ва хушук туро, эй мурда, ки харгиз на амир будиву на ариф, ва на котиб будиву на авон ва на ҷобӣ». Ин гуфт ва аз чашм нопадид шуд. Умар бифармуд, то талабаш карданд, наёфтанд. гуфт: «Он Хизр будааст (алайҳи-с-салом)»

Ва расул гуфт (саллаллоҳу алайҳи ва саллам): «Вой бар амирону вой бар арифону вой бар авонон! Ва эшон касоне бошанд дар қиёмат, ки хоҳандӣ, ки ба муобаи геш аз осмон овехта будандӣ ва ҳаргиз авонӣ накарданди ва амал».

Ва гуфт алайҳи-с-салом, ки ҳеҷ касро бар даҳ кас вилоят надиҳанд, илло ки рӯзи қиёмат вайро меоранд даст ба ғулл баркашида. Агар некукор буд, раҳо кунад, ва агар не, ғулле дигар барафзоянд.

Ва Умар (разияллоҳу анҳу) гуфт: «Вой бар довари замин аз Довари осмон он рӯз, ки ӯро бинад, магар он, ки дод бидиҳад ва ҳақҳ гузорад ва ҳайфу майли ҳукм накунад, ва ба хешовандон майл накунад ва ба биму умед ҳукм бинигардонад, валекин китоби худойро оина созад ва дар баробари чашми хеш биниҳаду бад-он ҳукм мекунад».

Ва расул (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) гуфт: «Рӯзи қиёмат волиёнро биёранд ва Ҳаққ Таъоло гӯяд: «Шумо шубонони гӯсфандони Ман будед ва хазинадорони мамлакати Ман будед. Чаро касеро, ки ҳадд зи диду укубат кардед, беш аз он кардед, ки ман фармудам». Гӯянд: — «Бор худоё, аз хашми он, ки бо Ту хилоф карданд». Гӯяд: «Чаро боист, ки хашми шумо аз хашми Ман беш будӣ». Ва якеи дигарро гӯяд: «Чаро укубат камтар аз он кардӣ, ки ман фармудам?» Гӯяд: «Бор худоё, бар вай раҳмат кардам». Гӯяд: «Чаро боист раҳмати ту аз раҳмати Ман бештар будӣ». Пас бифармояд: «Бигиред онро, ки бияфзуд ва онро, ки бикост ва гӯшаҳои дӯзах бар-эшон баё кунед»

Ва Ҳузайфа (разияллоҳу анҳу) гуфт: «Ман боре бар ҳеч волӣ сано нагӯям, агар нек бошаду агар бад». Гуфтанд: «Чаро?» Гуфт: «Аз он, ки аз расул (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) шунидам, ки рӯзи қиёмат ҳама волиёнро биёранд, золимро ва одилро ва ҳамаро бар сирот бидоранд ва Ҳаққ Таъоло бар сирот ваҳй фиристад, то эшонро бияфшонад фишондане, ки ҳеҷ ки дар ҳукм ҷавр карда бошад, ё дар қазо ришват сутуда бошад, ё гӯш фаро хасм зиёдат дошта бошад, на, ки ҳа-

ма биёфтанд дар дўзах ва мешаванд то он гоҳ, ки ба қароргоҳ расанд»

Дар хабар аст, ки Доуд (алайҳис-салом) мутанаккир[11] берун шудӣ, чунон, ки кас вайро нашинохтӣ ва ҳар киро дидӣ, аз сирати Доуд мепурсидӣ. Рӯзе Ҷабраил[12] (алайҳи-с-салом) бар сурати марде пеши вай омад, аз вай пурсид. Гуфт: «Мардест Доуд агар на онастӣ, ки таъом аз байтулмол мехӯрад, на аз дасти ранҷи хеш». Доуд бо меҳроб шуд ва мегиристу мегуфт: «Бор худоё, маро пешае биомӯз, ки аз дасти ранҷи хеш хӯрам». Пас худой Таъоло вайро зиреҳгирӣ[13] биомӯхт.

Ва Умар (разияллоҳу анҳу) ҳар шаб ба ҷои асас[14] мегардида, то ҳар ҷо халале бидидӣ, тадорук[15] кардӣ. Ва гуфт: «Агар гӯспанде гургин бар канори Фурот бигузоранду равған дар вай намоланд, тарсам, ки рӯзи қиёмат маро аз он бипурсанд. Боз он, ки адлу эҳтиёти вай чандон бувад, ки ҳеҷ одаме бад-он нарасад.

Абдулло Умар[16] бо ҷамоати аҳли байти ӯ мегӯяд, ки «Мо дуо карда будем, то худой Таъоло Умарро[17] дар хоб ба мо намояд. Пас аз дувоздаҳ сол вайро ба хоб дидам, ҳаме омадӣ чун касе, ки ғусл карда бошад ва эзоре[18] ба хештан фаро гирифта. Гуфтам, ки ё амир-ал мўъминин чун ёфтӣ худой Таъолоро ва бо ту чи эҳсон кард? Гуфт: «Ё Абдулло, чанд аст, то аз наздики шумо биомадам? Гуфтам: —дувоздаҳ сол. Гуфт: —то кунун дар ҳисоб будам ва бими он буд, ки кори ман табоҳ шавад, агар на он будӣ, ки Ҳаққ Таъоло раҳмат кардӣ».

Ҳоли Умар чунин буд бо он, ки дар ҳама дунё аз асбоби вилоят диррае[19] беш надоштӣ.

## Ҳикоят

Қайсари Рум расуле фиристод, то бингарад, ки Умар чигуна мардест ва сирати вай чист. Чун ба Мадина расид, пурсид, ки малики шумо куҷост? Гуфтанд:

---

[11] тағйири шаклу андомкарда;
[12] фариштае, ки ваҳйи худовандӣ ба Муҳаммад меовард;
[13] зиреҳдӯзӣ;
[14] шабгирӣ, посбони шаб;
[15] ислоҳ;
[16] дурусташ Абдулло бинни Амр бинни Ос (дар «Кимиёи саодат» ҳам ба ин ном зикр шудааст), яке аз бузургони саҳоба;
[17] яъне Умар ибни Хаттобро.
[18] ҷодар, болопӯш;
[19] тозиёна;

— «Моро амирест ба дарвоза беруи шуда аст». Расули Рум беруи шуд, Умарро дид, ки дар офтоб хуфта бар замину реги гарм ва дирра зери сар ниходаву арақ аз пешонии вай мерафт, чунон ки замин тар шуда буд. Чун он ҳол бидид, дар дили вай азим асар кард ва гуфт: —«Касе, ки ҳама мулуки олам аз ҳайбати вай бекарор бошанд, хуфтани вай чунин бошад», «Пас гуфт: — «Эй Умар, адл кардӣ, лоҷарам, эмин хуфтӣ, ва малики мо ҷавр кард, лоҷарам, ҳамеша ҳаросон бошад. Гувоҳӣ диҳам, ки дини ҳаққ дини шумост, агар на онастӣ, ки ба расулӣ омадаам, дарҳол мусулмон шудаме, валекин пас аз ин худ оям ва мусулмон шавам».

Пас хатари вилоят ин аст ва шарҳи он дароз аст, ва волӣ бад-он саломат ёвад, ки ҳамеша ба уламои диндор наздик бувад, то роҳи адл ба вай меомӯзанд ва хатари ин кор бар вай тоза медоранд дамодам.

## АСЛИ ДУВВУМ

Он, ки ҳамеша ташна бошад ба дидори уламои дин ва ҳарис бувад бар шунидани насиҳати эшон, ва парҳез кунад аз дидори уламои ҳарис бар дунё, ки ӯро сано гӯянд ва ишва диҳанд ва хушнудии ӯ талаб кунанд, то аз он мурдори ҳаром, ки дар дасти вояст, чизе ба макру ҳилат[20] ба даст оваранд. Ва олими диндор он бувад, ки бад-ӯ тамаъ надорад ва инсофи вай бидиҳад, чунон, ки Шақиқи Балхӣ[21] наздики Ҳорунаррашид[22] шуд. Ҳорун ӯро гуфт:— Шақиқи Зоҳид тӯӣ? Гуфт Шақиқ:— манам, аммо зоҳид на. Гуфт:— маро панде деҳ. Гуфт: — худой Таъоло туро ба ҷои Сиддиқ[23] биншонда аст ва аз ту сидқ дархоҳад, чунон ки аз вай. Ва ба ҷои Форуқ[24] биншонда аст ва аз ту фарқ дархоҳад миёни ҳаққу ботил, чунон ки аз вай. Ва ба ҷои Зиннурайн[25] ниншонда аст ва аз ту шарму карам дархоҳад, чунон ки аз

---

[20] ҳила;
[21] халифаи панҷуми аҳди Аббосиён (786—809);
[22] Абӯ алӣ Шақиқ бинни Иброҳими Балхӣ (ваф. 190 х. 818 м), яке аз бузургони тасаввуф дар Хуросон;
[23] лақаби Абӯ Бакр (568—634), халифаи нахустини Рошидин;
[24] лақаби Умар ибни Хаттоб;
[25] лақаби Усмон ибни Аффон (ваф. 656), халифаи саввуми Рошидин, азбаски шавҳари 2 духтари пайғамбар Муҳаммад (Рукия ва баъди вафоти он Умм Кулсум) буд, ба ӯ чунин лақаб додаанд;

вай. Ва ба ҷои Алӣ ибни Абӯтолиб[26] нишонда аст ва аз ту илму адл дарxоҳад, чунон ки аз вай. Гуфт: —биафзой дар панд. Гуфт: —оре, худой Таъолоро саробест, ки онро дӯзах гӯянд ва туро дарбони ӯ сохта аст ва се чиз ба ту дода аст: байтулмол ва шамшер ва тозиёна ва гуфта аст, ки бад-ин се чиз халқро аз дӯзах боз дор. Ҳар ҳоҷатманд, ки наздики ту ояд, ин мол аз вай боз магир, ва ҳар ки фармони худой Таъоло хилоф кунад, бад-ин тозиёна вайро адаб кун, ва ҳар ки касеро ба ноҳақ бикушад, вайро бозкуш ба дастури валии мақтул, ки агар ин накунӣ, пешрави аҳли дӯзах ту бошӣ ва дигарон бар паи ту оянд. Гуфт: —зиёдат кун ва панд деҳ. Гуфт:—чашма туӣ ва дигар уммол[27] ҷӯй. Агар чашма рӯшан бувад, тирагии ҷӯйҳо зиён надорад ва агар чашма тира бувад, рӯшании дигар ҷӯйҳо суд надорад.

## Ҳикоят

Ҳорунаррашид бо Аббос ва хавосси хештан ба наздики Фузайли Иёз[28] шуд. Чун ба дари хона расид, Фузайл Қуръон мехонд. Бад-ин оят расида буд, ки «Ам ҳасиба-л-лазина-ҷ-тара-ҳӯ-с-сайиоти ан наҷъалаҳум ка-л-лазина оманӯ ва ъамилӯ-с-со-лиҳоти савоан маҳёҳум ва мамотуҳум соа мо яҳкуман»[29]. Маънии ин оят он аст, ки пиндоштанд касоне, ки корҳои бад карданд, ки Мо эшонро баробар дорем бо касоне, ки имон оварданд ва корҳои нек карданд; ҳукме бад эшон мекунанд!.

Ҳорун гуфт: «Агар панд талаб мекунем, ин кифоят аст. Пас гуфт: Дар бизан. Аббос дар бизад ва гуфт: —Амирулмӯъминииро дар боз кун. Гуфт: —Амирулмӯъминин ба наздики ман чи кунад? Гуфт: —Амирулмӯъмининро тоат дор ва дар боз кун.

Ва шаб буд, чароғ бинишонд ва дар боз кард. Ҳорунаррашид дар торикӣ даст гирди ӯ бармеовард, то дасташ ба дасти Фузайл боз омад ва гуфт: —«Оҳ аз ин даст бад-ин нармӣ, агар аз азоби худой Таъоло наҷот наоварад. Онгоҳ гуфт: —Ё амиралмӯъминин, ҷавоби худойро сохта бош рӯзи қиёмат, ки туро бо ҳар мусулмо-

---

[26] халифаи чаҳоруми Рошидин (ваф. 661), амакбача ва домоди пайғамбар Муҳаммад.

[27] ҷамъи *«омил»*, яъне ҳокимон.

[28] Фузайл ибни Иёзи Марвазӣ (ваф. 187 ҳ. — 814 м), яке аз бузургони илми ҳадис;

[29] сураи ал-Ҷосия, ояти 20;

не як-як биншонад ва инсофи эшонро аз ту талаб кунад».

Ҳорунаррашид ба гиристан истод. Аббос гуфт: — «Хомӯш, ки амирулмӯъмининро бикуштӣ. Гуфт: — Ё Ҳомон[30], ту ва қавми ту ӯро ҳалок кардед ва маро мегӯйи, ки ӯро бикуштӣ? Ҳорун гуфт: — Туро Ҳомон аз он мегӯянд, ки маро ба Фиръавн бинињод».

Пас Ҳорун ҳазор динор дар пеши ӯ бинињод ва гуфт: — Ин ҳалол аст ва аз мерос ва ковини модари ман аст. Фузайл гуфт: — Туро мегӯям аз он чи дорӣ даст бидор ва панох бо худованд деҳ, ту фаро ман медиҳӣ. Аз пеши вай бархост ва зар ба ҷойгоҳ бигзошт ва берун омад.

Ва Умари Абдулазиз[31] Муҳаммад бинни ал-Қарзиро гуфт: — Сифати адл мар маро бигӯй. Гуфт: — Ҳар ки аз мусулмонон аз ту кеҳтар аст, ӯро падар бош, ва ҳар ки меҳтар аст, ӯро писар бош, ва ҳар ки чанди[32] ту аст, ӯро бародар бош, ва уқубати ҳар касе дар хӯрди гуноҳи ӯ кун ва зинҳор то ба хашм як тозиёна бар кас назан, ки онгоҳ ҷои ту дӯзах бувад.

Яке аз зоҳидон наздики халифаи рӯзгор шуд. Халифа гуфт: — Маро панде деҳ. Зоҳид гуфт: — Ман ба сафари Чин рафта будам. Малики Чинро гӯш кар шуда буд ва мегирист. Ва гуфт: — На аз он мегирям, ки шунавоӣ аз ман бишуда аст. Валекин аз он мегирям, ки мазлуме бар дарам фарёд кунад ва ман нашнавам. Валекин шукр мекунам, ки маро чашм барҷост ва мунодӣ кунам, то ҳар ки ба тазаллум[33] ояд, ҷомаи сурх пӯшад. Пас ҳар рӯзе бар пил[34] нишастӣ ва берун омадӣ ва ҳар ки ҷомаи сурх доштӣ, ӯро бихондӣ ва сухани ӯ бишнудӣ ва доди ӯ бидодӣ.

Акнун, ё Амиралмӯъминин, ин кофире буд, ки вайро шафқат бар бандагон чунон буд. Ва ту мӯъминӣ ва аз аҳли байти расул, нигоҳ кун, то шафқати ту чигуна аст бар раияти ту.

Ва Бӯқилоба[35] ба наздики Умари Абдулазиз шуд. Умар гуфт: — Маро панде деҳ. Гуфт: — Аз рӯзгори Одам

---

[30] номи вазири Фиръавн.

[31] Умар ибни Абдулазиз халифаи аҳди уммавиён (717—720), ки дар адлу инсоф ҳамчун Умари II шинохта шудааст;

[32] баробар, ҳамсол;

[33] шикоят аз зулм;

[34] фил;

[35] кунияи Абдулло бинни Зайди Ҷармӣ; зоҳид ва муқаддис;

то имрӯз ҳеҷ халифае намондааст, магар ту. Гуфт: — Биафзой. Гуфт: — Агар худой бо ту бувад, аз чи тарсӣ, ва агар бо ту набувад, ба ки паноҳӣ? Гуфт: — Басанда аст, ин чи гуфтӣ.

Сулаймон ибни Абдумалик халифа буд[36]. Магар рӯзе андеша кард, ки дар ин дунё чандин танаъум[37] бикардам, ҳоли ман дар қиёмат чун бошад? Пас кас ба Бӯҳозим фиристод, ки олим ва зоҳиди рӯзгор буд. Гуфт: — Аз он чи рӯза бад-он гушой, маро чизе фирист. Бӯҳозим порае сабӯси бирёнкарда бад-ӯ фиристод ва гуфт: биман ҳар шаб аз ин хӯрам. Чун Салаймон он бидид, бигирист ва бар дили ӯ азим кор кард ва се рӯз рӯза дошт пайваста, чунон ки ҳеҷ чиз нахӯрд ва саввум шаб бад-он сабӯс рӯза гушод. Чунин гӯянд, ки он шаб бо аҳли хеш сӯҳбат кард, писари вай Абдулазиз падидор омад. Ва аз Абдулазиз — Умар ибни Абдулазиз омад; ки ягонаи ҷаҳон буд ва дар адл монанди Умари Хаттоб буд. Ва гуфтаанд, ки аз баракоти нияти некӯ буд, ки аз он таъом хӯрда буд.

Умар ибни Абдулазизро пурсиданд, ки сабаби тавбаи ту чи буд. Гуфт: — Рӯзе ғуломеро мезадам. Ғулом гуфт: — Ёд кун аз он шабе, ки бомдоди он рӯз қиёмат хоҳад будан. «Ин сухан бар дили ман кор кард».

Яке аз бузургон Ҳорунаррашидро дид, ки дар Арафот[38] пой ва сари бараҳна бар сангрезаи гарм истода буд ва даст бардошта мегуфт: — Бор худоё, ту туй ва ман манам. Кори ман он аст, ки ҳар замон бо сари гунoҳ шавам ва кори ту он аст, ки ҳар замон бо сари мағфират шавӣ. Бар ман раҳмат кун.

Бузургон гуфтаанд бинигаред, ки ҷаббори[39] замин пеши Ҷаббори осмон чи зорӣ мекунад.

Ва Умари Абдулазиз Бӯҳозимро гуфт: — «Маро панд деҳ. Гуфт: — Бар замин хусп ва маргро фаро зери сар неҳ, ва ҳар чи раво дорӣ, ки марг туро дар он дарёбад, нигоҳ дор ва ҳар чи раво надорӣ, аз он дур бош, ки бошад, ки худи марг наздик аст».

Пас бояд, ки соҳиби вилоят ин ҳикоятҳо пеши чашми хеш дорад ва ин пандҳо, ки дигаронро додаанд, бипазирад. Ва ҳар олимеро, ки бинад, панд аз ӯ талаб кунад ва ҳар олиме, ки эшонро панд диҳад, аз ин ҷинс

---

[36] халифаи аҳди уммавиён (715—717).

[37] кайфу сафо

[38] манзилгоҳи ҳоҷиён дар наздикии ш. Макка.

[39] тавоно, соҳиби қудрату нерӯ.

[illegible] ва калимаи ҳакқ боз нагирад ва мулукро ғурур [illegible], ки бо эшон дар он зулм шарик бошад.

## АСЛИ САВВУМ

Он ки бад-он қаноат накунад, ки худ аз зулм даст бидорад, валекин ғуломону чокарон ва гумоштагону ноибони худро муҳаззаб[40] дорад ва ба зулми эшон ризо надиҳад, ки ӯро аз зулми эшон бипурсанд, чунон ки аз зулми вай бипурсанд ва эшонро аз зулми вай бинапурсанд.

Умари Хаттоб (разияллоҳу анҳу) нома набишт ба Мӯсо ал-Ашъарӣ,[41], ки омили ӯ буд: «Аммо баъд некбахттарини раиятдорон касест, ки раият бад-ӯ некбахт бошанд, ва бадбахттарин касе он аст, ки раият бад-ӯ бадбахт бошанд. Зинҳор то фарох фаро наравӣ, ки уммоли ту онгоҳ ҳам чунон кунанд. Ва масали ту чун сутуре[42] бувад, ки сабза бинад ва бисёр бихӯрад, то фарбеҳ шавад ва фарбеҳии ӯ сабаби ҳалоки ӯ бошад, ки бад-он сабаб ӯро бикушанд ва бихӯранд.

Ва дар Таврот аст, ки ҳар зулм, ки аз омили султон расад ва ӯ хомӯш бошад, зулм ӯ карда бувад ва бад-он маъхуз[43] ва муоқаб[44] бувад.

Ва бояд, ки волӣ бидонад, ки ҳеч кас мағбунтар[45] ва беақлтар аз он набувад, ки дину охират ба дунёи каси дигар бифрӯшад ва ҳамаи уммолу чокарон ва ходимони волӣ хидмат барои дунёи хеш кунанд. Ва зулм дар пеши чашми волӣ ороста кунанд, то ӯро ба дӯзах бифиристанд ва эшон ба ғарази хеш расанд. Ва кадом душман бувад азимтар аз он, ки дар ҳалоки ту саъй кунад барои дираме чанд ҳаром, ки ба даст оварад. Ва дар чумла бояд, ки адл бар раият нигоҳ дорад ва чумла хашам ва аҳлу фарзандонро фаро адл дорад.

Ва ин накунад, илло касе, ки нахуст дар андаруни тани хеш адл нигоҳ дорад. Ва адл он бувад, ки зулму шаҳват ва хашм аз ақл боз дорад, то эшонро асири ақлу дин кунад, на ақлу динро асири эшон. Ва бештари

---

[40] боадаб
[41] Абдулло ибни Қайс Ашъарӣ (ваф. 676) дар масъалаи ҳукми хилофат байни Алӣ ва Муовия машҳур аст.
[42] чорпо;
[43] гирифташуда, гирифтор
[44] ҷазодида;
[45] гӯлтар, фиребхӯрдатар

халқ онанд, ки ақлро камари хидмат дарбастаанд барои шаҳват ва хашм, то ҳилате истинбот[46] мекунанд, то шаҳват ва хашмро ба мурод чун расонанд, ва надонанд, ки ақл аз ҷавҳари фариштагон аст ва аз лашкари худой аст, ба ҷуз адлу ростӣ наҷӯяд. Ва шаҳвату хашм аз лашкари иблис аст. Қасе, ки лашкари худойро дар дасти лашкари иблис асир кунад, бар дигарон адл чун кунад?

Пас офтоби адл аввал дар сина падидор оранд, онгоҳ нури он ба аҳли хона расад, пас ба хавоссу уммоли вай, пас ба раият. Ва ҳар ки бе офтоб шуои чашм дорад, талаби муҳол карда бошад.

Бидону огоҳ бош, эй султони олам, ки адл аз камоли ақл хезад, ва камоли ақл он бувад, ки корҳоро чунон ки ҳаст, бинад ва ҳақиқату ботини он дарёвад ва ба зоҳири он ғирра[47] нашавад. Масалан, чун аз адл даст бидорад, аз баҳри дунё нигоҳ накунад, то мақсуди вай аз дунё чист. Агар мақсуд он аст, ки таъоми хуш хӯрад, бидон, ки ин баҳимае[48] бошад ба сурати одамӣ, ки шараҳи[49] хӯрдан кори сутурон бувад. Ва агар барои он кунад, то ҷомаи дебо пӯшад, он зане бувад дар сурати марде, ки раъноӣ кори занон аст. Ва агар барои он кунад, ки то хашми худ бар душманони худ биронад, ин дадае[50] бувад дар сурати одамӣ, ки хашм рондан кори дадагон аст. Ва агар барои он кунад, ки, то мардон ӯро хидмат кунанд, ин ҷоҳилӣ бувад дар сурати оқиле, ки агар оқил будӣ, бидонандӣ, ки ин ҳама ҷокарону хадам ва шикам ва фарҷу шаҳват хешанд ва аз ӯ доми шаҳвати хеш сохтаанд ва суҷуд мекунанд хештанро. Ва нишон он аст, ки агар ба ирҷоф[51] бишнаванд, ки вилоят ба дигаре медиҳанд, ҳама аз вай эъроз кунанд[52] ва бад-он дигар шаванд. Ва ҳар куҷо гумон бурданд, ки сим онҷо хоҳад будан, онҷо шаванд ва хидмату суҷуди онҷо баранд. Пас ба ҳақиқат ин хидмат кардан набувад, ки ин ба риш хандидан бувад. Ва оқил он бувад, ки аз корҳо ҳақиқату рӯҳи он бинад, на сурати он. Ва ҳақиқати ин корҳо чунин аст, ки гуфтаанд, ҳар ки чу-

---

[46] натиҷабардорӣ;
[47] мағрур;
[48] ҳайвоне;
[49] хирс, озмандӣ;
[50] даррандае;
[51] сухани беҳуда ва беасос, сухани фитнаангез;
[52] рӯй гардонанд;

ини донад, оқил нест ва ҷои ӯ дӯзах аст ва аз ин сабаб аст, ки сари ҳама саодатҳо ақл аст.

## АСЛИ ЧАҲОРУМ

Он аст, ки волӣ ғолиби он бошад, ки мутакаббир бувад ва аз такаббур хашм ғолиб шаваду вайро ба интиқом даъват кунад. Ва хашм ғул ва адвои[53] ақл аст ва офати ӯ ва илоҷи он дар китоби «Эҳё»[54] рукни мӯҳлиқот ёд кардаем. Аммо чун ин хашм ғолиб шавад, бояд, ки ҷаҳд кунад, то дар ҳама корҳо майл ба ҷониби афв кунад ва карам ва бурдборӣ пеш гирад ва бидонад, ки чун ин пеша гирифт, монанди анбиё ва авлиё бошад ва чун хашм рондан пеша гирад, монанди сибоъ[55] ва сутурон бувад.

### Ҳикоят

Абӯ Ҷаъфар[56] халифа буд, бифармуд то якеро бикушанд, ки ҷинояте карда буд. Ва Муборак бинни Фазола[57] ҳозир буд. Гуфт: —Ё амиралмӯъминин, нахуст хабаре аз расул (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аз ман бишнав. Гуфт: —Бигӯй. Гуфт: —Ҳасани Басрӣ[58] ривоят мекунад, ки расул (алайҳи-с-салом) гуфт: —Рӯзи қиёмат, дар он вақт, ки ҳама халқро дар як саҳро ҷамъ оваранд, мунодӣ овоз диҳад, ки ҳар киро наздики худой Таъоло дастест, бархезад. Ҳеҷ кас барнахезад, илло касе, ки касеро афв карда бошад. Абӯ Ҷаъфар гуфт: —Даст аз ӯ бидоред, ки ман ӯро афв кардам.

Бештарини хашми вулот аз он бувад, ки касе забон дар эшон дароз кунад, то хоҳад, ки дар хуни ӯ саъй кунад, ва дар ин вақт бояд, ки ёд дорад аз он, ки Исо (алайҳи-с-салом) фаро Яҳё ибни Закариё (алайҳиму-с-салом) гуфт:—Ҳар ки туро чизе гӯяд ва рост гӯяд, шукр кун, ва агар дурӯғ гӯяд, шукр бештар кун, ки дар девони ту амале биёфзуд бе ранҷи ту, яъне ки ибодати он кас бо девони ту баранд.

---

[53] бемории сироятkунанда;
[54] манзури муаллиф шоҳасари чорҷилдаи «Эҳёу улуми-д-дин» аст;
[55] ҷамъи «сабуъ», яъне ҳайвоноти дарранда.
[56] Абӯ Ҷаъфари Мансур халифаи аҳди аббосиён (754—755)
[57] Муборак бинни Фазола ибни Абӣ Умийя (ваф. 791), олим ва муҳаддис;
[58] (642—728), олим ва муҳаддис, яке аз асосгузорони тасаввуф.

Ва дар пеши расул (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мардеро месутуданд, ки фалон азим боқувват мардест. Гуфт: —Чигуна? Гуфтанд: —Бо ҳар ки гуштӣ гирад, ӯро бияфканад ва бо ҳама кас бар ояд. Расул (алайҳи-с-салом) гуфт: —Қавӣ ва мардона он бошад, ки бо хашми хеш бар ояд, на он ки касеро бияфканад.

Ва расул (алайҳи-с-салом) гуфт: —Се чиз аст, ки ҳар ки бад-он расид, имони вай тамом бошад: чун хашм гирад, фурӯ хӯрад, ва чун хушнуд шавад, ҳаққ бинагзорад, ва чун қодир шавад, беш аз ҳаққи худ наситонад.

Ва Умар (разияллоҳу анҳу) гуфт: —Бар хулқи ҳеҷ кас эътимод макун то дар вақти тамоъ[59] ӯро наёзмой.

Ва Алӣ ибни Ҳусайн Зайн-ул-Обидин[60] (разияллоҳу анҳумо) як рӯз ба масҷид мешуд, яке ӯро дашном дод. Қасони вай қасди ӯ карданд. Алӣ гуфт: — Даст аз ӯ бидоред. Пас ӯро гуфт: —Он чи аз мо бар ту пӯшидааст бештар аз он аст, ки ту медонӣ. Ҳеҷ ҳоҷате ҳаст туро, ки он ба дасти мо бароянд, то бад-он қиём кунем. Мард хаҷил[61] ва шармсор бибуд. Алӣ ҷомаи хеш барканд ва бад-ӯ дод ва ҳазор дирам фармуд ӯро. Ва он мард мешуд ва мегуфт: —гувоҳӣ диҳам, ки ин ҷавонмард ҷуз фарзанди пайғомбар нест.

Ва ҳам аз Зайн-ул-Обидин ривоят кунанд, ки ғуломеро ду бор овоз дод, ҷавоб надод. Гуфт: —Нашнидӣ? Гуфт: —Шунидам. Гуфт: —Чаро ҷавоб надодӣ? Гуфт: — Аз хулқи некӯи ту эмин будам, ки маро наранҷонӣ. Гуфт: —Шукр худойро, ки бандаи ман аз ман эмин аст.

Ва ҳам ӯро ғуломе буд, пои гӯспанди ӯ бишкаст. Гуфт: —Чаро кардӣ? Гуфт: —Амдан[62] кардам, то туро ба хашм оварам. Гуфт: —Ман акнун он касро ба хашм оварам, ки туро ин омӯхт, яъне иблис, ва ғуломро озод кард.

Ва яке ӯро дашном дод. Гуфт: —Эй ҷавонмард миёни ману дӯзах ақабаест[63], агар он бигузорам, бад-ин сухани ту бок надорам, ва агар натавонам гузоштан, бадтар аз онам, ки ту гуфтӣ.

Расул (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) гуфт: —Қасе

---

[59] тамаъ;

[60] наберан Алӣ ва аберан пайғомбар Муҳаммад, яке аз имомҳои исноашарӣ (659—713);

[61] хиҷолатманд;

[62] қасдан;

[63] садд, гардана;

бошад, ки ба ҳилм ва афв дараҷаи сонму[64] қоим[65] биё-вад. Ва кас бувад, ки номи вай дар ҷаридаи ҷабборон нависанд ва ҳеҷ вилоят ва ҳукм надорад, магар бар хи-ш хештан. Ва расул (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) гуфт, ки дӯзахро дарест, ки ҳеҷ кас бад-он дар нашавад, магар касе, ки хашми хешро бар хилофи шаръ биронад.

Ва ривоят аст, ки Иблис дар пеши Мӯсо (алайҳи-с-салом) омад, гуфт: —Туро се чиз биёмӯзам, то маро аз Худо Таъоло ҳоҷате хоҳӣ. Мӯсо гуфт: Он се чиз кадом аст? Гуфт: —Аз тундӣ ва тезӣ ҳазар кун, ки тез сабук-сар бувад ва ман бо вай чунон бозӣ кунам, ки кӯдакон бо гӯй[66]. Ва аз занон ҳазар кун, ки ҳеҷ дом фурӯ нагус-турдаам халқро, ки бар он эътиқод дорам, чун занон. Ва аз бахилӣ ҳазар кун, ки ҳар киро бухл[67] бувад, ман дину дунё бар вай ба зиён оварам.

Расул (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) гуфт: —Ҳар ки хашм фурӯ хӯрад ва тавонад, ки биронад, Ҳаққ Субҳонаҳу ва Таъоло дили ӯро аз амну имон пур кунад, ва ҳар ки ҷомаи дароз бо такаббуру хуяло[68] дарнапӯшад ва тавозӯъ[69] намояд, эзид Таъоло ӯро хуллаи[70] каромат пӯшонад.

Расул гуфт: —Вой бар он кас, ки хашмгин шавад ва хашми худой бар хештан фаромӯш кунад.

Ва яке расул (алайҳис-салом)-ро гуфт: —Маро коре биёмӯз, ки бад-он биҳишт шавам. Гуфт: —Хашмгин ма-шав. Гуфт: —Дигар? Гуфт: —Аз ҳеҷ кас чиз махоҳ, ки биҳишт туро аст. Гуфт: —Дигар? Гуфт: —Пас аз намози дигар[71] ҳафтод бор истиғфор кун[72], то гуноҳи ҳафтод-солаи туро афв кунад. Гуфт: —Маро ҳафтодсола гуноҳ нест. Гуфт: —Они модарат. Гуфт: —Модарамро чандин гуноҳ нест. Гуфт: —Они падарат. Гуфт: —Падарамро чандин гуноҳ нест. Гуфт: —Они бародаронат.

Абдуллоҳи Масъуд[73] ривоят кунад, ки рӯзе расул (са-лавотуллоҳи алайҳ) моле қисмат мекард. Яке гуфт ин қисмат на аз баҳри худой Таъолост ва на баинсоф аст.

---

64 рӯзадор;
65 намозгузор;
66 тӯб; тӯби чӯбин, ки онро бо чавгон зананд;
67 бахилӣ;
68 худбинӣ, худписандӣ, гарданкашӣ;
69 хоксорӣ;
70 ҷома, пероҳан;
71 намози аср;
72 мағфират пурс, омурзиш хоҳ;
73 саҳоба ва яке аз наздикони пайғомбар Муҳаммад (ваф.652)

Ибни Масъуд гуфт: —Ин суханро бо расул боз гуфтам. Вай хашмгин шуд ва рӯяш сурх бибуд. Беш аз ин нагуфт, ки худой Таъоло бар бародарам Мӯсо раҳмат кунад, ки ӯро беш аз ин биранҷонданду сабр кард.

Ин ҷумла аз ахбору ҳикоёт кифоят бувад насиҳати аҳли вилоятро. Чун асли имон барҷой бошад, ин қадар асар кунад, ва агар асар накунад, аз он аст, ки дил аз имон холӣ шуда аст ва ҷуз ҳадисе бар забон намонда аст. Имони дил дигар асту гуфтори забон дигар. Ва надонам ҳақиқати имон дар дил чигуна бувад омилеро, ки соле чанд ҳазор дираму динори ҳаром меситонад ва фаро дигаре медиҳад, то ҳама дар зиммати ӯ бувад, ва рӯзи қиёмат аз ӯ талаб кунанд ва манфиати он ба дигаре расад ва ранҷу уқубат бад-ӯ бимонад ва ин ниҳояти ғафлату номусулмонӣ бувад.

## АСЛИ ПАНҶУМ

Он кӣ дар ҳар воқеае, ки пеш ояд, тақдир кунад, ки ӯ раият аст ва дигаре волӣ. Ва ҳар чи ба худ написандад, ҳеҷ мусулмонро написандад, ва агар биписандид, ғишш ва хиёнат карда бошад дар вилоят.

Рӯзи Бадр[74] расул (салавотуллоҳи алайҳ) дар сояе нишаста буд. Ҷабраил (алайҳи-с-салом) биомад, гуфт: — Ту дар соя ва асҳоб дар офтоб чигуна бувад? Бад-ин қадр бо вай итоб карданд. Ва расул (алайҳи-с-салом) гуфт: —ҳар ки хоҳад, ки аз дӯзах халос ёбад ва дар биҳишт шавад, бояд, ки чун марг ӯро дарёбад, ӯ калимаи «Ло илоҳа иллоллоҳу[75]»-ро дарёбад ва ҳар он чи худро написандад, ҳеҷ мусулмонро написандад. Ва гуфт алайҳи-с-салом: —Ҳар ки бомдод бархезад ва ӯро ҷуз худой Таъоло ҳамме[76] дар дил бошад, ӯ на марди худой бувад. Ва агар аз кору тимор[77] дошти мусулмонон холӣ бувад, аз ҷумлаи эшон нест.

---

[74] номи деҳае дар ҷануби ғарбии ш. Мадина, ки дар он соли 624 ҷанг байни мусулмонон ва кофирон рух дода буд;
[75] Нест худое ба ҷуз Оллоҳ.;
[76] фикре, андешае;
[77] парасторӣ, навозиш, дилсӯзӣ;

## АСЛИ ШАШУМ

Он ки интизори арбоби ҳоҷотро бар даргоҳи хеш ҳақир нашиносад ва аз он хатар ҳазар кунад. Ва то мусулмононро ҳоҷате бувад ба ҳеҷ ибодати навофил[78] машғул нашавад, ки гузоридани ҳоҷот аз ҳама навофил фозилтар аст.

Як рӯз Умари Абдулазиз кори халқ мегузорид то вақти намози пешин, монда шуд ва дар хона шуд, то як соат биёсояд. Писари вай гуфт: — Ба чи эминӣ аз он, ки соати марг дарояд ва касе бар даргоҳ мунтазири ҳоҷате бувад, ва ту дар ҳаққи вай тақсир карда бошиву рӯзи қиёмат бад-он маъхуз бошӣ. Гуфт: —Рост мегӯӣ. Бархост ва дарҳол берун омад.

## АСЛИ ҲАФТУМ

Он ки хештанро одат накунад, ки ба шаҳавот машғул шавад, бад-он, ки ҷомаҳои некӯ пӯшаду таъомҳои хуш хӯрад, бал[79] бояд, ки дар ҳама чизҳо қаноат кунад, ки бе қаноат адл мумкин нашавад.

Умари Хаттоб (разияллоҳу анҳу) аз мусулмоне пурсид, ки ҳеҷ шунидӣ аз аҳволи ман, ки онро корех будӣ?[80] Гуфт: —Шунидам, ду нонхӯриш бар хон ниҳодӣ ва ду пироҳан дорӣ, яке барои шаб ва яке барои рӯз. Гуфт: —Ҷуз ин дигар ҳаст? Гуфт: —На. Гуфт: —Бил-лоҳ, ки ин ҳар ду низ набошад.

## АСЛИ ҲАШТУМ

Он ки ҳама корҳо то тавонад ба рафиқ[81] кунад, на ба дуруштӣ. Ва расул (саллаллоҳу алайҳ) гуфт: — Ҳар волӣ, ки бо раияти хеш рифқ накунад, бо вай дар қиёмат рифқ накунанд. Ва дуо кард, гуфт: —Бор худоё, ҳар волӣ, ки бо раият рифқ кунад, ту бо вай рифқ кун, ва ҳар ки дуруштӣ кунад, ту бо вай дуруштӣ гир. Ва низ гуфт: —Некӯ чизест вилоят ва фармон додан касеро, ки ба ҳаққи он қиём кунад. Ва бад чизест вилоят касеро, ки дар ҳаққи он таъсир кунад.

---

[78] ҷамъи *«нофила»*, яъне намози мустаҳабб (ғайри воҷиб);
[79] балки;
[80] бад дидӣ, написандидӣ;
[81] нармӣ;

Ҳишом ибни Абдулмалик[82] аз хулафо[83] буд, пурсид Бӯҳозимро, ки аз ҷумлаи уламо буд, тадбири наҷот чист дар кори хилофат? Гуфт: —Он ки ҳар дираме, ки биситонӣ, аз ҷое ситонӣ, ки ҳалол бувад, ва ба ҷое ниҳӣ ки баҳақҳ бувад. Гуфт: —Ин ки тавонад кардан? Гуфт: —Он ки тоқати дӯзах надорад ва роҳати биҳишт дӯст дорад.

## АСЛИ НУҲУМ

Он ки ҷаҳд кунад, то ҳама раият аз ӯ хушнуд бошанд бо мувофиқати шаръ ба ҳам. Ва расул (алайҳи-с-салом) саҳобаро гуфт: —Беҳтарин уммати ман онанд, ки шуморо дӯст доранд ва шумо эшонро дӯст доред. Ва бадтарин уммати ман онанд, ки шуморо душман доранд ва шумо эшонро душман доред, ва шуморо лаънат кунанд, ва шумо эшонро лаънат кунед. Бояд, ки волӣ, бадон ғирра нашавад, ки ҳар ки бад-ӯ расад, ӯро сано гӯяд, то пиндорад, ки ҳама раият аз ӯ хушнуданд. Ва он ҳама аз бим бувад бал бояд, ки мӯътамидонро фаро кунад, то нек таҷассус кунанду аҳвол аз халқ бипурсанд, ки айби хештанро аз забони мардумон битавон донистан.

## АСЛИ ДАҲУМ

Он ки ризои ҳеҷ кас талаб накунад бар хилофи шаръ, ки ҳар ки аз мухолифати шаръ нохушнуд хоҳад шудан, он нохушнудии ӯро зиён надорад. Ва Умар (разияллоҳу анҳу) мегӯяд: —Ҳар рӯзе, ки бархезам, як нима халқ аз ман нохушнуд бошанд. Ва ло будд[84] ҳар ки инсоф аз ӯ биситонанд, нохушнуд шавад. Пас ҳар ду хасмро хушнуд натавон кардан, ва сахт ҷоҳил касе бувад, ки барои ризои халқ ризои Ҳаққ Таъоло бигузорад.

Ва Муовия[85] нома набишт ба Оиша[86] (разияллоҳу анҳо), ки маро панде деҳ мухтасар. Оиша бад-ӯ набишт, ки аз расул (алайҳи-с-салом) шунидам, ки ҳар ки хуш-

---

[82] халифаи аҳди «уммавиён» (734—743);
[83] ҷамъи *«халифа»*;
[84] лоҷарам;
[85] Муовия ибни Абӣ Суфиён, асосгузор ва халифаи нахусти аҳди уммавиён (661—680);
[86] духтари Абӯбакри Сиддиқ ва ҳамсари пайғомбар Муҳаммад, ки бо лақаби Ум-ул-мӯъминин маъруф аст (611—678).

[illegible] Ҳакқ Таъоло дар нохушнудии халқ ҷӯяд чун то-[illegible] нофармудан ва корҳои дин бад-эшон наомӯхтан ва [illegible] таъоми ҳаром додан ва музди муздурон гириф-[illegible] ва кобини зан надодан. Ҳакқ Таъоло аз ӯ нохушнуд бувад ва халқро безор ва нохушнуд гардонад.

## Пайдо кардани он ду чашма ки обишхӯри дарахти имон аст

Чун бехҳо ва шохаҳои имон маълум шуд, бидон, ки ду чашмаи дониш аст, ки ин дарахт об аз ӯ кашад.

## ЧАШМАИ АВВАЛ: ШИНОХТИ ДУНЁСТ, КИ ВАЙ ХУД ЧИСТ ВА ОДАМИРО БА ДУНЁ БА ЧИ КОР ОВАРДААНД

Бидон, эй султони олам, ки дунё манзилгоҳ аст, на қароргоҳ. Ва одамӣ дар дунё бар сурати мусофирест, ки раҳими модар аввалманзили ӯст ва гӯру лаҳад охирманзили ӯст, ва ватану қароргоҳ пас аз он аст. Ва ҳар соле, ки аз умр мегузарад, чун марҳилаест, ва ҳар моҳе чун истироҳате, ки мусофирро бувад, ва ҳар ҳафтае чун ободоние, ки дар роҳ пеш ояд, ва ҳар рӯзе чун фарсанге ва ҳар нафасе чун гоме, то ба ҳар нафасе, ки барояд бад-он миқдор ба охират наздиктар мешавад. Ва ин дунё чун қантараест, ҳар ки бар қантара гузар кунад ва ба имороти қантара машғул шавад ва рӯзгор бибарад ва манзилгоҳ фаромӯш кунад, беақл бошад. Балки оқил он бувад, ки дар манзилгоҳи дунё ҷуз ба зоди[2] роҳ машғул нашаваду аз дунё ба қадри ҳоҷат кифоят кунад. Ва ҳар чи беш аз ҳоҷат ҷамъ кунад, заҳри қотил буваду ба вақти марг хоҳадӣ, ки ҳама хазоини вай пури хокистарастӣ ва дар ӯ ҳеҷ зару сим нестӣ. Пас ҳарчанд ки ҷамъ беш кунад, насиби ӯ аз пӯшидану хӯрдан беш набувад ва боқӣ ҳама ҳасрату ғам бувад ва ба вақти марг ҷон кандан бар вай душвор буваду «би ҳалолиҳо ҳисобун ва би ҳаромиҳо азобун».[3] Ин он вақт бувад, ки аз

---

[1] [illegible], куфрук;
[2] тӯша;
[3] бо ҳалолаш ҳисоб ҳасту бо ҳаромаш азоб.

ҳалол ҷамъ кунад, аммо агар аз ҳаром бувад, азоби охират худ бар ин ҳасрат зиёд шавад.

Бо ин ҳама чун имон дуруст буваду ба саломат ба наздики Ҳаққ бибарад, навмед будан раво нест, зеро ки Ҳаққ Таъоло ғафуру карим ва раҳим аст.

Ва бидон, эй султони олам, ки роҳати дунё рӯзе чанд аст ва он низ мунағғас[4] ва ба ранҷ омехта, ва сабаби он роҳати ҷовидона, ки боқӣ хоҳад будан дар охират, фавт хоҳад шудан ва он подшоҳии бениҳоят аст. Пас бар оқил осон бувад рӯзе чанд сабр кардан барои осоиши ҷовидон, ки агар касе маъшуқае дорад ва ӯро гӯянд: — Агар имшаб пеши маъшуқа шавӣ, низ ҳаргиз ӯро боз набинӣ ва агар имшаб сабр кунӣ, ҳазор шаб ӯро ба ту таслим кунем бе ранҷу бе хатар. Агарчи ишқе азим бувад, сабри якшаба барои ҳазор шаб осон бувад, ва муддати дунё ҳазоряки муддати охират нест, балки боз он ҳеҷ нисбат надорад, ки он бениҳоят аст ва дарозии он дарҳам наояд. Ва дар васфи дунё китобе ҷудогона кардаем, аммо акнун бад-ин қаноат кунем, ки ҳоли дунё бар даҳ мисол ошкоро кунем ва бигӯем:

МИСОЛИ АВВАЛ: дар пайдо кардани ҷодуии дунё. Расул (салавотуллоҳи алайҳ) гуфт: — Бипарҳезед аз дунё, ки вай аз Ҳорут ва Морут[5] ҷодутар аст. Ва аввал ҷодуии ӯ он аст, ки хештан ба ту намояд, чунон ки ту пиндорӣ, ки вай сокин аст ва бо ту қарор гирифта аст. Ва чун дар вай нигарӣ, ва худ ҷунбон аст ва аз ту гурезон аст аладдавом[6]. Валекин ба тадриҷ, зарра-зарра, нафас-нафас ҳаракат мекунад. Ва мисоли дунё чун сояст, ки дар вай нигарӣ, сокин намояд ва худ бардавом меравад.

Ва умри одамӣ ҳам чунин бардавом меравад ва ба тадриҷ ҳар лаҳзате камтар мешавад, монанди дунё, ки аз ту мегурезад ва туро видоъ мекунад ва ту аз он ғофилу бехабар.

МИСОЛИ ДУВВУМ: дигар сеҳри вай он аст, ки хештанро ба дӯстӣ ба ту намояд, то туро ошиқ кунад, ва фаро ту намояд, ки бо ту сохта хоҳад будан, ба каси дигар нахоҳад шудан. Онгоҳ ногоҳ ба душмани

---

[4] тира, ногувор;

[5] номи ду фаришта, ки аз сабаби меҳр ба зане аз ҷинси одамӣ бастан, ба ғазаби илоҳӣ гирифтор гардида, дар ҷоҳи Бобул овехта шудаанд, ва таълими ҷодуро мардум гӯё аз онҳо мегирифтанд;

[6] бардавом.

ту шавад. Ва масали ӯ чун занест нобакор ва муфсида[7] ва балоя[8], ки мардонро ба хештан ғирра мекунад, то ошиқ кунад, онгоҳ ба хона бараду ҳалок кунад.

Ва Исо (алайҳи-с-салом) дунёро дар мукошафоти хеш дид бар сурати пиразане. Гуфт: —Чанд шавҳар доштай? Гуфт: —Дар адад наояд аз бисёрӣ. Гуфт: —Бимурданд ё талоқат доданд? Гуфт: —На, ки ман ҳамаро бикуштам. Гуфт: —Пас аҷаб аз ин аҳмақони дигар, ки мебинанд, ки бо дигарон чи мекунӣ ва дар ту рағбат мекунанд ва ибрат намегиранд.

МИСОЛИ САВВУМ: дигар сеҳри ӯ он аст, ки зоҳири хеш ороста дорад ва ҳар чи бало ва меҳнат аст, пӯшида дорад, то ҷоҳил ба зоҳири вай нигарад ва ғирра шавад. Ва масали вай чун пиразани зишт аст, ки рӯй дарбандад ва ҷомаҳои некӯ пӯшад ва пироян[9] бисёр бар хештан бандад, то халқ аз дур ӯро мебинанд ва бар вай фитна мешаванд. Чун ҷодар аз вай боз гиранд ва фазоеҳи[10] вай бинанд, пушаймон шаванд.

Ва дар хабар аст, ки дунёро биёранд дар қиёмат бар сурати пиразане зишти сабзчашм ва дандонҳои вай берун омада. Чун халқ дар вай нигаранд, гӯянд: «Наъузу биллоҳи минҳо!»[11]. Чист ин бад-ин зиштӣ ва расвоӣ? Гӯянд: —Ин он дунёст, ки шумо аз баҳри ин ҳасаду душманӣ меварзидед бо якдигар ва хунҳои ноҳақ мерехтеду қатъи раҳим[12] мекардед ва ба вай ғирра мешудед. Онгаҳ ӯро ба дӯзах андар оваранд, гӯяд: —Бор худой куҷоанд дӯстони ман? Бифармояд, то эшонро низ ба дӯзах андар оваранд.

МИСОЛИ ЧАҲОРУМ: Қасе, ки ҳисоб баргирад то чанд будааст аз азал, ки дар дунё набуда аст ва чанд аст, он ки бихоҳад будан аз абад. Ва ин рӯзе чанд миёни азал ва абад чанд аст?

Бидон, ки масали дунё чун роҳи мусофир аст, ки аввал маҳд[13] асту охир лаҳад ва дар миёни ӯ манзили чанд аст маъдуд[14]. Ва ҳар соле чун манзиле ва ҳар моҳе чун фарсанге ва ҳар рӯзе чун миле ва ҳар нафасе

---

[7] табоҳкор;
[8] рӯсапӣ, зиёнкор;
[9] зебу зинат, ороиш;
[10] ҷамъи *«фазиҳа»*, яъне расвоиҳо;
[11] Аз ӯ ба худованд паноҳ мебарем;
[12] гусастани пайванди хешовандӣ;
[13] гаҳвора;
[14] бошумор.

чун гоме, ва бардавом меравад. Якеро аз ин роҳ фарсанге монда аст, ва якеро камтар ва якеро бештар, ва вай сокин нишаста аст, чунон ки гӯи ҳамеша ин ҷо хоҳад будан. Ва тадбири корҳо мекунад, ки то даҳ сол бошад, ки бад-он муҳтоҷ набошад. Ва вай то даҳ рӯз ба зери хок хоҳад шудан.

МИСОЛИ ПАНҶУМ: Бидон, ки масали аҳли дунё дар лаззате, ки мёеванд, боз он расвоиву ранҷ, ки аз дунё дар охират хоҳанд дидан, ҳамчун касест, ки таъоми хуш ва чарбу ширин бихӯрад бисёр, то меъдаи ӯ табоҳ шавад. Онгоҳ ганду[15] фазиҳат аз меъдаи хеш ва нафаси нохуши қазои ҳоҷат мебинад ва ташвир мехӯраду пушаймон мешавад ки лаззат гузашт ва фазиҳат бимонд, чунон ки ҳарчанд таъом хуштар, суқл[16] гандатар, ҳамчунин ҳарчанд лаззати ӯлфат бо дунё бештар, оқибати он душвортар ва он дар вақти назъу[17] ҷон кандан падидор ояд.

Ҳар киро неъмати бисёр ва боғу бӯстон ва канизакону ғуломон ва зарру сим бештар, ранҷу фироқи вай ба ҷон додан бештар бувад аз он касе, ки андаке дорад, ва он ранҷу азоб ба марг зоил нашавад, балки зиёдат шавад, ки он дӯстӣ сифати дил аст ва дил бар ҷои хештан бошад ва намирад.

МИСОЛИ ШАШУМ. Ва бидон, эй султони олам, ки корҳои дунё бештар мухтасар намояд ва мардум пиндорад, ки шуғли вай дароз бихоҳад будан. Ва бошад, ки аз яке кори вай сад кор падидор ояд ва умри дароз дар он харҷ шавад.

Ва Исо рӯҳуллоҳ (алайҳи-с-салом) гуфт: —Масали ҷӯяндаи дунё масали хӯрандаи оби дарёст. Ҳарчанд бештар хӯрад, ташнатар бошад ва мехӯрад, то ҳалок шавад ва ҳаргиз он ташнагӣ аз вай бинашавад.

Ва расул (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) гуфт: — Ҳамчунон ки раво набошад, ки касе дар оби дарё шаваду тар нашавад, раво набошад, ки касе дар кори дунё шаваду олуда нашавад.

МИСОЛИ ҲАФТУМ. Масали касе, ки дар дунё ояд чун масали касест, ки ба меҳмонӣ шавад ба наздики мизбоне, ки одати ӯ он бувад, ки ҳамеша сарой ороста дорад барои меҳмонон ва эшонро мехонад гурӯҳ-гурӯҳ.

---

[15] бӯи бад;
[16] вазнинӣ, гаронӣ;
[17] ҷондиҳӣ;

Пас табақе заррини пури гавҳару зар пеши эшон ниҳад ва миҷмаре[18] симин бо уду бахур, то муаттар ва хушбӯй мешаванд, ва табақу миҷмар мегузоранд, то дигар қавм дар расанд. Пас ҳар ки расми мизбон донаду оқил бувад, уду бахур бар оташ ниҳад ва хушбӯй шавад, ва табақу миҷмар ба дили хуш бигузорад ва шукр гуфта биравад. Ва касе, ки аблаҳу нодон бувад, пиндорад, ки ин табақу миҷмар ба вай медиҳанд, то бо хештан бибарад. Чун ба вақти рафтан аз ӯ боз ситонанд, ранҷуру дилтанг шавад ва фарёд даргирад. Пас дунё низ ҳамон меҳмонсароест, сабил[19] бар роҳгузарон, то зод баргиранд ва дар он чиз, ки дар сарой аст, тамаъ накунанд.

**МИСОЛИ ҲАШТУМ.** Масали аҳли дунё дар машғулии эшон ба кори дунё ва фаромӯш кардани охират чун масали қавмест, ки дар киштӣ бошанд ва ба ҷазирае расанд барои қазои ҳоҷату таҳорат берун оянд. Ва киштибон мунодӣ[20] мекунад, ки ҳеҷ кас мабод, ки рӯзгори бисёр барад ва ҷуз ба таҳорату намоз машғул шавад, ки киштӣ ба таъҷил бихоҳад рафтан. Пас эшон дар он ҷазира пароканда шаванд. Гурӯҳе, ки оқил буданд, сабук таҳорат карданд ва боз омаданд, киштӣ фориғ ёфтанд. Ҷое, ки хуштару мувофиқтар буд, бигрифтанд. Ва гурӯҳе дигар дар аҷоиби он ҷазира бимонданду ба наззора боз истоданд ва дар он шукуфаҳои неку мурғони хушовоз ва сангрезаҳои мулаввану[21] банақш менигариданд. Чун боз омаданд, дар киштӣ ҳеҷ ҷон фароҳ наёфтанд ва дар ҷои тангу торик биништастанд. Ва гурӯҳе дигар ба наззора қаноат накарданд ва аз он сангрезаҳо барчиданд ва бо хештан бноварданд, дар киштӣ ҷой наёфтанд ва дар ҷои тангтар биништастанд ва бори он бар гардан ниҳоданд. Чун рӯзе чанд баромад, ранги он сангрезаҳо бигардиду торик шуд ва буйҳои нохуш омадан гирифт. Ҷой наёфтанд, ки биандозанд ва пушаймонӣ мехурданд ва бору ранҷи он бар гардан мекашиданд. Ва гурӯҳе дигар дар аҷоиби он ҷазира мутааҷҷибу мутаҳайир шуданд ва ҳамчунон наззоракунон мешуданд, то аз киштӣ дур афтоданд ва киштӣ бирафту мунодии киштӣ ба он нашниданд ва дар ҷазира ме-

---

[18] бахурдон, удсӯз, миниқал;
[19] роҳ;
[20] нидо;
[21] рангин.

буданд то баъзе ҳалок шуданд аз гуруснагӣ ва баъзеро сибочу дадон ҳалок карданд.

Пас он гурӯҳи аввал масали мӯъминони парҳезгор аст, ки аз дунё ба қадри ҳоҷат басанда карданд. Ва гурӯҳи бозпасин масали кофирон аст, ки худойро ва охиратро фаромӯш карданд ва ҳамагӣ худ фаро дунё доданд. «Ал-лазина-с-таҳаббӯ-л-ҳаёт-ад-дунё ъало-л-охирати ва-т-маъаннӯ биҳо»[22] Ва гурӯҳи миёнин масали осиён аст, ки асли имон нигоҳ доштанд, валекин даст аз дунё бинадоштанд. Гурӯҳе бо дарвешӣ таматтуъ мекарданд ва гурӯҳе бо таматтуъ неъмати бисёр ҷамъ мекарданд, то гаронбор шуданд.

**МИСОЛИ НУҲУМ.** Абӯ Ҳурайра[23] ривоят кунад, ки рӯзе расул (саллоллоҳу алайҳи ва саллам) гуфт: — Ё Або Ҳурайра, хоҳӣ, ки дунё ва ҳар чи дар дунёст фаро ту намоям? Гуфтам: — Хоҳам. Пас дасти ман бигирифту мебурд, то ба саргиндоне, ки дар он ҷо сарҳои одамиён буд андохта ва устухонҳо мондаву пӯсида ва хирқапораҳои кӯҳна рехта дар палидиҳои одамиён. Гуфт: — Ё Або Ҳурайра, ин сарҳои мардумон, ки мебинӣ, ҳама ҳамчун сарҳои шумо буд пур аз орзуву ҳирси дунё ва ҳамчун шумо умри дароз медоштанд ва ба иморати дунёву ҷамъи мол мекӯшиданд. Имрӯз устухонҳои бараҳна монда аст, чунин ки мебинӣ. Ва ин хирқапораҳо ҷомаҳои эшон буда аст, ки ба вақти таҷаммулу руъунат[24] дарпӯшидандӣ. Акнун бод онро фаро наҷосат мебарад ва ин устухонҳои сутурон ва боргирони эшон аст, ки эшон бар нишастандӣ ва гирди олам баргаштандӣ. Ва ин палидиҳо он таъомҳои хуш аст, ки ба ҳилат ба даст меовардандӣ ва аз якдигар мерабудандӣ. Пас бад-ин расвоӣ аз хештан бияндохтанд, ки ҳеҷ кас аз ганд ба наздики он наметавонад нишастан. Пас ҷумла аҳволи дунё ин аст, ки мебинӣ. Ҳар ки хоҳад, ки бар дунё бигиряд, гӯ бигирӣ, ки ҷой он аст. Ва Абӯ Ҳурайра гӯяд, ҳар ки он ҷо ҳозир буданд, ҳама бигиристанд.

**МИСОЛИ ДАҲУМ.** Дар рӯзгори Исо (рӯҳуллоҳ алайҳи-с-салом) се мард дар роҳе мешуданд. Фаро ганҷе гаронмоя расиданд. Гуфтанд якеро бифиристем, то моро хӯрданӣ оварад. Пас якеро фиристоданд, то таъоме оварад. Он мард бирафт ва таъом бихарид. Гуфт: — онро

---

[22] Ононе, ки ҳаёти индунёиро бар охират писандидаанд ва ба он итминон доштаанд;

[23] саҳоба ва муҳаддиси маъруф (597—675);

[24] зебу ороиш.

захр дар ин таъом бояд кардан, то эшон бихӯранду бимиранд ва ганҷ ба ман бимонад. Ва он дугона иттифоқ карданд, ки чун ин мард боз ояду таъом биоварад, ӯро бикушем, то ганҷ мо ду касро бошад.

Чун ӯ таъоми захролуд биовард, ӯро бикуштанду таъом бихӯрданд, ҳар ду бимурданд ва ганҷ ҳамчунин бар ҷойгоҳ бимонд. Исо он ҷо бигузашт, бидид, фаро ҳавориён гуфт:— Инак дунё нигаред, ки ҳар серо чигуна ҳалок кард ва ӯ аз ҳар се боз монда аст. Вой бар ҷӯяндагони дунё аз дунё!

## ЧАШМАИ ДУВВУМ:
## ШИНОХТИ НАФАСИ БОЗПАСИН АСТ

Бидон, ки одамиён ду гурӯҳанд: гурӯҳе дар ҳолу вақти дунё нигаранд ва умеди умри дароз фаро пеш гиранд ва ҳеҷ аз нафаси бозпасин наяндешанд. Ва гурӯҳе, ки оқил бошанд, ҳамеша он нафаси бозпасинро дар пеши чашм доранд, то чун хоҳад будан ва имон ба саломат чун хоҳанд бурдан. Ва чи чиз аст, ки бо эшон нахоҳад монд ва чи чиз аст, ки душманон бихоҳанд бурдан ва вубол бо эшон бихоҳад мондан. Ва ин андеша бар ҳаман халқ воҷиб асту бар подшоҳон ва аҳли дунё воҷибтар, ки эшон ғуломон ба таштит[25] пеши бандагони худой Таъоло бисёр фиристода бошанд ва биму ҳароси фаровон ба дили халқ даромада бошад аз ғуломони эшон ва дар ҳазрати Ҳақ (Ҷалла ҷалолуҳу) ғуломест номи ӯ Азроил, ки ӯро малак-ул-мавт гӯянд, ва ҳеҷ офарида аз ин шатит[26] нахоҳад ҷастан. Ва ҳама муваккалони мулук ба ҷуъли[27] хеш сим ва хӯрданӣ ситонанд ва ин мувакқал ҷуз ҷон наситонад, ва бо ҳама мувакқалон шафоат ва хоҳиш суд дорад, ва бо ин мувакқал ҳеҷ суд надорад. Ва ҳама мувакқалон як рӯз ва як соат муҳлат диҳанд, ва ин мувакқал як нафас муҳлат надиҳад ва аҷоиби аҳволи ӯ бисёр аст ва мо дар пайдо кардани аҳволи малак-ул-мавт панҷ ҳикоят бигӯем.

ҲИКОЯТИ АВВАЛ. Он аст, ки Ваҳаб бинни Мунаббаҳ[28] ки аз уламои яҳудон буд ва мусулмон шуд, чу-

---

[25] парокандасозӣ;
[26] парокандагӣ;
[27] ҳаққи заҳмат, ришва;
[28] Ваҳаб бинни Мунаббаҳ бинни Комил (ваф. 741) бо номи «Соҳиб-ус-сира», ва «Соҳиб-ул-ахбор ва-л-қисас», маъруф аст;

нин ривоят кунад, ки подшохе буд аз ҷумлаи подшохони бузург. Як рӯз хост, ки барнишинад ба ғалаба, ва ҷумла амирону сипохи лашкари хешро барнишонд, то подшоҳиву бузургвории хеш фаро халқ намояд. Ҷомаҳои фохири гаронмоя фармуд овардан ва дарпӯшид. Ва аспони номдору боргирони некӯ дар пеши ӯ кашиданд, сутуре маъруфро ихтиёр кард, ки аз он беҳтар набуд бо сохту тавқи зар мурассаъ ба ҷавоҳир. Бар-ӯ барнишаст ва дар миёни лашкар бо таҷаммули бисёр асп меронд. Иблис биомаду даҳон бар бинии ӯ ниҳод ва боди кибр дар бинии ӯ дамид, то ба хештан гуфт, ки дар ҷаҳон кист чун ман? Ва асп меронд, бод дар бурут афканда, ва дар ҳеҷ кас наменигарист ба такаббуру гарданкашӣ. Пас марде пеши ӯ омад ҷомаи кӯҳан пӯшида ва салом кард. Подшоҳ ҷавоб надод аз кибр. Он мард даст оварду инони аспи ӯ бигирифт. Гуфт: — «Даст боз дор, ки намедонӣ, ки инони аспи кӣ мегирӣ?» Гуфт: «Моро ба ту ҳоҷатест». Гуфт:— Сабр кун то фуруд оям». Гуфт: — «Акнун хоҳам». Гуфт:— «Бигӯ, то чист?— Гуфт: — «Розест, ки ҷуз дар гӯши ту натавонам гуфтан. Гуфт: — Бигӯ». Сар фаро гӯши вай бурд ва оҳиста гуфт: — «Ман малак-ул-мавтам, ки ҷони ту хоҳам сутудан». Малик биларзид ва гуфт; «Чандон мӯҳлат деҳ, ки боз хона шавам ва зану фарзандро видоъ кунам». Гуфт: — «Ло валлоҳ[29], ту ҳаргиз зану фарзанд ва хона нахоҳӣ дидан ва умри ту шумурда буд, баррасид». Ва ҳам бар пушти асп ҷони ӯ бисутуд. Ва вай бияфтоду ҷон бидод, ва хурӯш аз лашкар бархост. Ва малак-ул-мавт аз он ҷо бирафту ба наздики марде мӯъмин шуд, ки худой Таъоло аз ӯ хушнуд буд ва бар ӯ салом кард. Ҷавоб дод. Гуфт· «Бо ту роз дорам». Гуфт: Ба гӯшам дарбигӯй». Гуфт: «Манам малак-ул-мавт». Гуфт: «Марҳабан бика, алҳамду лиллоҳ[30], ки омадӣ. Интизори ту бисёр кардам ва ғайбати ту дароз бикашид ва дар ҳама ҷаҳон ҳеҷ ғоиб набуд, ки ман бад-ӯ ташнатар будам, ки ба ту». Гуфт: «Акнун шуғле, ки дорӣ, бигузор». Гуфт· «Моро ҳеҷ шуғле беҳтар аз дидори Ҳақк Таъоло нест» Гуфт. «Чигуна хоҳӣ, ки ҷони ту биситонам ки моро фармудаанд, ки ҷони ӯ чунон ситонӣ, ки ӯ хоҳад». Гуфт: «Бигузор, то таҳорат кунам ва намоз кунам, чун дар суҷуд бошам, ҷонам биситон». Малак-ул-мавт ҳамчунон кард ва ӯро ба раҳмати худой бурд. —

[29] Бахудо, ки на;
[30] хуш омадӣ, ҳамду сано бар худо.

ҲИКОЯТИ ДУВВУМ. Ривоят кунанд, ки марде моли бисёр гирд кард ва аз ҳар навъ, ки худой офарида аст аз матои дунё, хост, ки ба даст оварад то хуш нишинад ва мехӯрад ва мезияд. Пас ин неъматҳо ҳама гирд кард ва кӯшке баровард баланду шоҳвор ва некӯву ду дари маҳкам бар вай ниҳод ва ғуломони чалдро[31] ба посбонии он кӯшк барпой кард. Пас як рӯз таъомҳои некӯ бифармуд сохтан ва қавму ҳашами хешро ҷамъ кард, то пеши ӯ таъом хӯранд. Ва ӯ бар тахти подшоҳии хеш нишаст ва такя зад ва бо хештан гуфт: «Ё нафс, неъматҳои дунё ҳама ҷамъ кардӣ. Акнун бо умре дароз фориғ бинишин ва хуш мехӯр». Ҳанӯз дар ин андеша буд, ки марде аз беруни кӯшк бо ҷомае кӯҳна ва турбае дар гардан афканда бар сурати дарвешон, ки нон хоҳанд, биомад ва ҳалқаи дари кӯшк бизад задане сахт ва бо ҳайбат, чунон-к кӯшк биларзиду тахт биҷунбид ва ҳамагон битарсиданд ва ғуломону дарбонон ҳама барҷастанд ва бонг бар ӯ заданд ва гуфтанд: «Ин чи беҳирадист, эй дарвеши гаронҷон! Сабр кун то нон бихӯрем ва туро аз он нимхӯрде диҳем». Гуфт: «Бигӯед ин хоҷаи шуморо то берун ояд, ки ман бо вай коре дорам». Гуфтанд: «Бирав, эй гадо! Туро чи маҳалли он бошад, ки ӯро пеши худ хонӣ?». Гуфт: «Шумо ӯро бигӯед». Бигуфтанд. Гуфт: «Чаро бар ӯ хашм наронд ва истихфоф[32] накардед?». Пас дигарбора ҳалқа бар дар зад азимтар аз бори аввал. Ҳама аз ҷой барҷастанд бо ҷӯбу силеҳ[33], то қасди ӯ кунанд. Бонге сахт бар эшон зад. Гуфт. «Ором гиред, ки манам малак-ул-мавт». Чун ин сухан бишниданд, ҳама битарсиданд ва дасту забони эшонро кор бишуд. Хоҷа гуфт: «Ӯро бигӯед то бадал бисистонад». Гуфтанд. Гуфт: «Наситонам ва барои ту омадаам, то ин неъматҳо, ки ҷамъ овардай, ҳама аз ту ҷудо кунам».

Мард аз дарду ҳасрати дунё боде сард баркашид ва гуфт: «Эй мол, лаънат бар ту бод, ки маро ғирра кардиву аз ибодати худой Таъоло боз доштӣ ва пиндоштам, ки маро даст хоҳӣ гирифтан ва фарёд расидан. Имрӯз бало ва ҳасрати ман шудӣ. Ман дасти тиҳӣ бирафтам ва ту ба душманони ман бимондӣ».

Пас худой Таъоло молро бо вай ба сухан овард, то бо вай гуфт: «Маро баҳри чи лаънат мекунӣ, хештанро

---

[31] ҷобук, ҷолок, неруманд;
[32] таҳқир, назарнагирӣ;
[33] силоҳ ярок.

кун, ки худой марову туро аз хок офарид ва маро ба дасти ту дод, то зоди хештан бисозй роҳи охиратро ва ба закоту садақа ба дарвешон диҳй ва масчид ва пулу рибот кунй, то туро даст гирам бад-он чаҳон. Ва ту маро нигоҳ медоштй ва дар ҳавои хеш нафақа месохтй ва носипосй мекардй, то имрӯз ба душманон бигузоштй ва ту ҳасрату вубол бибурдй. Маро чи гуноҳ буд?».

Пас малак-ул-мавт пеш аз он ки нон бихӯрад, чони ӯ бисутуд ва ӯ аз тахт нагусор бияфтод ва бимурд.

ҲИКОЯТИ САВВУМ. Язиди Рақошй[34] гӯед, ки дар банй Исроил чабборе буд аз чабборони бузург. Як рӯз бар тахти мамлакат нишаста буд, якеро дид, ки дар сарои ӯ даромад бар сурате азими мункар ва ҳоил.[35] Вай аз биму ҳарос аз чой бичаст ва гуфт: «Ту кистй ва туро роҳ ки дод дар хонаи ман?». Гуфт: «Маро роҳ худованди хона дод, ва ман онам, ки маро ҳеч ҳочиб[36] боз натавонад доштан ва аз ҳеч подшоҳ дастуре нахоҳам, чи дар хонаи ӯ шавам ва аз сиёсати ҳеч подшаҳ натарсам ва ҳеч чаббори гарданкаш аз дасти ман натавонад частан».

Чун ин бишнид, бар вай андар афтод ва ларза бар андомаш уфтод. Гуфт: «Ту малак-ул-мавтй?». Гуфт: «Оре». Гуфт: «Ба ҳаққи худой, ки маро як рӯз мӯҳлат диҳй, то тавба кунам ва узре бозхоҳам ва ин молҳо, ки дар хазина ниҳодаам, боз худовандон диҳам». Гуфт: «Албатта, ки рӯзҳои ту шумурда буд ва ҳеч намонда аст». Гуфт: «Як соат мӯҳлат деҳ». Гуфт: «Соат шумурда буд ва чумла бигузашт ва ту ғофил. Ҳеч соат намонда асту ҳеч нафас намонда аст». Гуфт: «Акнун маро бад-он чаҳон мебарй, пеши ман чи хоҳад омадан?». Гуфт: «Ҳеч чиз пеши ту нахоҳад омадан, магар кирдори ту». Гуфт: «Пас ман ҳеч некӯ накардаам». Гуфт: «Лочарам, дӯзах ва хашми худой чои ту хоҳад будан».

Ва чон аз вай бисутуд ва бияфтод. Ва бонгу хурӯш аз мамлакат баромад. Ва агар донистандй, ки бо вай чи хоҳанд кардан, бонгу зорй ва гиристан он вақт бештар кардандй.

ҲИКОЯТИ ЧАҲОРУМ. Ривоят кунанд, ки малак-ул-мавт як рӯз ба наздики Сулаймон ибни Доуд (алайҳи-с-салом) шуд ва тез дар надими ӯ нигарист ва берун шуд. Надим гуфт: «Ё расулуллоҳ, ин ки буд, ки

---

[34] Абӯ Амр Язид бинни Абони Рақошии Басрй, муҳаддис;
[35] даҳшатнок;
[36] дарбон, посбони дар.

дар ман нигарист?». Гуфт: «Малак-ул-мавт буд». Гуфт: «Тарсам, ки маро бихоҳад бурдан. Маро ин соат аз дасти ӯ бираҳон». Гуфт: «Чигуна раҳонам?» Гуфт «Бодро бифармой, то маро ҳамин соат ба замини Ҳиндустон барад, то бошад, ки маро боз наёбад».

Сулаймон бодро бифармуд, то ӯро ба ақсои[37] Ҳиндустон бурд дарҳол ва соат. Пас малак-ул-мавт дигар бора ба наздики Сулаймон боз омад. Сулаймон гуфт: «Чи сабаб буд, ки дар он мард бисёр менигаристӣ?» Гуфт: «Аҷаб медоштам, ки маро фармуда буданд, то ҷони ӯ биситон бар замини Ҳиндустон ва вай аз Ҳиндустон дур буд, то иттифоқ ҳамчунон афтод, ки тақдири илоҳӣ буд».

ҲИКОЯТИ ПАНҶУМ. Ривоят кунанд, ки Зулқарнайн[38] ба қавме расид, ки эшонро аз асбоби дунё ҳеҷ набуд, ва гӯрҳо бар дари хонаҳо фурӯ канда буданд ва ҳар рӯзе он ҷо бирафтандӣ ва зиёрату ибодат кардандӣ дар миёни он гӯрҳо. Ва ҳеҷ таъом набудӣ эшонро ҷуз гиёҳ.

Зулқарнайн касе фиристод ва малики эшонро бихонд. Малик наомад ва гуфт: «Маро бад-ӯ ҳеҷ ҳоҷат нест». Зулқарнайн ба наздики ӯ шуд ва гуфт: «Ҳоли шумо чигуна аст, ки шуморо ҳеҷ чиз намебинам аз зарру сим ва неъматҳои дунё, ки ҳеҷ мол ҷамъ намекунед ва надоред». Гуфт: «Зеро ки кас аз он сер нашуда аст ҳаргиз». Гуфт: «Гӯрҳо бар дари хона чаро кандед?» Гуфт: «Барои он ки то дар вай менигарем ва ёди марг бар мо тоза мешавад ва дунё бар дили мо сард мегардад ва ба ибодат машғул мешавем». Гуфт: «Гиёҳ чаро мехӯред?» Гуфт: «Барои он ки кароҳият[39] дорем, ки шиками хеш гӯри ҷонварон кунем, ки лаззатҳои таъом то халқ беш нест». Пас даст дароз карду косаи сари марде пеш овард ва гуфт: «Ё Зулқарнайн, донӣ, ки ин кӣ будааст?». Гуфт: «Бигӯй». Гуфт: «Ин малике буд аз мулуки дунё ва зулм карду ба ҷамъи дунё машғул шуд ва бар раият ҷавру ситам кард. Ҳаққ Субҳонаҳу ва Таъоло ҷон аз ӯ бисутуд ва ба дӯзахаш фиристод ва ин сари ӯст». Ва боз даст дароз кард ва косаи сари дигаре баргирифт ва фаро пеш оварду гуфт: «Донӣ, ки ин сари кист?». Гуфт: «Бигӯ». Гуфт: «Ин малике буд аз мулукони

---

[37] гӯшаи;

[38] лақаби Искандари Мақдунӣ (маъноаш: «душоха», «соҳиби ду шох»);

[39] бадбинӣ, нафрат.

одил ва некўкор ва бар раият мушфиқ ва меҳрубон. Худой Таъоло ҷони ӯ бигирифт ва ӯро ба биҳишт фиристод».

Ин гуфт ва даст бар сари Зулқарнайн ниҳод ва гуфт: «Зулқарнайн, гӯй, сари ту аз ин ҳар ду кадом хоҳад будан?».

Зулқарнайн зор-зор бигирист ва ӯро дар канор гирифт ва гуфт: «Рағбат куни дар сӯҳбати ман ва вазорати ман, то як нима аз мамлакати хеш ба ту диҳам?» Гуфт: «На». Гуфт: «Чаро?». Гуфт: «Зеро ки ҳама халоиқ душмани туанд ба сабаби молу мулки ту ва дӯсти манаанд ба сабаби дарвешию қаноати ман».

Акнун ин ҳикояти аҳволи нафаси бозпасинро нек маълум бояд кард ва бибояд донистан, ки аҳли ғафлат дӯст надоранд, ки ҳадиси марг шунаванд. Тарсанд, дунё бар дили эшон мунағғас ва нохуш гардад.

Ва дар хабар аст, ки ҳар кас, ки аз марг ва гӯристон бисёр ёд кунад, гӯрро бар хештан марғзоре ёбад аз марғзорҳои биҳишт, ва ҳар ки аз он ғофил бошад ва ёд накунад, гӯрро бар хештан шоре ёбад аз ғорҳои дӯзах.

Як рӯз расул (саллаллоҳу алайҳ) савоби шаҳидон, ки эшонро дар ҷанг кофирон бикуштанд, сифат мекард. Оиша (разияллоҳу анҳо) гуфт: «Ё расуллуллоҳ, ҳеҷ кас бувад, ки ӯ шаҳид набошад ва ӯро савоби шаҳидон бувад?» Гуфт: «Ҳар ки рӯзе бист бор аз марг ёд кунад, вайро савобу дараҷаи шаҳидон бошад».

Ва расул (алайҳи-с-салом) гуфт: «Аз марг бисёр ёд кунед, ки он гуноҳонро каффорат[40] бошад ва дил аз дунё сарду сер гардонед».

Ва аз расул (алайҳи-с-салом) пурсиданд, ки кист зирактарини мардумон ва оқилтарини мардумон кист? Гуфт: «Он ки аз марг беш ёд кунад ва ба сохту сози он машғул бошад, эшонанд зиракону оқилон ва шарафи дунёву кароматн охират эшонрост».

Ҳар ки дунёро, чунон ки гуфтам, бидонист ва нафаси бозпасин бар дили хеш ҳамеша тоза дошт, кори дунё бар вай осон гардаду дарахти имон ба саломат пеши Худой Таъоло барад, иншоаллоҳ!

Худованд (Ҷалла ҷалолуҳу) султони оламро чашми равшан бидиҳод, то дунёву охиратро чунон ки ҳаст, бинад ва ранҷ дар кори охират бараду халқи худойро некӯ дорад, ки сад ҳазорон-ҳазор халоиқ раияти ваянд. Агар бо эшон адл кунад, ҳама шафеи ӯ бошанд. Ва ка-

[40] «каффора», он чи аз василаи он гуноҳро бипӯшонанд.

серо, ки чандин мӯъминон шафеъ бошанд, дар қиёмат эмин бувад аз итобу уқубат. Ва агар бо эшон зулм кунад, ҳама хасми ӯ бошанд. Ва касеро, ки чандин халоиқ хасм бувад, кори вай сахти бохатар бувад ва чун шафеъ хасм гардад, кор мушкил шавад.

*Боби аввал*

## Дар адлу сиёсат ва сирати мулук ва зикри подшоҳони пешин ва таърихи ҳар яке

Бидон ва огоҳ бош, ки худой Таъоло аз банӣ Одам ду гурӯҳро баргузид. Ва ин ду гурӯҳро бар дигарон фазл ниҳод:—яке пайғамбарон ва дигар мулук. Аммо пайғамбаронро бифиристод ба бандагони хеш то эшонро ба вай роҳ намоянд. Ва подшоҳонро баргузид, то эшонро аз якдигар нигоҳ доранд ва маслаҳати зиндагонии эшон дар эшон баст ба ҳикмати хеш, ва маҳалле бузург ниҳод эшонро. Чунон ки дар ахбор мешунавӣ, ки АС-СУЛТОНУ ЗИЛЛ-УЛ-ЛОҲИ ФӢ-Л-АРЗ. Султон сояи ҳайбати худост бар рӯи замин, яъне ки бузург ва баргумоштаи худояст бар халқи хеш. Пас бибояд донистан, ки касеро, ки Ӯ подшоҳӣ ва фарри[1] эзидӣ дод, дӯст бояд доштан ва подшоҳонро мутобеъ[2] бояд будан ва бо мулук мунозаат[3] нашояд кардан ва душман набояд доштан, ки худой Таъоло гуфта аст: «АТИЪӮ-Л-ЛОҲА ВА АТИЪӮ-Р-РАСУЛА ВА ӮЛӢ-Л-АМРИ МИНКУМ»[4] Тафсири ин чунон аст ки мутеъ бошед худойро ва пайғамбаронро ва амирони хешро.

Пас ҳар киро худой Таъоло дин дода аст, бояд, ки мар подшоҳонро дӯст дорад ва мутеъ бошад.

Бидон, ки ин подшоҳӣ худой диҳад, ва онро диҳад, ки ӯ хоҳад. Ва қавлуҳу Таъоло: «ҚУЛ-ИЛ-ЛОҲУММА МОЛИҚ-АЛ-МУЛКИ ТУЪТӢ-Л-МУЛКА МАН ТАШОЪУ ВА ТАНЗИЪУ-Л-МУЛКА МИММАН ТАШОЪУ ВА ТУЪИЗЗУ МАН ТАШОЪУ ВА ТУЗИЛЛУ МАН ТАШОЪУ БИЯДИКА-Л-ХАЙРУ ИННАКА ЪАЛО КУЛЛИ

---

[1] шукӯҳ, шавкат.
[2] пайрав.
[3] ситеза, хусумат;
[4] сураи-ан-Нисо, ояти 58.

ШАЙЪИН ҚАДИР»[5] Гуфт: худой Таъоло подшоҳи ҳама подшоҳон аст ва подшоҳӣ онро диҳад, ки хоҳад, якеро азиз кунад ба фазл ва якеро залил кунад ба адл ва султон ба ҳақиқат он аст, ки адл кунад дар миёни бандагони ӯ ва ҷавру фасод накунад, ки султони ҷоир шум бувад ва бақо набувадаш зеро ки пайғамбар (саллоллоҳу алайҳи) гуфт: «АЛ-МУЛУҚУ ЯБҚО МАЪА-Л-КУФРИ ВА ЛО ЯБҚО МАЪА-З-ЗУЛМ»[6].

Андар таърихҳо чунин аст, ки чаҳор ҳазор сол ин оламро муғон доштанд ва мамлакат андар хонадони эшон буд, ва аз баҳри он бимонд, ки миёни раият адл кардандӣ ва раиятро нигоҳ доштандӣ ва андар кеши хеш ҷавру ситам раво надоштандӣ ва ҷаҳон ба доду адл ободон карданд.

Ва дар хабар омада аст, ки худой Таъоло ба Довуд-пайғамбар ваҳӣ кард, то Довуд қавми хешро бигӯяд, то аҳли Аҷамро дашном надиҳанд ,ки «эшон он касоне буданд, ки ҷаҳон ободон карданд, то бандагони ман дар вай зиндагонӣ мекунанд».

Пас бибояд донистан, ки ободонӣ ва вайронии ҷаҳон аз подшоҳон аст, ки агар подшоҳ одил бувад, ҷаҳон ободон бувад у раият эмин бувад, чунон, ки ба вақти Ардашеру Афридун ва Баҳроми Гӯру Кисро Анӯшервон буд. Ва чун подшоҳ ситамкор бувад, ҷаҳон вайрон шавад, чунон ки ба вақти Заҳҳоку Афросиёб ва Яздигурди базаҳкор[7]-у монанди эшон.

Пас агар касеро мушкил шавад ва гӯяд нашояд будан, ки чаҳор ҳазор сол олам муғон доштанд ва ҳама адл карданд ва ҷавру ситам раво надиданд, инак мо пайдо кардем ҳоли ин маликон ва муддати вилояти эшон ва зиндагониву сирати эшон, ҳар малике алоҳида, ки чигуна зиндагонӣ карданд бо раияти хеш, то ҳар ки бихонад, ишкол аз дили ӯ бархезад. Ва низ бидон, ки ҳар яке аз эшон чанд сол вилоят хӯрданд, ва чун ӯ бирафт аз паси ӯ ки нишаст ба подшоҳӣ, ва аввал подшоҳ аз эшон ки буд ва охир ки буд ва ҳар якеро таърих ёд карда шавад бар тартиби дуруст ном ба ном.

---

[5] «Бигӯ: бор худоё, молики мулк, мулкро медиҳӣ ба он ки хоҳӣ, ва мулкро кашида мегирӣ аз он ки хоҳӣ, ва азиз мегардонӣ касеро хоҳӣ ва залил магардонӣ касеро хоҳӣ, ба дасти туст хайр ҳар оина ту бар ҳама чиз қодирӣ» (сураи Оли Умрон, ояти 26);

[6] Мулк боқӣ мемонад бо куфр, (вале) боқӣ намемонад бо зулм;

[7] гунаҳкор.

## ЗИКРУ АНСОБ-ИЛ-МУЛУК ВА СИЯРИҲИМ ВА ТАВОРИХИҲИМ[8]

Ба ахбор чунин ривоят кунанд, ки Одамро (алайҳис-салом) фарзандон бисёр буданд ва аз фарзандон ду танро баргузид. Яке Шис ва яке Қаюмарс. Ва чиҳил саҳифа аз саҳифаҳои бузург ба эшон дод то бар он кор кунанд. Пас Шисро ба корҳои онҷаҳонӣ баргумошт ба нигоҳ доштани дин ва Қаюмарсро бар корҳои ин ҷаҳон ва подшоҳӣ рондан.

Ва нахустин подшоҳ андар олам Қаюмарс буду подшоҳии ӯ сӣ сол буд. Ва аз паси он Ҳушанг буду подшоҳии ӯ чиҳил сол буд. Ва аз паси ӯ Таҳмурас буду подшоҳии ӯ сӣ сол буд, ва ранҷу ҳаро[9] кардан бо девон ӯро буд. Ва аз паси ӯ Ҷамшед буд, ва падид овардани зину силеҳ ва афзорҳову корҳои бузург ӯро буд ва подшоҳии ӯ ҳафсад сол буд. Ва аз паси ӯ Биварасп буд, он ки ӯро Заҳҳоки зулҳайатайн[10] хонанд ва макру дастон[11]-у ҷодуӣ ва ҷавру ситаму қатл ӯро буд, ва подшоҳии ӯ ҳазор сол буд. Ва аз паси ӯ Афридун буд. Номи нек ва адлу дод густурдан дар олам ӯро буд. Подшоҳии ӯ понсад сол буд. Ва аз паси ӯ Манучеҳр буд, донишу корҳои бузургвор ӯро буд ва подшоҳии ӯ саду бист сол буд. Ва аз паси ӯ Нӯзар буд ва подшоҳии ӯ дувоздаҳ сол буд. Ва аз паси ӯ Афросиёб биомад ва Эрон бигирифт ва туркон ӯро Кинкоалп хонданд, ва шермардиву шабехун ва ошӯби ҷаҳон ӯро буд, ва подшоҳии ӯ андар Эроншаҳр дувоздаҳ сол буд. Ва аз паси ӯ Завбани Таҳмосб буд. Шуҷоат ва некӯхӯӣ ӯро буд, ва подшоҳии ӯ панҷ сол буд. Ва аз паси ӯ Қайқубод буд ва лашкар сохтану дӯстдории раият ӯро буд, ва подшоҳии ӯ саду бист сол буд. Ва аз паси ӯ Қайковус буд, ва ҳимматбаландӣ ӯро буд, ва подшоҳии ӯ саду бист сол буд. Ва аз паси ӯ Қайхусрав буд ва нишасту хости бузургвор ва баромадани корҳои бузургу зоҳид шудан аз паси муродҳо ӯро буд, ва подшоҳии ӯ шаст сол буд. Ва аз паси ӯ Лаҳросб буд ва тоҷу тахту бузургворӣ ӯро буд, ва подшоҳии ӯ чиҳил сол буд. Ва аз паси ӯ Гуштосб буд ва кешдорӣ бар мазҳаби Зардушт ӯро буд, ва подшоҳии ӯ саду бист сол буд. Ва

---

[8] Зикри аслу насаби маликон, ва сирату таърихи подшоҳии эшон;

[9] ҷанг;

[10] дорои ду мор;

[11] макр, фиреб, ҳила, найранг.

аз паси ӯ Баҳмани Исфандиёр буд ва кина хостан бо ҷангу ҷаҳди бисёр ӯро буд ва подшоҳии ӯ саду дувоздаҳ сол буд. Ва аз паси ӯ духтараш буд Ҳумой, ва рой тадбир ӯро буд ва подшоҳии ӯ ҳафдаҳ сол буд. Ва аз паси ӯ Доро буд, ҳазимат[12] ва сутӯҳӣ[13] ӯро буд, ва подшоҳии ӯ чиҳилу як сол буд. Ва аз паси ӯ Дорой бин Доро буд, баркашидани ҳашаму сипоҳ ва додани вилоятҳо ӯро буд ва подшоҳии ӯ панҷоҳ сол буд. Ва аз паси ӯ Искандари Румӣ буд Зулқарнайн, подшоҳ-пайғамбар, ва сафарҳои дарозу дар олам гардидан ва аҷоиб дидан ва футӯҳу қаҳр[14] кардани мулук ӯро буд, ва подшоҳии ӯ сию шаш сол буд. Ва аз паси ӯ Ардашер буд ва подшоҳии ӯ сию се сол буд. Ва аз паси ӯ Ӯрмазд буд ва подшоҳии ӯ се солу се моҳ буд. Ва аз паси ӯ Баҳром бинни Баҳром буд ва подшоҳии ӯ даҳ сол буд. Ва аз паси ӯ Баҳроми Баҳромиён буд ва подшоҳии ӯ чаҳор моҳ буд. Ва аз паси ӯ Нарсӣ буд ва подшоҳии ӯ нӯҳ сол буд. Ва аз паси ӯ Ҳурмуз бинни Нарсӣ буд ва подшоҳии ӯ ҳафтод солу панҷ моҳ буд. Ва аз пас ӯ Шопури Зулактоф[15] буд ва подшоҳии ӯ ҳафтод сол буд. Ва аз паси ӯ Ардашер бародари Шопур буд ва подшоҳии ӯ даҳ сол буд. Ва аз паси ӯ Шопур бинни Шопур буд ва подшоҳии ӯ панҷ сол буд. Ва аз паси ӯ Баҳром бинни Шопур буд ва подшоҳии ӯ дувоздаҳ сол буд. Ва аз паси ӯ Яздигурди базаҳгар буд ва ҷавру зулму фасод кори ӯ буд ва подшоҳии ӯ сӣ сол буд. Ва аз паси ӯ Баҳроми Гӯр буд, ва нигариш кардан ба корҳои раият ва шикор кардан ва шароб хӯрдану ишрат кори ӯ буд, ва подшоҳии ӯ шасту се сол буд. Ва аз паси ӯ Яздигурди Баҳром буд, ва подшоҳии ӯ ҳаштдаҳ сол буд. Ва аз паси ӯ Ҳурмуз буд, ва подшоҳии ӯ нӯҳ моҳ буд. Ва аз паси ӯ Фирӯз бинни Ҳурмуз буд, ва подшоҳии ӯ ёздаҳ сол буд. Ва аз паси ӯ Ашк буд ва подшоҳии ӯ панҷ солу ду моҳ буд. Ва аз паси ӯ Қубод буд ва подшоҳии ӯ чиҳил сол буд. Ва аз паси ӯ Ҷомасби ҳаким буд ва илми нуҷум ва аҳкоми дуруст ӯро буд, ва подшоҳии ӯ солею шаш моҳ буд. Ва аз паси ӯ Анӯшервони Кисро буд ва ӯ фахри ҳама мулуки Эрон буд ба адлу дод ва некӯкорӣ ва ободон доштани вилоят, ва подшоҳии ӯ чиҳилу ҳашт сол

[12] шикаст;
[13] хастагӣ, дармондагӣ, дилтангӣ;
[14] торумор;
[15] дорои шонаҳои пахн, сер китфу бозу.

буд. Ва баъд аз ӯ подшоҳии Ҳурмуз дувоздаҳ сол буд. Ва аз паси ӯ Хусрави Парвиз буд ва ҳеҷ подшоҳе ба хазина ва олати комронии ӯ нарасид чи агар васф кунам, китоб дароз гардад, ва подшоҳии ӯ сию ҳашт сол буд. Ва аз паси ӯ Ширӯй бинни Хусрав буд ва маломагу бевафои ӯро буд, ва подшоҳии ӯ ҳафт моҳ буд. Ва аз паси ӯ Ардашер буд ва подшоҳии ӯ як солу шаш моҳ буд. Ва аз паси ӯ Авгуроз буду ва подшоҳии ӯ панҷоҳу панҷ рӯз буд. Ва аз паси ӯ Тӯрондухт буд ва подшоҳии ӯ шаш моҳ буд. Ва аз паси ӯ Озармидухт буд ва подшоҳии ӯ чаҳор моҳ буд. Ва аз паси ӯ Фаррухзод буд ва подшоҳии ӯ як моҳ буд. Ва аз паси ӯ Яздигурд бинни Шаҳриёр буд охири мулук-ул-Аҷам ва подшоҳии ӯ сию шаш сол буд. Ва аз паси ӯ мусулмонон чира шуданд ва мулки Аҷам бисутуданд ва давлати дину ислом кувват гирифт аз баракоти пайғамбари мо Муҳаммад расуллулоҳ (салавотуллоҳи алайҳи ва саломуҳу) ва рӯзгори хилофати Умар бинни Хаттоб буд.

Акнун бидону огоҳ бош, ки ин ҳамаро, ки ёд кардем, ҷаҳондорон ва подшоҳони замин буданду комраво буданд ва рӯзгори хеш бигузоштанду рафтанд ва аз эшон ном монду кирдори эшон, чунон ки баршумурдем. Ва якин бидон, ки ёдгори мардум сухан аст: ба ҳар чи кунад, ӯро бад-он кирдор ёд кунанд. Агар нек бошад, ӯро ба некӣ ёд кунанд ва агар бад бошад, ба бадаш ёд кунанд. Пас воҷиб аст бар мардум, ки тухми некӣ корад ва аз айбу зиштиҳо дур бувад, хосса мулукро, то аз паси эшон номи некӯ бимонад ва мардумон ӯро ба бадӣ ёд накунанд. Чунон ки шоир гӯяд:

Эй писар аз бадӣ гурезон бош
Бад макун, гар кунӣ, пушаймон бош.
Аз танат дур дор зиштиро
В-аз бади рӯзгор тарсон бош
Аз паси ту сухан бимонаду бас
Бинигар, то чи хубтар — он бош!

Чунин гӯянд, ки ёдкарди озодмардон аз паси эшон зиндагонии дуввум бошад андар дунё. Ва воҷиб аст бар хирадмандон, ки ин ахбори мулукро бархонанду ба ҳоли ин ҷаҳони бевафо нигоҳ кунанд ва дил дар ӯ нabанданд, ки на некӯкорон хоҳанд мондан ва на бадкирдорон. Ва ҷаҳд он бояд кардан, то ҳасм бисёр набувад, ки кори ҳасм душвор аст ва эзид Таъоло додгар аст, чунон ки ба ҳикоят омада аст.

## Ҳикоят

Бӯалӣ Илёс[16], ки сипоҳсолори Нишопур буд, ба наздики Бӯалӣ Даққоқ[17] омад, ки олиму зоҳиди рӯзгор буд ва дар пеши ӯ ба ду зону биншшаст ва ӯро гуфт: «Маро панде деҳ».

Бӯалӣ Даққоқ ӯро гуфт: «Эй амир, масъалае пурсамат, бенифоқ ҷавоб диҳӣ?» Гуфт: «Диҳам». Гуфт: «Маро бигӯй, ки зар дӯсттар дорӣ ё хасм?». Гуфт: «Зар дӯсттар дорам». Гуфт: «Чигуна аст, ки он чи дӯсттар дорӣ, ва он зар аст, ин ҷо ҳаме бигзорӣ ва он чи дӯст надорӣ, ва он хасм аст, бо хештан мебарӣ?».

Амирро об дар чашм омад. Гуфт: «Нек панде додӣ ва ҳама панду ҳикмат андар ин суханат омад».

Аммо худой Таъоло пайғамбарро бифиристод, то аз баракоти ӯ дор-ул-куфр[18] дори ислом ва имон гашт ва ӯро ба фархундатар рӯзе берун овард ва ҷаҳонро ба доду адл ва шариати ӯ ободон кард ,ва малики он замона Нӯшервон буд. Ва Нӯшервон аз ҳама подшоҳони Эрон бигузашт ба доду адлу сиёсат. Ва он ҳама баракоти расули мо буд (саллаллоҳу алайҳи ва саллам), ки ба рӯзгори ӯ дар вуҷуд омад. Ва Нӯшервон пас аз мавлуди пайғамбар ду соли дигар бизист, ва подшоҳии ӯ чиҳилу ҳашт сол буд. Ва пайғамбар (алайҳи-с-салом) ба рӯзгори ӯ фахр кард ва гуфт: «ВУЛИДТУ ФӢ ЗАМАН-ИЛ-МАЛИК-ИЛ-ЪОДИЛ». Гуфт: «Ман ба замонаи малики додгар зодам». Ва «малики додгараш» аз баҳри адл хонд. Ва ин хабар бувад аз адли ӯ ва ҳанӯз аз доду адли ӯ гӯянд бештар аз ҳама мулук, то ҷаҳониён бидонанд, ки номи нек чи некӯст, агарчи кофир аст. Ва маликоне, ки пеш аз ӯ будаанд, мо эшонро ёд кардем. Ҳама ҳиммати эшон он будааст, ки ҷаҳон ободон кардандӣ ва бо раият дод фармудандӣ кардан ва ҳашамро ба сиёсат нигоҳ доштандӣ. Ва осори ободонии эшон андар олам то имрӯз пайдост. Ва ҳар шаҳреро ба маликe боз хонанд ва деҳҳо сохтанд ва корезҳо[19] канданд ва оби чашмаҳо, ки нопадид бибудӣ, берун овардандӣ ва Нӯшервон он ҳамаро ба адлу дод ободон дошт, чунон ки ба ҳикоят омадааст:

---

[16] Абӯ Алӣ Муҳаммад бинни Илёс (ваф. 356 ҳ.—967 м), дар таърих ҳамчун «Малики Кирмон» маъруф аст;

[17] Абӯ Алӣ Ҳасан Муҳаммад Даққоқи Нишопурӣ (ваф. 406 ҳ.—1016 м), яке аз бузургони тасаввуф;

[18] хонаи куфр, манзили кофирон;

[19] каналҳо.

## Ҳикоят

Чунин гӯянд, ки Нӯшервони одил дар айёми подшоҳии хеш хештанро бемор сохт ва устуворон[20] ва аминонро[21] бифармуд, то гирди подшоҳии ӯ бигарданд ва аз вайронаҳо хиште кӯҳна биоваранд, то бемории ӯро бад-он илоҷ кунанд. Ва ба мардумон чунон намуд, ки пизишкон дармони ӯ бад-он фармудаанд. Пас бигаштанд ва боз омаданд. Гуфтанд: «Дар вилояти малик ҳеҷ ҷое вайрон наёфтем, ва на хишти кӯҳан».

Нӯшервон шодмон шуд ва шукр кард ва гуфт: «Ман ин ба озмоиш кардам, то бидонам, ки дар мамлакати ман ҷое вайрона монда аст ё на. Акнун, ки намонда аст, подшоҳӣ батамом ва камол шуд, биҳамдиллоҳи ва минна[22].

Ва бидон, ки кӯшиши он подшоҳони қадим ба ободон доштани ин ҷаҳон буд, аз баҳри он, ки донистанд, ки ҳар чанд ободонӣ бештар, вилояти эшон бештар ва раият баанбӯҳтар бувад. Ва низ донистанд, ки ҳокимони ҷаҳон рост гуфтаанд, ки дин ба подшоҳӣ ва подшоҳӣ ба сипоҳ, ва сипоҳ ба хоста ва хоста ба ободонӣ ва ободонӣ ба адл устувор аст, ва ба ҷавру ситам кардан ҳамдостон набудандӣ ва аз касони хеш бедод кардан раво надоштандӣ, ки мардумон бо ҷавру ситам пой надоранд, ва шаҳрҳову ҷойҳо вайрон шаваду мардумон бигурезанд ва ба вилояти дигарон шаванд, то ободон вайрон гардаду подшоҳӣ ба нуқсон уфтад ва дахл кам шаваду ганҷ тиҳӣ шавад ва айш бар мардумон талху бемаза гардад ва раият подшоҳи ҷобирро дӯст надораду ҳамеша бар вай дуои бад кунанд, то худой Таъоло эшонро бархурдорӣ надиҳад ва зуд ҳалок шаванд.

ХУДОВАНДИ КИТОБ ГӮЯД, ки ситам бар ду гуна аст: яке ситами султонӣ бар раият, ва ситами қавӣ бар заиф ва ситами тавонгар бар дарвеш; ва дувум ситами он аст, ки ту бар тани хеш кунӣ ва он шумии маъсияти ту аст. Пас ту бар тани хештан ситам макун, то худой Таъоло ситам аз ту боз дорад, чунон ки ба ҳикоят омада аст:

---

[20] рутбаи ҳарбӣ миёни гурӯҳбон ва афсарёр;
[21] амонатдор;
[22] ба ҳамду санои худованд ва лутфи ӯ.

## Ҳикоят

Андар банӣ Исроил марде буд сайёд, моҳӣ гирифтӣ ва нёлро бад-он доштӣ. Пас рӯзе моҳӣ мегирифт, як моҳии бузург ба дом андар афтод, шод шуд. Гуфт: Инро бибарам, бифрӯшам ва ба ваҷҳе харҷ кунам.

Моҳӣ баргирифт ва ба бозор мебурд, ҷавоне пеш омадаш ва гуфт: «Ин моҳӣ мефурӯшӣ?». Сайёд бо хештан гуфт: «Агар гӯям фурӯшам, нек нахарад». Гуфт: «Намефурӯшам».

Ҷавонро хашм омад, чӯбе бар пушти ӯ зад ва моҳӣ аз ӯ бисутуд ва баҳо надод. Сайёд, дуои бад кард ва гуфт: «Бор худоё, маро заиф офаридӣ ва ӯро қавӣ. Доди ман бад-ин ҷаҳон бидеҳ, ки маро то бад-он ҷаҳон сабр нест».

Пас он ҷавон моҳӣ ба хона бурд ва занро гуфт: «Инро бирён кун». Зан моҳӣ бирён кард ва бар хонниҳод ва пеши мард овард. Мард даст фароз кард, то бихӯрад. Моҳӣ даҳон боз кард ва ангушти мард бигазид. Мард беқарор шуд ва сӯи пизишк омад. Пизишк гуфт: «Ангушт бибояд буридан ки даст ҳама бигирад». Ангушти ӯро бибуриданд. Дасташ ба дард омад ва беқарор гашт. Пизишк гуфт: «Даст аз панҷа дар бибояд буридан, ки ҳама бозу бигирад». Дасти ӯро бибурид ва бозу ба дард омад ва беқарор бибуд. Пизишк гуфт: «Бозу бибояд буридан». Бозу бибуриданд, китф ба дард омад ва беқарор шуд. Бархост ва рӯй ба биёбон дарниҳод ва фарёд ҳамекард. Дарахте дид ва дар зери он дарахт биншаст ва хоб бар вай афтод, ва бихуфт. Ба хоб дид, ки «Эй мискин! То кай дасти хештан бурӣ? Бирав, хасмро хушнуд бикун!».

Аз хоб бедор шуда ва андеша кард, ёд омадаш. Гуфт: «Ман он моҳиро ба ситам сутудам ва маро моҳӣ газида аст».

Бархост ва ба шаҳр боз омад ва он мардро биёфт. Ба дасту пои мард андар афтод ва зорӣ карду тавба ба фарёд хост ва чизе, ки дошт, ҳама бад-ӯ дод. Ва сайёд хушнуд шуд. Дарҳол дард биоромид ва шаб бар тавба ва нияти некӯ бихуфт. Рӯзи дигар худой бар вай раҳмат кард, дасташ ҳамчунон шуд, ки буд. Пас ваҳӣ омад бар Мӯсо (алайҳи-с-салом), ки «Ё Мӯсо, ба иззу ҷалоли Ман, ки агар ин мард хасмро хушнуд накардӣ, то зинда будӣ, Ман, ки худои одилам, ӯро ҳамчунон азоб кардаме».

## Ҳикоят

Мӯсо (салавотуллоҳи алайҳ) ба Тӯри Сино[23] бо худой муноҷот ҳамекард. Гуфт: «Бор худоё, маро адлу доди хеш бинамой». Гуфт: «Ё Мӯсо, ту марде тунду тезӣ, сабр натавонӣ кардан». Гуфт: «Ба тавфиқи ту тавонам». Гуфт: «Акнун наздики фалон чашман об шав ва баробари ӯ пинҳон биншин ва назораи қудрат ва илм-ул-ғайби мо кун».

Мӯсо бирафт ва бар сари талле[24] баробари чашма биншаст. Саворе даррасид, фурӯ омаду дасту рӯи намоз бишуст ва об бихӯрду намоз бикард ва ҳамёне пур аз ҳазор динор зар аз миён бигушод ва он ҷо биниҳод ва фаромӯш карду бирафт. Пас аз ӯ кӯдаке биомаду аз чашма об хӯрд ва он ҳамёни пур аз динор баргирифту бирафт. Пас аз ӯ марде пири нобино биомаду об хӯрд ва таҳорат карду ба намоз истод. Саворро ҳамён ёд омад, аз роҳ бозгашт ва бо чашма омад. Нобиноро бигирифту гуфт: «Ман ҳамёне пур аз динор ин ҷо фаромӯш кардам ва ин ҷо ба ҷуз ту ҳеҷ касе дигар наомад дар ин соат». Гуфт: «Эй савор, ман марде нобиноам, зару ҳамёни ту чигуна дидам?».

Савор дар хашм шуду шамшер бароварду нобиноро бикушту зару ҳамён биҷуст, наёфт. Бирафт. Мӯсо гуфт: «Бор худоё сабрам намоид, ва ту одилӣ, маро маълум кун, ки ин аҳвол чигуна аст?».

Ҷабраил омад ва гуфт: «Худой мегӯяд, ки Ман олимул-асрорам[25]. Он донам, ки ту надонӣ. Бидону огоҳ бош, ки он кӯдак, ки он ҳамён бардошт ҳаққу милки[26] ӯ буд. Падари ин кӯдак муздури ин савор буд ва ҳам чандон музд бар ӯ гирд омада, ки андар он ҳамён буд. Акнун он кӯдак ба ҳаққи хеш боз расид. Ва аммо он пирамарди нобино пеш аз он, ки нобино гашта буд, падари ин саворро кушта буд, ва қасоси хеш боз хост. Ва ҳақ ба ҳақ боз расид ва доду адли Мо чунин борик аст, ки мебинӣ».

Мӯсо он бидид ва истиғфор кард.

ХУДОВАНДИ КИТОБ ГӮЯД:—Ин ҳикоят аз баҳри он карда шуд, то хирадмандон бидонанд, ки ҳеҷ чиз бар худой Таъоло пӯшида нест, ва доди ситамраси-

---

[23] номи кӯҳе дар нимҷазираи Сино (Миср), ки ҳазрати Мӯсо дар он ҷо бо худованд мулоқот мекард;

[24] пушта, теппа;

[25] донандаи асрорам;

[26] мулки.

дагон бад-ин ҷаҳон бидиҳад, валекин мо ғофилем, ки чун балое биёяд, надонем ки аз куҷост.

Зулқарнайнро пурсиданд, ки аз мамлакати хеш ба чи чиз шодтарӣ? Гуфт: «Ба ду чиз: яке адлу дод ва дигар ба мукофот кардани он кас, ки ба ҷони ман эҳсон кунад, бештар аз эҳсони ӯ».

Пайғамбар (салавот-ул-лоҳи алайҳ) гуфт: «Худой Таъоло дар ҳама корҳо эҳсон дӯст дорад, то бад-он ҳадд, ки касе гӯсфанде бихоҳад куштан, корд тез кунад, то он ҷонвар аз дард зуд бираҳад».

Ибни Умар[27] (разияллоҳу анҳумо) гӯяд, ки расул (алайҳи-с-салом) гуфт: «Худой Таъоло бар замин чизе наофарид бузургвортар аз адл. Ва адл тарозуи худояст бар замин. Ҳар ки даст бад-ин тарозу занад, мебаралаш то биҳишт».

Ибни Умар гӯяд, ки расул (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) гуфт: «Некӯкоронро дар биҳишт ҷойҳост, то бад-он касе, ки бо аҳлу зердастони хеш некӯӣ карда бошад».

Қатода[28] гӯяд андар тафсири ин оят «АЛЛО ТАТҒӮ ФӢ-Л-МИЗОН[29]». Яъне «АЛ-АДЛ». Гуфт: «Ё фарзанди одам адл кун, ҳамчунон ки бо ту адл кунанд».

Абдуллои Умар гӯяд, ки расул (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) гуфт: «Чун худой Таъоло Одамро ба замин фиристод, ваҳй кард бад-ӯ ба чаҳор сухан. Гуфт: «Ё одам, кори ту ва кори ҷумла фарзандони ту бар ин чаҳор сухан аст: як сухан Мараст хосса, ки худовандам, ва як сухан миёни Ману туст ва як сухан миёни туву мардумон. Аммо он яке, ки они Ман аст, он аст, ки Маро парастӣ ва он сухан, ки туроcт, он аст, ки ба ҳар чи кунӣ, подош диҳамат, ва он сухан, ки миёни Ману туст, аз ту дуо кардан аст ва аз Ман иҷобат кардан. Ва он сухан, ки миёни тую мардумон аст, он аст, ки бо эшон адлу ростӣ кунӣ».

Қатода гуфт: «Зулм се гуна аст: зулме, ки наёмурзад[30], ва дигар зулме, ки ҳеҷ намонад ва сеи дигар зулме он аст, ки омурзида аст. Аммо он зулм, ки наёмурзад ба ҳеҷ

---

[27] фарзанди Умар ибни ал-Хаттоб ба номи Абдулло (613—692), саҳоба ва лашкаркаш.;

[28] саҳоба ва муҳаддис.;

[29] «то он ки аз ҳадд нагузаред дар тарозу» (сураи ар-Раҳмон, ояти 8);

[30] бахшида нашавад.

хол, ширк[31] аст. Қавлу Таъоло: «ИННА-Ш-ШИРКА ЛА-ЗУЛМАН АЗИМ».[32] Яъне «Ширк зулму ситамест бузург». Ва қавлуҳу Таъоло»: «ИННА-Л-ЛОҲА ЛО ЯҒФИРУ АЙ-ЮШРАҚА БИҲИ»[33].

Ва он зулм, ки ҳеҷ намонад, ситами бандагон аст бар яки дигар. Сеи дигари зулм, ки омурзида аст, он аст, ки мардум ситам кунад бар тани хеш ба гуноҳ ва онгаҳ тавба кунад ва ба худой Таъоло бозгардад ва худой ӯро биёмурзад ва ба биҳишт барад».

## АД-ДИНУ ВА-Л-МУЛКУ ТАВЪАМОН[34]

Ва некӯтарин чизе, ки подшоҳро бибояд, дини дуруст аст, зеро ки дину подшоҳӣ чун ду бародаранд аз як шиками модар омада, бояд ки тимордорандаи муҳимм дар кори дин бувад, ва гузорандаи фароиз ба вақти хеш ва аз ҳавову шубҳаҳои ношоист ва он чи дар шариат нуқсон оварад дур бошад. Ва гар бишунуд, ки андар вилояти ӯ касе мутаҳҳам ва баддин аст, биёварадаш ва таҳдид намоядаш, то тавба кунад, ё уқубат кунад, ё нафи[35] кунадаш аз вилояти хеш, то мамлакати ӯ покиза бувад аз аҳли ҳавову бидъат ва ислом азиз бошад, ва сағрҳо ободон дорад ба фиристодани сипоҳу лашкар ва иззи ислом ҷӯяду суннати пайғамбар тоза дорад, то бад-он маҳмуд бошад наздики халқ, ва наздики душманон бо ҳайбат бувад ва қадру манзалати ӯ бузург шавад ба назди дӯсту душман.

Бидон, ки порсоии мардумон аз некӯсиратии малик бувад ва малик бояд, ки ба кори раият аз андаку бисёр назар кунад ва ба бад кардани эшон ҳамдостон набошад ва некӯкорро гиромӣ дораду ба неккирдорӣ подош диҳадашон, ва бадкирдорро аз бадӣ боз дораду ба бадкирдорӣ эшонро уқубат кунад, ва муҳобо накунад, то мардумон ба некӯӣ рағбат кунанд ва аз бадӣ парҳез кунанд. Ва чун подшоҳ босиёсат набуваду бадкирдорро раҳо кунад, кори ӯ ба кори эшон табоҳ шавад.

---

[31] чизеро ё касро шарик донистан дар мавриди зикри худованд, ки куфр бувад

[32] сураи Луқмон, ояти 13.

[33] «Ҳар оина худованд намебахшад, ки ба ӯ ширк оваранд» (сураи ан-Нисо, ояти 48);

[34] Дину мулк дугониканд;

[35] бадарға.

Ва ҳакимон гуфтаанд, ки хӯи раият аз хӯи малик зояд, ки мардуми омма тангчашму бадкирдор аз мулук шаванд, аз он ки хӯи эшон гиранд. Набинӣ, ки андар таърих биоваранд, ки Валид ибни Абдулмалик[36] халифа буду ҳиммати ӯ ҳама ободонӣ кардан буд. Ва ҳиммати Сулаймон ибни Абдулмалик[37] бисёр хӯрдан буду хуш хӯрдан ва орзуй рондан. Ва ҳиммати Умар ибни Абдулазиз ибодат кардан буд. Ва Муҳаммад ибни Алӣ ибни Фазл гуфт: «Ман ҳаргиз надонистам, ки кори халқ бо кори султони замона пайваста аст, то дидам ба рӯзгори Валид ибни Абдулмалик, ки мардумонро ҳама ҳиммат боғу бӯстону саройи буд». Ва ба рӯзгори Сулаймон ибни Абдулмалик ҳиммати мардумон ба хуш хӯрдан буд ва якдигарро гуфтандӣ: «Ту чӣ хӯрдай ва чи пухтаӣ?». Ва ба рӯзгори Умар ибни Абдулазиз ҳиммати мардумон ибодат кардан буду Қуръон хондан ва садақа додану корҳои хайр кардан, то бидонӣ, ки бахре рӯзгори мардум рағбати он кунанд, ки султони эшон кунад аз бад кардану бад гуфтан ва орзуву ком рондан, чунон ки гӯянд:

**Ҳикоят.** Ба рӯзгори Нӯшервони одил марде аз марде замине харид. Ва андар он ҷо ганҷе ёфт. Зуд ба наздики фурӯшанда шуду ӯро хабар дод. Гуфт: «Ман туро замин фурӯхтам ва аз ганҷ хабар надораму надонам. Он чи ёфтӣ туро муборак бод». Гуфто: «Нахоҳам ва дар моли касон тамаъ накунам».

Ва бад-ин маънӣ доварӣ миёни эшон дароз бибуд ва пеши малики одил —Нӯшервон рафтанд ва ҳол боз гуфтанд. Нӯшервонро хуш омад. Гуфт: «Шуморо фарзандон ҳастанд?». Яке гуфт: «Ман писаре дорам ва дигаре гуфт ман духтаре дорам. Нӯшервон гуфт: «Бо якдигар хешиву пайванд кунед ва духтар ба писар диҳеду ин ганҷ бар эшон ҳазина[38] кунед, то ҳам шуморо бувад, ҳам фарзандони шуморо».

Ҳамчунон карданд ва аз якдигар хушнуд гаштанд.

Акнун чи гӯй, агар он касон андар рӯзгори султони ҷобир будандӣ, ҳар яке гуфтандӣ, ки ин ганҷ хосса марост. Валекин чун донистанд, ки подшоҳи эшон одил аст, ба ростӣ кӯшиданд.

Ҳакимон гуфтаанд, ки мулук чун бозоранд ва ҳар касе ба бозор он барад, ки равони ӯ беш бувад, ва чи-

---

[36] Халифаи шашуми аҳди уммавиён (705-715);
[37] халифаи ҳафтуми аҳди уммавиён (715—717).
[38] Харҷ.

зе, ки донад, ки онро равой набошад, ба бозор набарад. Пас он ду тан, ки бар сари ганч доварӣ карданд, донистанд, ки порсониву доду ростӣ ба наздики малики эшон азиз асту ӯ онро харидор аст, ҳамон бурданд ва бар вай арза карданд.

Ва имрӯз бад-ин рӯзгор он чи бар дасту забони амирони мо меравад, андархӯри мост ва ҳамчунон, ки мо бадкирдорем ва бо хиёнату иоростӣ ва ноэминӣ, эшон низ ситамкору золиманд. ВА ҚАМО ТАҚУ НӮНА ЮВАЛЛО ЪАЛАЙҚУМ[39] дуруст бибуд бад-ин сухан, ки кирдори халқ бо кирдори подшоҳон мегардад. Набинӣ, ки чун аз шаҳре сифат кунанд, ки обод асту мардуми он шаҳр осуда ва роҳат ва аз подшоҳи хеш беранҷ, б.дон, ки он аз ҳунару некӯниятии подшоҳ аст, на аз раият. Пас дуруст шуд, он чи ҳакимон гуфтаанд: «АН-НОСУ БИМУЛУКИҲИМ АШБАҲУ МИНҲУМ БИЗАМОНИҲИМ»-мардумони замона ба мулуки замона беҳтар аз он монанд, ки ба замонаи хеш ва низ дар хабар омада аст, ки «АН-НОСУ ЪАЛО ДИНИ МУЛУКИҲИМ».[40]

Юнони дастур Нӯшервонро гуфт: «Ҳамдостон мабош бо зулм, ки вилоят вайрон шаваду раият дарвеш гардад, ки ту он гоҳ подшоҳи дарвешон бошиву солори вайронӣ ва дар ҷаҳон бадном шавӣ».

Нӯшервон ба уммоли хеш нома кард, ки «Агар хабар ёбам, ки дар мамлакати ман замине вайрон аст, магар ҷое, ки тухм напазирад, он омилро ҳам он ҷо бар дор фармоям».

Ва вайронии замин аз ду чиз бувад, яке аз аҷзи подшоҳу дигаре аз ҷаври вай. Дар он рӯзгор подшоҳон бар якдигар ҳасад бурдандӣ, то вилояти кӣ ободонтар аст.

**Ҳикоят.** Подшоҳи Ҳиндустон расуле фиристод ба Нӯшервон, ки ман ба подшоҳӣ аз ту авлотарам, хироҷ ба ман бифирист. Нӯшервон расулро фуруд овард ва дигар рӯз бор бидод. Меҳтарон бихонду расулро ҳозир кард ва гуфт: «Ҷавоби пайғом бишнав». Пас Нӯшервон сандуке бихост. Бигушоду сандуқчае аз ӯ берун кард ва муште кабар[41] аз он ҷо бароварду расулро дод ва гуфт: «Ба вилояти шумо аз ин бувад?» Гуфт: «Бисёр бувад». Нӯшервон гуфт: «Бирав малики Ҳиндро би-

---

[39] Чи тавре ки бошед, ҳамон таҳ бар шумо ҳукм ронанд;
[40] Мардумон бар дини мулукашон ҳастанд;
[41] як навъ гиёҳи хордор.

гӯй: «Нахуст вилояти хештан ободон кун, ки ҳама вайрон гаштааст ва кавар гирифтааст ва он гаҳ тамаъи ободон кун, ки агар дар вилояти ман бигардиву як буни кабар бичӯй, наёбӣ. Ва агар ман бишнавам, ки андар вилояти ман як буни кабар аст, омили он ноҳиятро бар дор кунам».

Ва подшоҳ чунон бояд, ки бар ниҳоду равиши он подшоҳон равад, ки пеш аз ӯ будаанд ба некӯкирдорӣ, ва пандномаҳои эшон бархонад, ки эшонро зиндагонӣ бисёр будаасту таҷрибатҳои бисёр афтода аст ва нек аз бад бадар овардаанд.

Ва Анӯшервон бо ҳама некӯсиратӣ кутуби муқаддамон[42] фурӯ хондӣ ва ҳикоятҳои эшон дархостиву бар сирати эшон рафтӣ. Пас подшоҳони ин замона сазовортар, ки чунон кунанд.

**Ҳикоят.** Анӯшервони одил Юнони дастурро гуфт: «Маро аз сирати пешинагон хабаре деҳ». Юнони дастур гуфт: «Ба чанд чиз хоҳӣ, ки эшонро биситоям, ба се ё ба ду чиз, ё бо як чиз?». Нӯшервон гуфт: «Ба се чиз». Юнон гуфт: «Эшонро ба ҳеҷ кор норостӣ надидам ва ба ҳеҷ кор дар нодонӣ надидам ва ба ҳеҷ кор дар хашмгинӣ надидам». Гуфт: «Ба ду чизашон биситой». Гуфт: «Ҳамеша андар кори нек шитобзада будандӣ ва андар кори бад парҳезгор будандӣ». Нӯшервон гуфт: «Ба як чиз биситой»: Юнони дастур гуфт, ки «Подшоҳии эшон ва чирагии эшон бар тани хеш беш аз он бувад, ки бар мардумон».

Нӯшервон шароб хост ва гуфт: «Ин бода бо шодии он ҷавонмардон, ки аз паси мо биоянд ва тахту тоҷи мо бигиранду аз мо ёд кунанд, чунон-ки мо ёд мекунем он касонеро, ки пеш аз мо будаанд».

Бадбахттарин касе он аст, ки ба подшоҳии хеш ғирра шавад ва ҷаҳон ободон накунаду зиндагонӣ надонад кардан, ин ҷаҳонро ба ранҷ гузошт ва бад-он ҷаҳон накӯҳишу пушаймонӣ ва бечорагӣ ёфту азоби ҷовидон.

Пас мақсуди он подшоҳон он бувад, ки ҷаҳд кардан ба ободонии вилоят, то аз эшон номи некӯ бимонад, чунон-ки ба ҳикоят омада аст:

**Ҳикоят.** Нӯшервонро боғе буд, ки он боғро «Ҳазорком» хондандӣ. Вақте қайсари Рум ва Фағфури Чин ва малики Ҳиндустон гирд омада буданду дар он боғ ни-

---

[42] китобҳои инёгон, пешгузаштагон.

шаста, ки Нўшервон эшонро меҳмонӣ карда буд, ҳар як аз эшон суханеву ҳикмате гуфтанд. Қайсар гуфт: «Ҳеҷ чиз нест беҳтар аз некўномӣ бад-ин ҷаҳон, то ҳамеша аз ў ёд кунанд, ки ҷаро мо чун эшон набошем». Нўшервон гуфт: «Биё, то мо некӣ кунему некӣ андешем». Қайсар гуфт: «Чун некӣ андешиву некӣ кунӣ, некӣ ёбиву комкор бошӣ».

Фағфур гуфт: «Нахуст некӣ андеша ва онгоҳ бикун, то сутуда бошӣ». Малики Ҳинд гуфт: «Худой аз мо дур дорад андешае, ки агар ошкор шавад, шарм дорему агар бигўем, нанг дорем ва агар бикунем, пушаймонӣ хўрем». Қайсар Нўшервонро гуфт: «Ту кадом чиз дўсттар дорӣ?». Гуфт: «Он-к чун касеро ба ман ҳоҷат бошад, раво кунам». Қайсар гуфт: «Ман он дўсттар дорам, ки бегуноҳ бошам, то бебим бошам».

Пас он подшоҳон, ки сухани эшон чунин бошад, бинигар то адлу сиррати эшон бо раият чигуна бувад.

Эй султони ислом, кирдору гуфтори эшон мешнавиву ҳикояти эшон қиёмат бар забони халқ меравад.

Ва амиру-л-мўъминин Умар (разия-л-лоҳу анҳу) андар адлу сиёсат бад-он ҷойгоҳ буд, ки писари хешро ба уқобайн[43] баркашид ва ҳадди худой Таъоло бар вай биронд, то ҳам дар он ҳалок шуд. Ва чун ба ҷойгоҳе омил фиристодӣ, гуфтӣ: «Аспу силеҳ ва барги хеш аз сими хеш кунед ва дар байт-ул-моли[44] мусулмонон даст дароз макунед ва бар худовандони ҳоҷат дар фароз бикунед.

Абдурраҳмон ибни Авф[45] гуфт: «Шабе Умар маро бихонду гуфт: «Бар дари Мадина корвоне фурўд омада аст. Чун бихуспанд, набояд ки касе аз колои эшон чизе бибарад». Пас Умар маро гуфт: «Ту бихусп». Ва ў ҳама шаб корвонро пос ҳамедошт.

Умар (разияллоҳу анҳу) гуфт: «Маро ғурбат бояд кардан, то кори мардумон рост шавад, ки андар вилоят заиф бисёр аст, ки ба наздики ман натавонад омадан. Маро гирди вилоят бибояд, гаштан, то уммолро бинам ва аз сирати эшон баррасам ва худовандони ҳоҷатро ҳоҷат раво кунам ва дар ҳама умри ман савобе набошад аз ин фозилтар.

---

[43] сепоя (ё чорпоя), ки гунаҳгорро ба он мебастанд ва тозёна мезаданд;

[44] хонаи мол, яъне хазина;

[45] бозургони ва муҳоҷир, яке аз даҳ мубаллиғони дини ислом (508—652).

**Ҳикоят.** Зайд бинни Аслам[46] гуфт: «Шабе, амирул-мӯъминин Умарро дидам, ки ба асас[47] мегардид. Ман бо ӯ ҳамроҳ шудам ва гуфтам: Ё амирул-мӯъминин, дастуре, диҳӣ то бо ту бигардам?» Гуфт: «Раво бошад». Пас бо вай бирафтам. Чун аз Мадина берун шудем, аз дур оташе дидем. Гуфтем магар он ҷо касе фуруд омада аст. Бирафтем, занеро дидем, бева бо ду-се бачаи хурд ва ҳаме мегиристанд ва он зан деге бар сари оташ ниҳода буд ва мегуфт: « Бор худоё, доди ман аз Умар биситон, ки ӯ сер хӯрда аст ва мо гурусна».

Умар чун ин бишунид, фароз рафту салом кард ва гуфт: «Наздиктар оям?». Зан гуфт: «Агар ба некӣ хоҳӣ омадан, Бисмиллоҳ!»[48].

Умар фароз шуд ва ӯро бипурсид. Зан гуфт: «Аз ҷои дур омадаем мондаву гурусна ин ҷо расидем ва гуруснагӣ моро ғамин карда аст ва кӯдаконро аз гуруснагӣ хоб намегирад». Умар гуфт: «Андар ин дег чист?». Гуфт: «Об аст, мехоҳам, ки кӯдаконро бад-ин баҳона хомӯш кунам».

Зайд гуфт: «Амирул-мӯъминин бозгашт ва ҳам андар шаб ба дӯкони ордфурӯш омаду анбоне[49] орд харид ва ба дӯкони қассоб шуду чарбиш[50] харид ва бар гардан ниҳод. Гуфтам: «Ё амирул-мӯъминин, во деҳ, то баргирам». Гуфт: «Агар ин бор ту баргирӣ, бори гуноҳам кӣ баргирад?». Ва нафрини он зан ки аз ман боз дорад?».

Ва мегиристу мерафт, то ба наздики он зан шуд. Зан гуфт: «ҶАЗОКА-Л-ЛОҲУ АННӢ ХАЙРАН».[51]

Пас Умар лахте чарбиш андар он дег карду лахте орд, ва оташ меафрӯхту ҳар гоҳ, ки оташ бимурдӣ, андар дамидӣ ва хокистар андар вай ва маҳосини вай менишастӣ, то дег пухта шуд ва дар коса карду кӯдаконро гуфт бихӯред. Зан ва кӯдакон бихӯрданд. Ва гуфт: «Эй зан, нигар, то дуои бад накунӣ Умарро, ки ӯ аз ҳоли ту хабар надошт».

Ин гуфту бирафт.

Ва аввал касеро, ки амиру-л-мӯъминин хонданд, Умар буд аз он, ки Абӯ Бакрро «халифаи расуллулоҳ» хонданди ва чун навбат ба Умар расид, мегуфтанд?

---

[46] фақеҳ ва муфассири маъруф;
[47] ҷамъи осс- яъне посбонҳо;
[48] ба номи худо.
[49] халта;
[50] равған;
[51] худо аз барои ман туро ҷазои нек диҳад;

«Ҳалифаи халифаи расулуллоҳ», дароз мешудӣ. Гуфт: «Эй мусулмонон, маро амир хонед, ки амири шумоам ва агар амиру-л-мӯъминин хонед, ман ҳамон писари Хаттобам, ки будам».

**Ҳикоят.** Хозини[52] байту-л-молро пурсиданд, ки Умар ҳеч густохӣ бар байту-л-мол кунад?» Гуфт: «Аз аввал чун чизе надоштӣ, ки бихӯрдӣ, андаке қутро баргирифтӣ ва чун чизеаш ба даст омадӣ, боз ҷой ниҳодӣ». Рӯзе хутба кард ва гуфт: «Ё мардумон, ба рӯзгори пайғамбар (салавот-ул-лоҳи алайҳ) ваҳй ҳаме омад ва ошкорову ниҳонӣ мардумонро ба ваҳй ҳаме донистем аз неку бад. Ва акнун ваҳй мунқатеъ[53] шуду ҳар касеро ба алоният[54] менигарем ва аз сирри мардумон худой Таъоло беҳтар донад. Ва ман ҳаме кӯшам бо уммоли хештан, то аз мардумон ба ноҳақ чизе наситонаму надиҳам».

Ва агар хоҳӣ, ки бидонӣ, ки адлу порсоӣ ва доди султони некӯномии ӯст ба ахбори Умари Абдулазиз дар ниғоҳ кун, ки ҳеч касро аз банӣ Марвон ва банӣ Умайя он маҳмадат[55] ва ситоиш нест, ки ӯро буд. Ва аз эшон касеро дуову сано накунанд, ҷуз ӯро, аз он ки одил буду покдин ва некӯсирату кариму раҳим, чунон ки гӯянд:

**Ҳикоят.** Ба айёми Умар ибни Абдулазиз қаҳт буд. Қавме аз араб биомаданд ва якеро баргузиданд, то сухани эшон бо халифа бигӯяд. Мардум гуфт: «Ё амиру-л-мӯъминин, мо ба зарурат расидем ва пӯст бар андоми мо хушк шуд аз бетаъомӣ, ва роҳати мо андар байту-л-моли туст ва он мол аз се чиз берун нест, ё аз они худояст ё аз они бандагони худой, ё аз они туст. Аммо агар аз они худой аст, худойро бад-он ҳоҷат нест, ба бандагони вай деҳ. Ва агар аз они бандагони худой аст, бад-эшон деҳ, ва агар аз они туст, ФА ТАСАДДАҚ ЪАЛАЙНО ИННА-Л-ЛОҲА ЯҶЗИ-Л-МУТАСАДДИҚ — бар мо садақа кун, ки худой Таъоло мукофотдиҳанда аст садақадиҳандагонро».

Умари Абдулазизро об дар чашм омад ва гуфт: «Ҳамчунин аст, ки шумо гуфтед». Ва бифармуд, то аз байту-л-мол кори эшон бисохтанд. Аъробӣ хост, ки биравад. Умар гуфт: «Эй озодмард, чунон ки сухани бандагони худой боҳақ гуфтӣ, сухани ман низ бо худой би-

---

[52] хазинадор;
[53] канда, гусаста;
[54] ошкоро, зоҳир;
[55] хислати некӯ, ки мӯҷиби ситоиш бошад.

гӯй». Аъроби рӯй сӯи осмон кард ва гуфт: «Ё рабб, ба иззату ҷалоли ту, ки бо Умари Абдулазиз он кунӣ, ки ӯ бо бандагони ту кард».

Чун дуо тамом кард абре баромад ва борон боридан гирифт ва дар миёни борон тагарге[56] биомад ва бар хиште пухта афтоду бишикаст ва коғазе аз он ҷо берун омад бар-ӯ-набишта, ки «ҲОЗО БАРОАТУН МИН АЛ-ЛОҲИ-Л-АЗИЗ ЛИ УМАР ИБНИ АБДИ-Л-АЗИЗ МИН-АН-НОР» —Ин амонӣ аст аз худои Азиз мар Умари Абдулазизро аз оташ.

Дигар: Умари Абдулазиз шабе нишаста буд ва ба қиссаҳову рӯзномаҳои раият фурӯ ҳаменигарист ба чароғ. Ғуломе андар омад ва аз ҳадиси кадхудой чизе гуфт. Умар гуфт: «Нахуст чароғ бикуш ва онгаҳ сухан гӯй, ки ин равған аз байту-ул-моли мусулмонон аст, нашояд ба кор бурдан илло ба кори эшон».

Чун подшоҳ, одил бувад, парҳезкории вай чунин бувад, чунон ки ба ҳикоят омада аст:

**Ҳикоят.** Умар ибни Абдулазизро ғуломе буд, ки байту-л-мол ӯ доштӣ ва Умарро се духтар буданд. Рӯзи Арафа[57] духтарон ба наздики Умар шуданд, гуфтанд: «Фардо ид аст ва занону духтарони раият моро маломат кунанд, гӯянд духтарони амиру-л-мӯъминин бараҳнаанд кам аз он, ки ҷомае сапед дарпӯшидандӣ ва бигиристанд. Умар дилтанг шуд. Ғуломи хозинро бихонд ва гуфт: «Аз байту-л-мол як моҳа мушоҳараи[58] ман биовар ва аз он кори эшон бисоз». Хозин гуфт: «Ё амиру-л-мӯъминин, ту мушоҳара аз байту-л-моли мусулмонон меситонӣ. Нахуст нигоҳ кун, то якмоҳа зиндагонӣ дорӣ ё на?». Умар фурӯ монд, гуфт: «БОРАҚАЛЛОҲУ АЛАЙК —Нек гуфтӣ, эй ғулом». Пас духтаронро гуфт: «Орзуи хеш фурӯ хӯред, ки ҳеҷ мусулмон биҳиштро ройгон дар наёбад».

Ва чун амирон чунон буданд, ҳавошӣ[59]-у ҳадами[60] эшон низ чунон буданд. Ва адл ба тамомӣ он бувад, ки маҷҳули[61] беномро бо маъруфи[62] боҷоҳу ҳашамат дар

---

[56] жола, яхча, яхчола;

[57] рӯзи нуҳуми моҳи Зилҳиҷҷа, ки дар он ҳоҷиён дар кӯҳе бо ҳамин ном таваққуф намуда, баъзе маросими ҳаҷро баҷо меоранд.;

[58] моҳона;

[59] ҷамъи *«ҳошия»*, яъне дарбориён;

[60] ҷамъи *«ходим»* яъне ходимон;

[61] номаълум, ношинос;

[62] маълум, шинос.

хусумати доварӣ баробар дорӣ ва ба ҳар ду ба як чашм нигариву якеро бар яке фазл ниниҳӣ, ки ин тавонгар аст ва он дарвеш, зеро ки гавҳар ва сафол ҳар ду бад-он ҷаҳон ба як нарх ояд ва ҳеҷ оқил аз баҳри ҳашамати касон хешро ба оташ насӯзад. Агар ба масал заиферо бар подшоҳе доварӣ бувад, бояд, ки аз садри мамлакат бархезад ва бар ҳукми худой Таъоло кор кунад ва доди ӯ аз хештан бидиҳад ва хушнудаш кунаду нанг надорад аз ҳаққ. Ва бар қавли Ҳақҳ Таъоло кор кунад: «ИННА-Л-ЛОҲА ЯЪМУРУ БИ-Л-ЭҲСОН»[63]. Ва ҳақиқат он бувад, ки агар туро бар касе ҳаққе бувад ба мол ё ба ғайри мол, он бар вай раҳо куниву бар вай минат ниниҳӣ ва ҳамчунин уммолро сиқоти[64] хешро бифармоӣ, то ҳам бар ин мисол боaccess ва ҳам бар ин сират кор кунанд, то туро аз баҳри раият пурсиш набувад, ки ба ривоят омада аст аз расул (салла-л-лоҳу алайҳи ва саллам), ки ҳар шубонеро бипурсанд аз рамаи ӯ ва подшоҳро аз раият бипурсанд ва ҳолҳо бар ин сифат аст, то дониста бошӣ.

**Ҳикоят.** Чунин гӯянд, ки амири Хуросон Исмоил ибни Аҳмад ба Марв фуруд омада буд ва расми ӯ он буд, ки ҳар куҷо фурӯ омадӣ, мунодо фармудӣ кардан, ки лашкареро ба раияти ман кор нест. Пас ҳар бандае[65] аз они ӯ ба полезе андар шуд ва андак моя зиён кард. Ба дари сарои амир омаданд ва бинолиданд. Амир фармуд, то харбандаро биоваранд ва гуфт: «Туро музд ҳаст?». Гуфт: «Ҳаст». Гуфт: «Мунодои ман нашунидӣ?» Гуфт: «Шунидам». Гуфт: «Пас чаро раияти маро зиён кардӣ?». Гуфт: «Хато кардам». Гуфт: «Ман аз баҳри хатои ту ба дӯзах натавонам рафтан». Пас бифармуд то дасташ бибуриданд.

**Ҳикоят.** Аз Исмоили Сомонӣ[66] ҳикоят кардаанд андар китоби «Сирату-л-мулук» ва ӯ он вақт ба Ҷӯи Мулиён буд ва ҳар вақте бархостӣ ва ба кӯҳандиз[67] баромадӣ ва мунодо фармудӣ кардан, ва намози дигар парда баргирифтандиву дарбон набудӣ, то ҳар касеро, ки мазлама[68] будӣ, даромадӣ ва то канори бисот бираф-

[63] Ҳар онна худованд амр мекунад ба адлу эҳсон (сураи ан-Наҳл, ояти 90);
[64] ҷамъи «сиқа», яъне шахсони мӯътамад, боваринок;
[65] чорводор;
[66] аз сулолаи Сомониён (874—907);
[67] қалъаи кӯҳна;
[68] шикоят аз зулм;

тӣ ва бо вай сухан гуфтӣ ва бо қазои ҳоҷат бозгаштӣ. Бар мисоли ҳокимон корҳо мегузоридӣ, то он вақт, ки дoff вариҳо ҳама сипарӣ шудӣ, онгаҳ бархостиву маҳосини хеш бигирифтӣ ва рӯй сӯи осмон кардӣ гирён ва гуфтӣ: «Ё рабб, ҷаҳди ман ин буд, ки кардам ва олиму-л-асрор туӣ ва огоҳӣ аз нияти ман, ки надонам бар кадом банда ситам аст аз ман ва касони ман, маро аз нодонистани он афв кун».

Чун сират ва нияташ некӯ буд, лоҷарам, кораш баланд гашт ва ҳама лашкари вай ҳазор мард буданд ороста ба силоҳи оҳану пӯлод. Худой Таъоло аз бараҳоти он адлу дод ӯро бар Амри Лайс[69] зафар дод, то ӯро бигирифт ва Хуросон бигушод. Пас Амри Лайс сӯи ӯ кас фиристод ва гуфт: «Маро андар Хуросон молҳои бисёр аст, ҳама ба ту диҳам ва аз зиндон раҳо кун». Исмоил чун ин сухан бишунид, бихандид ва гуфт: «Амри Лайс ҳанӯз бо мо рост намеравад, мехоҳад, то ҳар ...и вуболу базаҳ,[70] ки карда аст, ҳама дар гардани мо кунад ва худ сабукбор бад-он ҷаҳон шавад. Бигӯед, ки моро ба моли ту ҳоҷат нест».

Ва раҳош карду ба Бағдодаш фиристод ба рисолат ва аз амиру-л-мӯъминин хилъатҳову ташриф ёфт. Ва Исмоил ба амири Хуросон бинишаст эмину сокин ва саду сӣ сол мамлакат андар хонадони Сомониён бимонд. Чун кор ба кӯдаконаш расиду бар халқ ҷавру ситам карданд, мулк аз эшон бирафт.

**Ва хабар аст** аз расул (алайҳи-с-салом), ки якрӯза адли султон аз шастсола ибодат беҳтар аст. Ва гуфт: «дод додани мазлум закоти хирад аст». Ва гуфт: «Ҳар ки шамшери ҷавр бар кашад, шамшери ғалаба бар вай кашанд ва мулозим андар ғам бошад, чунон ки шоир гӯяд:

Рухи тоза дорӣ ҳамеша дижам[71]  
Ҳар он гаҳ, ки ту дод бинӣ ситам.  
Магӯӣ он чи нависандӣ, ар бишнавӣ,  
Макуш, гар нахоҳӣ ки кушта шавӣ

**Дар ахбор омада аст,** ки рӯзе Довуд-пайғамбар (алайҳи-с-салом) андар осмон менигарист, чизе дид, ки аз ҳаво меборид ҳамчун сабӯсе. Гуфт: «Илоҳӣ, ин чист?».

---

[69] Амр ибни Лайс бародари асосгузори сулолаи Саффориён — Яъқуб, хилофати Бағдод дар Хуросон (879—900);

[70] гуноҳ;

[71] ранҷур, дилтанг, ошуфта, афсурда, андӯҳгин, ҳашмгин.

Ваҳӣ омад, ки ё Довуд лаънати Ман аст, ки бар хонадони ситамкорон меборонам.

**Ҳикоят.** Чун Нӯшервон[72] ба подшоҳӣ бинишаст, Юнони дастур бад-ӯ нома фиристод ва гуфт: «Эй малик, кори мардон бар се ҳол аст: ё дод диҳаду дод нахоҳад, ва он фазл асту пойгоҳи бузургон бувад; ва ё дод диҳаду дод бихоҳад, ва он адл асту дараҷаи миёна бувад; ва ё дод надиҳаду дод нахоҳад, ва он дараҷаи хурд бувад. Ва акнун бинигар, то туро кадом орзуст, ихтиёр кун, ва донам, ки малик ҷуз фазл ихтиёр накунад, ва шоир гӯяд:

Он ки ӯ дод доду дод наҷуст,
Фазлро бар ҷаҳон амир бувад.
Он ки дод доду дод ситуд,
Адлро дон, ки беназир бувад,
В-он ки ӯ дод ҷусту дод надод,
Ба ҳақиқат яке ҳақир бувад.

Нӯшервонро пурсиданд, ки кадом писандатар аз мулук? Гуфт: «Он ки душман аз ӯ тарсанда бошад ва роҳҳо аз ӯ эминтар бошаду раият дар сояи адли ӯ осудатар».

**Панд.** Шабиб ибни Шайба[73] рӯзе ба наздики Маҳдӣ[74] андар омад. Гуфт: «Ё амиру-л-мӯъминин, худой Таъоло ҳама дунё ба ту дода аст, ту роҳати ҷони хешро лахте аз ин дунё ба раият деҳ». Маҳдӣ гуфт: «Он чист, ки ба раият мебояд додан?». Гуфт: «Доду адл, ки агар раият аз ту эмин хуспад, ту низ дар гӯр эмин хуспӣ». Ва гуфт; «Ё амиру-л-мӯъминин, ҳазар кун аз шабе, ки онро рӯз набошад ва ҳазар кун аз он рӯзе, ки онро шаб набошад ва то битавонӣ дод кун, ки ба дод дод ёбӣ, ба ситам — ситам ва танро ба некӣ биорой, ки ба арзгоҳ[75] ҳеҷ кас ороиши хеш ба ту надиҳад, чунон ки шоир гӯяд:

Ба некӣ бибояд тан оростан
Ки некӣ нашояд зи кас хостан
Нагардад-т некӣ ба ду ҷаҳон кӯҳан,
Туро суди бисёру моя ба тан.

Нӯшервонро аз кайсари Рум нома омад, ки «Пойдории подшоҳӣ ба чи андар аст?». Ҷавоб набишт: «Ман

---

[72] аз подшоҳони Сосониён;
[73] олим, адиб ва хатиби маъруф (ваф. 776);
[74] Ибни Мансури Маҳдӣ, халифаи сеюми аҳли Аббосиён) (775—785);
[75] намоишгоҳ, дар ин ҷо киноя аз рӯзи қиёмат.

ҳаргиз фармон нафармоям ба беҳуда, ва чун фармоям, тамом кунам ва ҳеҷ умеду бим дар нагузорам. Яъне ҳар киро ба ман умеду бим афтад. Агар умед кунам ва агар бим кунам, ҳамон ки гуфта бошам, аз он нагузарам».

**Ҳикмат.** Аз Арастотолис пурсиданд ки аз бузургон кадом сазовортар аст, ки ӯро малик хонанд, ба ҷуз аз эзид Таборака ва Таъоло? Гуфт: «Он ки андар ӯ ҳама ин хислатҳо ёбӣ, ҳарчанд ориятӣ аст, нахуст илм, ва дод додан, ва бурдбориву раҳимӣ ва кариมиву омузгорӣ, ва он чи бад-ин монад, зеро ки онон ки бузургонанд ба фарри эзидӣ ва рӯшноии ҷону покии тан ва фузунии хираду дониш ва бузургии асли хешу ба давлати қадим, ки дар хонадони эшон буда аст, подшоҳу малик буданд.

Аммо тафсир. Фарри эзидӣ, бидон, ки ба шонздаҳ чиз аст: хираду дониш ва тезҳушӣ ва дарёфтани ҳар чизе бо сурати тамом ва фарҳанг, ва савориву зину афзори кор бастан ва мардонагӣ бо далериву оҳистагиву некхӯӣ ва дод додани заиф аз қавӣ ва гушодадастиву дӯстӣ ва меҳтарӣ намудан ва эҳтимол[76] мадоро ба ҷой овардан ва рою тадбир дар корҳо, ва ахбори бисёр хондан ва сияру-л-мулук нигоҳ доштан ва баррасидан аз корҳои мулуки пешин. Зеро ки ин ҷаҳон боқимондаи давлати пешинагон аст, ки подшоҳӣ карданду бирафтанд ва ҳар кас ба номи хеш ёдгоре монданду ганҷи дуруст, яке инҷаҳонӣ аст ва яке аз онҷаҳонӣ. Ва ганҷи инҷаҳонӣ номи некӯст андар миёни мардумон, ва ганҷи онҷаҳонӣ кирдори некӯст.

**Ҳикмат.** Искандар Арастотолисро пурсид, ки мардонагӣ фозилтар аст ё дод додан? Гуфт: «Чун малик дод бидод, ба мардонагӣ ҳоҷаташ наод».

**Ҳикмат.** Як рӯз Сикандар бо сарҳангони хеш барнишаста буд. Яке аз эшон гуфт: «Худой Таъоло туро мамлакате бузургвор додааст, занон бисёр дор, то фарзандони ту бисёр гарданд ва ёдгори ту андар ҷаҳон бимонад». Ҷавоб дод, ки ёдгори мардум на фарзанд аст, балки суннатҳову сиратҳои некӯст ва касе, ки мардони ҷаҳонро ғалаба карда бувад, нашояд, ки занон ӯро ғалаба кунанд».

**Ҳикмат.** Искандар марде бузургро аз кордорони хеш маъзул[77] кард аз амале бузург ва амале додаш дуну

---

[76] сабр, тоқат, таҳаммул, шикебой;
[77] озод (мас. аз вазифа).

хасис[78]. Мард рӯзе ба даргоҳ омад. Сикандар ӯро гуфт: «Чигуна мебинӣ амали хеш?». Гуфт: «Зиндагонии малик дароз бод! Мард ба амал бузург набошад, балки амал ба мард неку шариф гардад ба некӯсиратӣ ва инсоф додану адлу дод густуридан». Сикандарро ин сухан хуш омад ва ҳамон амал бад-ӯ боз дод ва ӯро баркашид.

**Ҳикмат.** Бузурҷмеҳрро пурсиданд, ки иззи малик ба чи чиз андар аст? Гуфт «Иззи малик ба чаҳор чиз пайдо шавад: яке ба нигоҳ доштани атроф андар сафарҳо ва боз доштани душман аз хеш ва азиз доштани доноён ва аҳли фазлро».

Ва ҳар гоҳ ки султон ҷавр кунад, ноэминӣ падидор ояд ва ҳар чанд неъмат бисёр бувад, раиятро беэминӣ нагуворад ва агарчи неъмат андак бувад, боэминӣ бар раият хушгувортар бувад, чунон ки ба ҳикоят омадааст.

**Ҳикоят.** Марде ҳоҷӣ андар бодия[79] аз қофила мунқатеъ шуд ва роҳ ғалат карду дар регистоне афтод ва мерафт, то ба хаймае расид. Пиразанеро дид дар хайма ва санге бар дар хуфта. Ҳоҷӣ салом кард ва аз он пиразан таъом хост. Пиразан гуфт: «Бирав море чанд биовар, то ман бирён кунам ва ту бихурӣ». Ҳоҷӣ гуфт: «Ман мор наёрам гирифтан». Пиразан гуфт: «Ман бо ту биоям». Пас ҳоҷиро ва сагро бибурд ва ба канори регистон шуд ва море чанд бигирифту биовард ва бирён кард, то ҳоҷӣ коми ноком бихӯрд. Ҳоҷӣ ба чашма омад, обе дид шуру талх. Чора надид, бихӯрд ва боз омад. Пиразанро гуфт: «Маро аҷаб аз кори ту, ки ба чунин ҷой ва чунин таъому об беҳ чигуна зиндагонӣ мекунӣ?». Пиразан гуфт: «Ба вилояти шумо чигуна бошад?». Гуфт: «Маро хонаҳову бӯстонҳои хуш бошад ва таъомҳои латифу гӯштҳои фарбеҳ ва неъматҳои гуногуну меваҳои алвон[80] ва ширин ва обҳои гуворову чашмаҳои пуроб бувад». Пиразан гуфт: «Ин ҳама шунидам. Маро бигӯй, ки шумо зери дасти касе бошед, ки бар шумо ситам кунад, ва чун гуноҳе кунед, шуморо аз молу мулк бар оварад?». Ҳоҷӣ гуфт: «Ин бувад». Пиразан гуфт: «Пас он таъомҳои латифу ҳалвоҳои ширин ва обҳои равон андар он тарсу биму бедодӣ ҳама заҳр аст. Ва ин таъомҳои мо дар ин эминӣ ҳама позаҳр асту гу-

---

[78] паст;
[79] саҳро, биёбон;
[80] рангоранг.

воранда ва нашнидай, ки бузургтарин неъмате аз паси дину мусулмонӣ тандурустӣ асту эминӣ. Ва эминӣ аз сиёсати подшоҳ бувад».

Пас воҷиб кунад подшоҳеро, ки сиёсат кунад ва бо сиёсат бувад, зеро ки султон халифаи худой аст. Ҳайбати ӯ чунон бояд, ки чун раият ӯро аз дур бинанд, натавонанд бархостан. Ва подшоҳи вақту замонаи мо бадин сиёсату ҳайбат бояд, зеро ки ин халоиқи имрӯзина, на чун халоиқи пешинаанд, ки замонаи бешармону беадабон ва бераҳматон аст. Ва наъузу биллоҳ агар султон андар миёни эшон заифу беқувват бувад, бешакк вайронии ҷаҳон бувад ва дину дунёро зиёну халал расад ва ҷаври султон филмасал сад сол чандон зиён надорад, ки яксола ҷаври раият бар якдигар. Ва чун раият ситамкора шаванд ва эзид Таъоло бар эшон султони қоҳир гуморад, чунон ки ба ҳикоят омада аст:

**Ҳикоят.** Гӯянд Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуфро қиссае доданду гуфтанд: «Аз худой Таъоло битарс ва бар мардумон чандин ҷавр макун». Ҳаҷҷоҷ ба минбар бар шуд, ва ӯ бағоят фасеҳ[81] буд. Гуфт: «Эй мардумон худой Таъоло маро бар шумо мусаллат[82] кардааст. Агар ман бимирам, аз паси ман шумо аз ҷавр нараҳед бо ин феъли бад, ки шуморост. Ва худой Таъолоро чун ман бисёранд. Агар ман набошам, яке аз ман бадтар биояд».

Ш е ъ р:

ВА МО МИН ЯДИН ИЛЛО ЯДУ-Л-ЛОҲИ ФАВҚАҲО
ВА МО ЗОЛИМУН ИЛЛО САЮБЛО БИЗОЛИМИ[83]

Бузурҷмеҳрро пурсиданд, ки кадом султон покизатар? Гуфт: «Он ки покизагон аз вай эмин буванд ва гунаҳкорон аз вай тарсанд. Аммо султони бесиёсатро ба ноҳхушчашми халқ-дар хатар набувад ва раият аз вай нохушнуд бувад ва ҳамвора аз ӯ бад гӯянд. Набинӣ, ки чун касе аз оммаро вилоят расад ва хоҳад, ки аз раият шумор гирад, ба сиёсат сухан гӯяд ва ҷоҳи хештан ба сиёсат падидор кунад, ки раият ҳам бад-он чашми аввал нигаранд ӯро. Андар ин боб ҳикояте аҷиб аст.

---

[81] суханвар, нотиқ;
[82] Султон;
[83] Нест дасте, магар ки дасти худованд болои он бошад, ва нест золиме, магар ки гирифтори золими дигаре набошад;

## Ҳикоят.

Чунин гӯянд, ки Абӯсуфён ибни Ҳарб[84]-ро писаре буд. Ӯро Зиёд ибни Абиҳи хонадандӣ, зеро ки ӯро ин писар дар рӯзгори ҷоҳилият[85] омада буд ва ӯ безорӣ ҷустӣ ва гуфтӣ: «Писари ман нест». Чун хилофат ба Муовия расид, ӯро ба хештан наздик кард ва вилояти Ироқ ба вай дод. Чун Зиёд ба сари амал омад, аҳли Ироқ мардумони гарданкаш буданд ва фасод кардан оғозиданд аз бағӣ[86]-у дуздӣ. Пас Зиёд ба масҷиди одина омад ва бар минбар шуду хутба бикард ва аз паси хутба гуфт: «Валлоҳ, ки агар касе пас аз намози хуфтан берун ояд, сараш баргирам. Бояд, ки шумо, ки ҳозиронед, ғоибонро аз ин хабар диҳед».

Се рӯз ин мунодӣ бонг кард. Ва Зиёд чун шаби чаҳорум андар омад ва посе аз шаб бигузашт, барнишасту бо хеле тамом аз савор берун омад ва дар шаҳр бигардид. Аъробиеро дид бо гӯспанде чанд истода. Пурсид, ки ин ҷо чи мекунӣ? Гуфт: «Бегоҳ ин ҷо расидам ва корогоҳе наёфтам, ҳам ин ҷо фуруд омадам то фардо, ки гӯсфанд бифурӯшам ва ба Рум равам». Зиёд гуфт: «Медонам, ки ту рост мегӯӣ. Агар туро раҳо кунам, хабар шавад ба мардумон, ки Зиёд он чи гуфт накард ва сиёсати ман табоҳ шавад ва шукӯҳу ҳайбати ман бишканад, валекин туро биҳишт беҳтар аз ин ҷо».

Бифармуд, то гарданаш бизаданд ва аз он ҷо бирафту ҳар киро биёфт, сараш бигирифт. Чун рӯз бибуд, ҳазору понсад мардро сар бардошта буд ва бар дари сарои хеш тӯда карда. Мардумонро аз он ҳавле[87] азим андар дил омад. Пас дигар шаб бигузашт ва сесад танро биёфт ва сарашон бардошта. Баъд аз он ҳеҷ касро ёрое набуд, ки пас аз намози хуфтан берун омадӣ.

Чун рӯзи одинаи дигар омад, бар минбар шуд ва гуфт: «Ба шаб дар дӯконҳо дар мабандед. Ҳар ки шуморо зиён кунад, ман товон бидиҳам».

Он шаб кас дари дӯконҳо наёрист бастан. Рӯзи дигар саррофе бкомад. Гуфт: «Маро чаҳорсад динор зар

[84] падари Муовия ибни Абӯ суфён (ваф. 652); Муовия ибни Абӯсуфён, муассис ва халифаи нахустин сулолаи уммавиён (661—680);

[85] марҳилаи пеш аз исломӣ;

[86] фиску фасод;

[87] тарс, бим.

бибурданд». Зиёд гуфт: «Савганд тавонӣ хӯрдан?. Гуфт: «Тавонам». Савгандаш бидод ва чаҳорсад динор товон бал-ӯ дод ва гуфт: «Хомӯш бош ва ҳеҷ касро магӯй».

Чун рӯзи одина буд, ҳама ба намоз омаданд. Қасро захра набудӣ, ки намози одина бигузоштӣ. Зиёд ба минбар баромад ва гуфт: «Бидонед, ки чаҳорсад динор аз дӯкони фалон саррофф бибурдаанд ва шумо ҳама ҳозиред. Агар боз диҳед, диҳед вагарна гуфтаам, то ҳеҷ касро берун нагузоранд ва бифармоям, то ҳамаро дар ин масҷид бикушанд».

Дар соат он касро, ки дӯздӣ карда буд, мутаҳҳам карданд ва бигирифтанду пеши ӯ оварданд ва зар боз доду ӯро сиёсат фармуд.

Баъд аз он рӯзе Зиёд гуфт: «Дар Басра кадом маҳаллат ноэминтар аст?». Гуфтанд: «Маҳаллати банӣ Азд». Бифармуд, то ҷомаи қимате ба шаб он ҷо биафкананд, чунон ки кас надид. Ва чандин рӯз он ҷо афканда буд. Қасро захра ва ёрои он набуд, ки ҷомаро аз он ҷо бигирифтӣ.

Пас наздикон ӯро гуфтанд, ки сиёсат некӯ чизест, валекин ту бераҳматӣ кардӣ, ки чандин халоиқро ҳалок кардӣ. Гуфт: «Ман се рӯз аз ин пеш ҳуҷҷат баргирифта будам. Эшон аз бадкирдории хештан сабр натавонистанд кардан ва он чи бад-ин қавм расид, аз нофармонбурдорӣ расид».

## Фасл

Подшоҳро нард бохтану шатранҷ бохтан ва май хӯрдану гӯй задан ва шикор кардан пайваста набояд, зеро ки ӯро аз корҳо боз дорад. Ҳар кореро вақтест. Чун вақт набошад, суд зиён гардаду шодӣ ғам шавад. Аммо хусравони пешин рӯзро ба чаҳор қисмат кардандӣ: як баҳра эзидро парастидандӣ ва тоат кардандӣ, як баҳра андар подшоҳиву мулки хеш назар кардандӣ ва мазлумонро дод бидодандӣ ва доноёну хирадмандон тадбир кардандӣ, ва фармонҳо додандиву номаҳо навиштандӣ ва расулон фиристодандӣ. Ва баҳраи саввум аз хӯрдану хуфтан ва аз ин ҷаҳон баҳра баргирифтан дар шодию хуррамӣ будандӣ Ва баҳраи чаҳорум ба шикору чавгон задан ва он чи бад-ин монад машғул гаштандӣ.

Баҳроми гӯр рӯзгори хеш ба ду ним кардӣ: як ними

рӯз кори мардумон гузориҷдӣ ва як ними рӯз биосуди, ва андар ҳама подшоҳии ӯ касе рӯзи тамом кор накардӣ.

Нӯшервони одил фармуда буд, то бар буландӣ рафтандӣ ва аз хонаҳое, ки дуд барнаомадӣ бипурсидандӣ, ки чи буда аст. Агар андар ғаме будандӣ, он аз эшон баргирифтӣ.

Ва набояд, ки ҳеҷ подшоҳе раво дорад, ки омилони вай аз раият чизе ба ноҳақҳ биситонанд, чунон ки ба ҳикоят омада аст:

## Ҳикоят.

Чунин гӯянд, ки омиле аз они Нӯшервон се бор ҳазор-ҳазор дирам афзун аз хироҷ ба Нӯшервон фиристод. Бифармуд, то зиёдат аз он ба худовандони дирам боз доданд ва омилро бар дор фармуд кардан.

Ва ҳар подшоҳе, ки аз раият ба ҷавр чизе биситонад ва дар хазина ниҳад, чунон бувад, ки касе бунёди деворе кунад ва ҳанӯз хушк нашудаву тар бувад, сари девор барниҳад, то на сар монаду на бун.

Ва подшоҳ бояд, ки ҷаҳон ҳамчунон тимор дорад, ки хонаи хешро, то ҷаҳон ободон бувад. Ва подшоҳ бояд, ки он чи ситонад, ба андоза ситонад, ва он чи бахшад, ба андоза бахшад, ки ин ҳар якеро ҳаддеву андозае ҳаст, чунон ки ба ҳикоят омада аст:

## Ҳикоят.

Рӯзе Маъмун[88] чаҳор танро вилоят дод: якеро маншури[89] Хуросон дод ва се ҳазор динор хилъат дод, ва якеро вилояти Миср доду се ҳазор динор хилъат ва якеро вилояти Хузистон дод ва се ҳазор динор хилъат дод, ва чаҳорумро ҳамчунин вилояти Арман дод. Пас мӯбадонро[90] бихонд ва гуфт: «Ё деҳқон, бад-он вақт ки подшоҳони шумо ба вилояти Аҷам подшоҳӣ кардандӣ, ҳеҷ касро ин хилъат додандӣ, ки шунидаам, ки хилъаташон ҳаргиз аз чаҳор ҳазор дирам бар нагузаштӣ».

---

[88] писари Ҳорунаррашид, халифаи аҳди Аббосиён (813—833);
[89] фармони подшоҳӣ;
[90] пешвои рӯҳонӣ дар дини зардуштӣ. Шояд дар ин ҷо исми хос бошад;

Мӯбадон гуфт: «Зиндагонии амиру-л-мӯъминин дароз бод, эшонро се чиз буд, ки шуморо нест: яке он ки аз мардумон чиз ба андоза сутуданд ва ба андоза додандӣ, дигар он ки аз он ҷо сутуданд, ки шоистӣ ва бад-он ҷо додандӣ, ки боистӣ. Сеи дигар он ки ҷуз аз гуноҳкорон касеро бим набудӣ».

Маъмун гуфт: «Рост гуфтӣ». Ва низ посух надод. Ва аз баҳри ин буд, ки дахма[91]-ву гӯрхонаи Кисро Нӯшервонро боз карду биҷуст ва чеҳраи ӯро бидид, ҳамчунон тоза ва ҷомаҳо бар вай тозаву нопӯсида ва ангуштарӣ дар ангушти вай, нигин аз ёкути сурхи гаронмоя, ки ҳаргиз чашми Маъмун гавҳаре бад-он тарова ту хубӣ ва қиматӣ надида буд. Ва бар нигини вай набишта: «Беҳ меҳ, на меҳ беҳ».[92]

Пас Маъмун бифармуд, то ҷомае зарбофт бар вай пӯшиданд ва ходиме аз они Маъмун ангуштарӣ аз ангушти Нӯшервон берун овард ва пинҳон кард. Маъмун хабар ёфт, ходимро бифармуд куштан ва ангуштарӣ бурдан ва дар ангушти ӯ кардан. Гуфт: «Ин ходим моро расво карда буд, ки то қиёмат бозпас гуфтандӣ, ки Маъмун наббошӣ[93] ва гӯршикофӣ кард, ва ангуштарӣ аз ангушти Нӯшервон берун овард».

## Ҳикоят

Сикандар аз баъзе ҳакимони хеш пурсид дар вакте ки ба сафар хост рафтан, ки моро роҳе намоед, ки аз дар он кори хеш устувор кунем. Пас меҳтари ҳакимон гуфт: «Эй малик, дили хешро ба дӯстии чизе мадеҳ ва низ ба душманӣ, ки дилро «қалб» хонанд ва хосияти ӯ ҳамчунон номи ӯст ва ӯро ба тозӣ «қалб» аз он гӯянд, ки «тақаллуб» ва «қалб» гардидан будӣ, яъне зуд бигардад. Ва акнун ту андеша куну андешаро вазири хеш гардон ва худро ёри хеш созу ҷаҳд кун ба бедор будан ба шаб ва ҳеҷ кор макун бе машварат ва андар вақти доду адл майлу муҳобо макун ва чун чунин кардӣ, ҳама корҳо ба муроди ту бошад».

---

[91] мавзолей;

[92] «Ҳар ки бехтар аст, меҳтар аст, на ҳар ки меҳтар аст, беҳтар аст»;

[93] кафандузд.

Ва подшоҳ бояд, ки ҳалим бувад у шитобзада набувад. Ва ҳакимон гуфтаанд, ки се кор аз се гурӯҳи зишт бошад, тундӣ аз подшоҳон, ҳарисӣ аз олимон ва бахилӣ аз тавонгарон.

**Ҳикмат.** Юнонӣ дастур нома набишт ба Нӯшервони одил ва пандҳо додаш ва гуфт: «Эй подшоҳи гетӣ, чаҳор чиз бояд, пайваста бо ту бувад: аввал адл, дуввум хирад ва саввум сабру чаҳорум шарм. Ва чаҳор чиз бояд, ки бо ту набувад: яке ҳасад, дуввум кибр, саввум бухл, чаҳорум кина». Ва гуфт: «Эй подшоҳи гетӣ, эшон, ки пеш аз ту буданд, рафтанд, ва эшон, к-аз паси ту хоҳанд будан, ҳаме оянд. Андар он кӯш, то ҳама подшоҳону раияти эшон орзуманду дӯстдори ту бошанд».

## Ҳикоят.

Гӯянд Нӯшервон рӯзе ба вақти баҳорон барнишаста буд бар сабили тамошо. Ва андар миёни сабзӣ мегашту дар дарахтони пурбору дар боғҳои ободон менигарист. Ногоҳ аз асп фурӯ омаду худойро шукр кард ва рӯй бар хок ниҳоду замоне дароз дар суҷуд буд. Чун сар аз хок бардошт, касони хешро гуфт, ки фарохии сол аз доду адли подшоҳ бувад у аз некӯниятӣ ва эҳсон кардан бо раияти хештан. «Ва сипос худойро, ки некӯниятии мо дар ҳама чизҳо пайдо кард». Ва ин сухан бадон гуфт, ки ӯро таҷриба афтод ба вақте, чунон ки ба ҳикоят омада аст:

## Ҳикоят.

Гӯянд рӯзе Нӯшервони одил ба шикор рафта буд ва аз лашкар ҷудо монда ба болое баромад, деҳе дид ва сахт ташна шуда буд. Бад-он деҳ шуд ва ба дари хонае рафту об хост. Духтараке берун омад ва ӯро бидид, ба хона боз омад ва якто найшакар бикӯфту дар об омехт ва қадаҳе пур карду биовард ва ба дасти ӯ дод. Нӯшервон нигоҳ кард, хошоке чанд хурд дар он қадаҳ дид. Он обро оҳиста кашидан гирифт, то тамом бихӯрд. Духтаракро гуфт: «Шод бош, хуш обе овардӣ, агар ин хошок дар ин қадаҳ набудӣ». Духтарак гуфт: «Эй сарҳанг, он хошок ба амдан андар он қадаҳ афкан-

дам». Нӯшервон гуфт «Чаро?». Гуфт: «Аз он ки туро ташна дидам ва ҷигаргарм. Агар он хошок набудӣ ту он об оҳиста нахӯрдӣ ва туро зиён доштӣ».

Нӯшервонро аҷаб омад аз зиракии он духтар. Пас гуфт: «Он об аз чанд найшакар гирифтӣ?». Гуфт: «Аз яке».

Нӯшервон аз он ҷо ба таааҷҷуб бозгашт ва чун ба ҳашам расид, ҷаридаи хароҷи он деҳ бихост, андаке буд. Андеша кард ва гуфт: «Деҳе, ки аз як найшакар чандон об ояд, дахле бад-ин бисёрӣ ва хароҷе бад-ин андаке!».

Дарният кард, ки хароҷи он деҳ ба зиёдат кунад.

Пас вақте дигар бад-он деҳ расид. Сӯи он хона танҳо гузар кард ва об хост. Ҳамон духтар берун омад ва ӯро бидид, бишинохт. Ба хона боз омад, то об берун оварад ва дер бимонд. Нӯшервонро шитоб гирифт, бонг зад. Духтарак берун омад. Гуфт: «Чаро дер омадӣ?». Духтарак гуфт: «Зеро ки аз як найшакар об чандон наомад, ки ту бихӯрӣ. Ва имрӯз се найшакар бикӯфтам, то чандон об омад, ки аз он яке омада буд». Нӯшервон гуфт: «Ин аз чи афтод?». Гуфт: «Аз нияти подшоҳ, ки шунидаам ки чун подшоҳро бар раият нят бад гардад, баракот аз ҳама чизҳо бишавад». Нӯшервон бихандиду боз нияти некӯ бикард ва он духтаракро ба ҳалол бихост, ки сахт зирак буд.

## Ҳикмат

Се гурӯҳ мардум ростгӯй бошанд: яке пайғамбарон ва дуввум подшоҳон ва саввум девонагон.

Ва гӯянд мастӣ девонагист. Ва гӯянд девона аз маст тарсад, зеро ки мастии девонагӣ аз андаруни тан бувад ва мастии шароб аз берун бувад. Вой бар он ки ба мастии шароби ғафлат андар бимонад.

Шеър:

Киро бода мастӣ кунад бедаранг,
Чу ҳушёр гардад, аз ӯ нест нанг.
Киро подшоҳӣ бувад мастӣ кор,
Ӯ бе подшоҳӣ шавад ҳушёр.

Фаррух он подшоҳе, ки аз мастии подшоҳӣ ҳушёр шавад ва пешкораш рост бувSаду ҳамнишини ӯ носеҳ

бувад. Ва аломати мастии подшоҳ он аст, ки вазорати хеш ба ниёзмандӣ диҳад ва нигоҳ дорадаш, то бениёз шавад. Пас вайро боз кунад аз кор ва дигареро фароз кунад, то мисоли ӯ чун мисоли он кас, ки кӯдаке хурдро биёбад ва то кӯдак хурд буд, мепарварад. Чун бузургу шоиста шавад, бикушад.

Чунин гӯянд, ки чаҳор чиз бар мулук фариза аст: зудудани мулки хешро аз беаслон ва ободон доштани мулк ба наздик доштани хирадмандон ва нигоҳбон кардан бар мамлакат рои пирон ва зиёдат кардани подшоҳӣ ба кам кардани бадон.

## Ҳикоят

Чун Умари Абдулазиз ба хилофат биншаст, нома набишт ба Ҳасани Басрӣ ва гуфт: «Аъиннӣ би асҳобика» (маро ёрӣ деҳ ба ёрони хеш). Ҷавоб фиристод ва гуфт: «АММО ТОЛИБ-УД-ДУНЁ ФА ЛО ЯНСАҲУ ЛАКА ВА АММО ТОЛИБ-УЛ-ОХИРАТИ ФА ЛО ЯРҒАБУ ФӢКА. ФАҚТАФИ БИ ЗАВӢ-Л-АНСОБИ ФА ИННАҲУМ ИЗО ЛАМ ЯТТАҚӮ ЮКРИМӮ»-Он касро, ки ба ту фиристам, аз ду берун набувад: ё ин ҷаҳон ҷӯяд ё он ҷаҳон. Агар ин ҷаҳон ҷӯяд, туро насиҳат накунад ва агар он ҷаҳон ҷӯяд, бо ту сӯҳбат накунад, валекин басанда кун ба худовандони аслу насаб, ки агар парҳез накунанд, боре мардумро гиромӣ доранд, ва асли пок ҳаргиз хато накунад.

Ва подшоҳ бояд, ки кори хеш ба дасти носазоворон боз надиҳад ва андар дасти худовандони аслу насаб ниҳад, ки агар ба дасти носазо диҳад, мулки хеш ба бод диҳад ва мамлакат вайрон шаваду халалҳои бисёр падид ояд аз ҳар рӯй ва ҳар ҷинсе, чунон ки шоир гӯяд:

Хона, ки вайрон шуд зи азал хокаш,
Нармак-нармак биафтад аз буни девор.
Давлат к-аз хонае бихоҳад рафтан,
Кор ба дасти касе диҳад на сазовор.

Ҳар ки хидмати мулук кунад, ӯро се чиз бибояд, то шоистаи хидмати мулук гардад, чунон ки шоир гӯяд:

ИЗО ХАДИМТА-Л-МУЛУКА ФАЛБАС
МИН-АТ-ТАВОНЙ АЪАЗЗА МАЛБАС.
ФАДХУЛ ИЗО МО ДАХАЛТА АЪМО,
ВАХРУҶ ИЗО МО ХАРАҶТА АХРАС.

Тарҷума:

Гар кунӣ хидматӣ мулук талаб.
Шав зи оҳистагӣ бипӯш салаб.
Андар ой, фароз, карда ду чашм,
Ба дар ой, фароз карда ду лаб.

Ва ҳар ки дар хидмати подшоҳ густохӣ кунад, бар хештан зулм карда бошад, вагарчи фарзанди подшоҳ аст, ба ҳеҷ рӯй густохӣ нест дар хидмати эшон, чунон ки шоир гӯяд:

Агар подшоро ту бошӣ писар,
Ҳаме тарс аз ӯ, гар бибоядат сар.

Ва масали касе, ки бо подшоҳ густохӣ кунад, чун масали морафсой[95] аст, ки бо хештан морон дорад ва бо эшон хуспаду бархезад ва ё чун масали касест, ки бо шер ҳамсоягӣ дорад ва ё чун масали ҳасест, ки дар дарё бошад, дар об миёни наҳангон, ки одамиро фурӯ баранд, ва ин касҳо бохатар бошанд бар ҷони хеш.

## Ҳикмат

Ҳаким гӯяд вой бар он кас, ки мубтало шавад ба сӯҳбати подшоҳон, ки эшонро на дӯст буваду, на хеш ва на фарзанду на хидматгор ва на озарм[96]. Ва касро озарм надоранду гиромӣ накунанд, магар он ки ба касе ҳоҷатманд бошанд аз рӯи дониш ё аз мардонагӣ. Чун ҳоҷати хеш аз эшон ёфтанд, на дӯстӣ монад ва на вафо ва на шарм. Ва кори эшон бештар риё бошад, гуноҳи хешро хурд доранд ва гуноҳи дигарон бузург донанд.

Суфиёни Саврӣ[97] гӯяд, ки бо султон сӯҳбат макун, ки агар мутеъ бошӣ, туро ранҷа дорад ва агар хилоф кунӣ, туро бикушад. Ва чун бор набошад, дар наздики мулук набояд шудан, чунон ки ба ҳикоят омада аст:

[94] ҷомаи мотам, либоси мотамӣ;
[95] моргир, морбоз;
[96] шафқат, раҳм, нармӣ, шарм, ҳаё;
[97] олим, муҳаддис (715—777).

## Ҳикоят

Вакте Яздигурд ибни Шаҳриёр ба наздики падар андар рафт, ба вакте ки бор набуд, малик Баҳромро гуфт: «Бирав ва фалон ҳоҷибро сӣ чӯб бизану аз даргоҳ дур кун ва фалон озодмардро ба ҷои ӯ ба пой кун». Ва он вакт Яздигурд сездаҳсола буд. Пас он озодмард донист, ки он ҳоҷибро аз даргоҳ чаро дур карданд. Дигар рӯз Яздигурд биомад. Хост, ки андарун шавад. Ин мард даст ба синаи ӯ боз ниҳод ва боз гардонидаш ва гуфт: «Агар пас аз ин туро бад-ин вакт ин ҷо биёбам, туро шаст чӯб бизанам аз баҳри он ки низ бевакт дар пеши подшоҳ наравӣ, ва маро низ ба захми чӯбу хорӣ накунӣ».

Ва беҳтарин чизе маликро он аст, ки ба тани хеш-тан ҳарб накунад ва номуси хеш нигоҳ дорад, ки бисёр ҷонҳо ба ҷони ӯ боз баста аст ва салоҳи раият андар зиндагонии вайст. Чунон бояд, ки подшоҳ бар тани худ ситам накунад, то бар ҳама халқ ситам накарда бошад. Ва бояд, ки газофгарон[98]-ву осонгирӣ накунад ва ҳар шабе бар он ҷойгоҳ, ки ӯ хуспад, мардумро бихобонад ва худ ба ҷои дигар равад. Агар душмане қасди ҷони ӯ кунад, ба ҷои вай каси дигарро ёбад ва дасташ бад-ӯ нарасад, чунон ки ба ҳикоят омада аст:

## Ҳикоят

Гӯянд, ки Хусрави Парвиз аз Баҳроми Чӯбин бигурехт ва гуфт: «Ҳарчанд, ки гурехтан нанг аст, валекин ҷони чандин халоиқ аз ҳалок бираҳонам, ки агар ман ҳалок шавам, чандин ҳазор халоиқ ба сабаби ман ҳалок шаванд».

Ва мақсуди мо андар ин бисёр гуфтан он аст, ки рӯзгори мо сахт номувофиқ аст ва мардум баду ғофил ва салотин ба дунё машғулу молдӯст ва бо мардуми бад эҳтимол кардану тағофул намудан рост наояд, ки андар араб гуфтаанд: «АЛ-АБДУ ЮҚРАЪУ БИ-Л-АСО ВА-Л-ҲУРРУ ТАКФИҲИ-Л-ИШОРА». Яъне то бандаро чӯб бар сар назананд, аз хоби ғафлат бедор нашавад ва озодмардро ишорате тамом бувад ва ин масал бо мардуми боаслу беасл гуфтаанд.

---

98 беҳудакорӣ.

Ва вақте рӯзгоре буда аст, ки як мард ҳама ҷаҳон эмин дошта асту мусаххар карда ба диррае, ки бар дӯш ниҳода буд, яъне амир-ул-мӯъминин Умари Хаттоб (разияллоҳу анҳу). Ва он ҳунар он вақт ва замонаро буд ва раиятро. Имрӯз агар бо ин раият он муомила кунанд, бар надоранд ва фасод хезад. Валекин подшоҳро ҳайбату сиёсат бояд, то ҳар касе аз паси кори хеш бошанд ва халқ аз якдигар эмин бувад. Ва мо акнун чизе ёд кунем аз ин боб, то хонандарову шунавандаро фоида бувад.

**МАРМУЗ.** Амир-ул-мӯъминин Алиро пурсиданд, ки чаро халқро панд суд намекунад. Гуфт: «Хабаре маъруф аст, ки расул (алайҳи-с-салом) ба вақти марг васият кард ва ба се ангушт ишорат карду пас ба забон бигуфт, ки аз он ҳолу он сӯ маро мапурсед. Пас он ишоратро се моҳ гуфтанд ва се сол гуфтанд ва сӣ сол гуфтанд. Ва уламо гуфтанд, яъне чун сесад сол бигузарад, маро аз ҳоли он кас мапурсед. Чун пайғамбар гуфт маро мапурсед, эшонро панд чи суд дорад?»

**ҲИКМАТ.** Ва ҳам аз ин маъно пурсиданд. Гуфт: «Ба аввали замона халқ хуфта буданд ва уламо бедор. Имрӯз мар уламо хуфтаанду халқ мурда. Сухани хуфта мурдаро чи суд дорад. Аммо ин он рӯзгор аст, ки рои халоиқ табоҳ шуда аст ва мардум ҳама бадфеълу бадният гаштаанд. То бими сиёсати султону подшоҳ набошад, халқ бар тоату салоҳ набошанд.

## Хабар

Пайғамбар (алайҳи-с-салом) гуфт: «АЛ-АДЛУ ИЗЗ-УД-ДИНИ ВА ҚУВВАТ-УС-СУЛТОНИ ВА ФИҲИ САЛОҲ-УЛ-ХОССИ ВА-Л-ОММ». Гуфт: «Адл иззи дин аст ва қуввати султон ва салоҳи раият. Ва созгориву будан ба эминӣ ва нишастан ба офияту паймудани ҳама некиҳо ба тарозуи адл бошад. Чунон ки худой Таъоло гуфта аст: «ВА-С-САМОА РАФАЪАҲО ВА ВАЗАЪА-Л-МИЗОН»,[99] яъне БИ-Л-АДЛ.[100] Ва ҷои дигар гуфт: «ОЛЛОҲУ-Л-ЛАЗӢ АНЗАЛА-Л-ҚИТОБА БИ-Л-ҲАҚҚИ ВА-Л-МИЗОН»[101].

---

[99] Ва осмонро бардошту фурӯ гузошт тарозуро (сураи ар-Раҳмон, ояти 7);

[100] бо адл, бо дод;

[101] худованде, ки Китобро фурӯд овард бо ҳақк ва тарозу (сураи аш-Шӯро, ояти 17).

Сазовортарин касе ба ҷоҳу подшоҳӣ он аст, ки дили ӯ ҷойгоҳи адл асту хонаи ӯ оромгоҳи диндорону хирадмандон аст ва рои ӯ аз худовандони дониш асту бо мардумони оқилу мушир[102] ӯро сӯҳбат бувад, чунон ки шоир гӯяд:

Кафаш хазинаи ҷуд[103] асту дил хазинаи ақл,
Дари сарояш ороста ба толиби адл.

Ҳасани Басрӣ гӯяд: «Ҳар подшоҳе, ки динро бузург дорад, раият ӯро бузург доранд ва ҳар ки бо худой Таъоло ошно гардад, ҳама халқ бо вай ошной ҷӯянд, чунон ки шоир гӯяд:

Он ки бо эзид ошной кард,
Ҳар касе бо вай ошной ҷуст,
Хунуко[104] он касе, ки дар дунё,
Ошнои худой шуд зи нахуст.

Ва Бузурҷмеҳр гӯяд: «Маликро дар мулк нигоҳ доштан камтар аз бӯстонбон набояд будан, ки бӯстони хешро нигоҳ медорад ва чун испарғам[105] кораду андар он миён гиёҳе барояд, зуд он гиёҳро барканад, то ҷои испарғам нагирад».

**ҲИКМАТ.** Афлотун гӯяд: «ки ҳар подшоҳе, ки ӯро бар душман зафар хоҳад будан аломатҳову нишонаҳои ӯ он бувад, ки ба тани хеш қавӣ бувbooks ба забон хомӯш бувад ва ба дил борою тадбир бувад ва бохирад буваду андар мулк бошараф бувад ва дар дили мардумон ширин бувbooks андар корҳо оҳиста бувад ва аз рӯзгорҳои гузашта ботаҷрибат буваду андар дин босалобат[106] бувад. Ва ҳар подшоҳе, ки ин хислатҳо ҳама дар вай бувад, андар чашми душман боҳайбату беайб бувад ва чун ҳавл[107]-у қуввати хеш аз худой Таъоло бинад, на аз мардумон, агарчи душман қавӣ бошад, дасти зафар ӯро бувад. «Қавлуҳу Таъоло: ҚАМ МИН ФИАТИН ҚАЛИЛАТИН ҒАЛАБАТ ФИАТАН ҚАСИРАТАН БИ ИЗН-ИЛ-ЛОҲИ ВА-Л-ЛОҲУ МАЪА-С-СОБИРИН».[108]

---

[102] машваратчӣ, посеҳ.
[103] сахо, карам, саховат;
[104] хушо;
[105] райҳон, нозгул;
[106] матин;
[107] қудрат;
[108] Чи қадр гурӯҳи хурде ғалаба кардааст гурӯҳи зиёдро бо дастури худо ва худо ҳамроҳи сабркунандагон аст сурати ал-Бақара, ояти 29).

**ҲИКМАТ.** Сукрот гӯяд: «Ҳар подшоҳе, ки подшоҳӣ бар вай бихоҳад мондан, аломати ӯ он аст, ки дину адл андар дили вай дӯст бувад хирад ба вай наздик бувад, то хирадмандон ба вай наздик шаванд ва донишро тзлабкор бувад, то доноён ӯро бидонанд ва ҳунарҳо бузург дорад, то ҳунарнён бузург шаванд ва адибонро бипарварад, то адаб шоҳ занад ва айбҷӯёнро дур дорад, то айбҳо дур шавад. Ва ҳар подшоҳе, ки ин хислатҳо андар ӯ набувад аз подшоҳии хеш шодӣ набинад ва наздикону ҳамнишинони ӯ, агарчи чунин бошанд, чун подшоҳро дониш набувад, бар дасти ӯ ҳалок шаванд, ки ҳалок шудан аз бедонишӣ падидор ояд ва ҳама айбҳо аз бехирадӣ хезад, чунон ки шоир гӯяд:

Чи некӯ сухан гуфт фарзона мард:
«Бари марғзор ар на шерӣ, магард!
Нигаҳдори тан бош ва они ду чашм,
Ки хашм оварад подшоҳро ба хашм.
Або[109] подшоҳ подшоҳӣ маҷӯй,
Ба ҳангоми ҳашмаш машав пеши ӯй,
Бувад, к-аз паи хашми ӯ бегуноҳ
Шавӣ хира бар дасти ӯ бар табоҳ.
Шунидам, ки аз бодан марзгир[110]
Шавад подшаҳ зуд мастипазир».

**ҲИКМАТ.** Муовия Аҳнафи Қайсро[111] пурсид, ки: «Ё АБО ЯҲЕ, КАЙФА-З-ЗАМОНУ? ҚОЛ-АЗ-ЗАМОНУ АНТА, ИН САЛАҲТА, САЛАҲА-З-ЗАМОНУ ВА ИН ФАСАДТА, ФАСАД-АЗ-ЗАМОН». Гуфт: «Замона тӯӣ, агар ту ба салоҳ бошӣ, ӯ басалоҳ бошад, ва агар ту ба фасод машғул шавӣ, вай низ ба фасод машғул шавад».

Ва Аҳнаф ибни Қайс гӯяд: «Ҳамчунон, ки ҷаҳон ба адл ободон гашт, ба ҷавр вайрон шавад, ки адл аз ноҳияти хеш ба ҳазор фарсанг рӯшноӣ диҳад ва ҷавр аз ҷон хеш ба ҳазор фарсанг торикӣ намояд».

Ва Фузайл ибни Иёз гӯяд: «Агарам дуо мустаҷоб гаштӣ, ҷуз бар султони одил дуо накардаме, зеро ки салоҳи ӯ салоҳи ҷаҳон асту оромиши бандагон аст».

**Хабар.** Ба хабар омада аст, ки АЛ-МУҚСИТУНА ЛИЛЛОҲИ ФӢ-Д-ДУНЕ ЪАЛО МАНОБИР-ИЛ-ЛУЪЛУИ ЯВМ-АЛ-ҚИЕМА. Гуфт: «Додкунандагони ин ҷа-

---

[109] бо;

[110] масткунанда, гарангкунанда;

[111] Аҳнаф ибни Қайси Тамимӣ (619—692), яке аз лашкаркашони ислом, ки фатҳи Ҳирот, Балх ва Марвро ба ӯ нисбат медиҳанд.

хон аз баҳри худойро (Азза ва Ҷалла) рӯзи қиёмат минбарҳои марворид бошанд».

**Ҳикоят.** Искандар рӯзе бар тахт нишаста буд ва бор дода. Дуздеро пеши ӯ оварданд. Фармуд, ки: «Бар дор кунедаш». Дузд гуфт: «Айуҳол-малик[112], дуздӣ кардам ва маро ҳеҷ орзуи он набуду дили ман намехост». Искандар гуфт: «Лоҷарам, туро бар дор кунанд ва туро ҳеҷ орзуе набувад ва дили ту нахоҳад».

Ва бар подшоҳ воҷиб аст, ки адл кунад ва андар адл нек назар ва тааммул кунад ва нигоҳ дорад он чи фармояд аз сиёсат, то тамом кунанд касони ӯ чун вазиру ҳоҷиб ва ноибу шаҳна,[113] ки бисёре адлу назару сиёсати султон дар зери ришвату бартил[114] мемонад ва фоит[115] мешавад. Ва он аз хоркориву ғафлати султон бувад. Ҷаҳд бояд кардан, то андар ёфта шавад, чунон ки ба ҳикоят омада аст:

**Ҳикоят.** Гуштосби маликро вазире буд номи ӯ Ростравишн. Ба сабаби ин ном Гуштосб ӯро аз шумори парҳезкорон шумурдиву сухани ҳеҷ кас бар вай нашунидӣ ва аз кори вай огоҳӣ надошт. Ва ин Ростравишн подшоҳро гуфт, ки раият беадаб гаштаанд аз бисёрии адли мо ва бемолишӣ[116], чунон ки гӯянд: «ИЗО АДАЛ АС СУЛТОНУ ҶОРАТ ИР-РАЪИЯ»[117]. Ва аз эшон ба вай табоҳиву фасоде меояд. Бояд, ки эшонро молиш диҳӣ, пеш аз он ки табоҳӣ ояд. Акнун бояд, ки молиш аз ду гуна кунӣ: бадону муфсидонро кам кунӣ ва неконро кам накунӣ, валекин молашон биситонӣ».

Ҳар киро Гуштосб бигрифтӣ Ростравишн ришвате бисутудӣ ва гуфтӣ «Ӯро раҳо кун, то раият ҳама дарвеш гаштанду андар хазина мол намонд».

Ва чун бар ин тариқ рӯзгоре баромад, Гуштосбро душман падидор омад, андар хазинаи хеш чизе наёфт, ки бад-он лашкарро ободон кардӣ. Рӯзе аз дилмашғулӣ танҳо барнишаст ва рӯй дар биёбон ниҳод бо дили пурандеша. Ногоҳ аз дур рамае гӯсфанд бидид. Он ҷо рафт. Хаймае дид зада ва гӯсфандон хобонидаву сагеро дид бар дор карда. Чун наздики хайма фароз шуд, марде аз хайма берун омад ва бар вай салом карду ӯро

---

112 эй малик;
113 посбони шаҳр, нигоҳбони шаҳр, полиция;
114 пора;
115 фавтгардида, ноҷро;
116 танбеҳ надодан;
117 агар султон адл кард, раият ҷавр кунад.

фуруд овард ва мо ҳазар чизе, ки дошт[118], биовард ва каромат кард. Гуштосб гуфт: «Маро аз ҳоли ин саг огоҳӣ деҳ, то ман нон бихӯрам». Ҷавонмард гуфт: «Бидон ва огоҳ бош, ки ин саг амину мӯътамаде буд аз они ман бар ин рама ва бо модагурге дӯстӣ гирифт ба хуфту хез. Модагург меомадӣ ва ягон-ягон гӯспанд мебуридиву мехӯрдӣ. Сари сол бундори[119] ноҳият биомад ва аз ман сими мароъӣ[120] хост. Рӯзе ба андеша бинишастам ва ҳисоби гӯспандон мекардам, каму кост меомад, то гургеро дидам ки пайдо омаду гӯсфанде бибурд ва ин саг ҳамчунон хомӯш мебуду муҳобо кард. Донистам, ки табоҳии рама аз ин саг буда аст ва аз он хиёнат, ки мекард, сагро бигирифтам ва бар дор кардам».

Гуштосб аз он ибрат гирифт ва аз он ҷо бозгашт ва тафаккур кард[121] ва гуфт: «Раияти мо рамаи мост. Мо низ аз ҳоли эшон баррасем». Ва ба ҷои хеш боз омад ва рӯзномаҳо бихост. Сар то сари рӯзнома ҳама шафоати Рostравишн дид. Масал зад, ки ҳар ки ба ном фирефта шавад, ба нон андар монд, ва ҳар ки ба нон хиёнат кунад, ба ҷон андар монад.

Бифармуд, то ӯро бар дор карданд. Ва ин ҳикоят ба ёдгорномаҳо андар набиштанд. Дар ин боб шоир дубайт ҳаме гӯяд. Ш е ъ р:

Ба номи неки ту. хоҷа, фирефта нашавам,
Ки номи неки ту дом аст ва зарқ[122] мэр нопро.
Қасе, ки дом кунад номи нек аз паи нон,
Яқин бидон ту ки дом аст нон-ш мар ҷонро.

**ҲИКОЯТ**. Гӯянд, ки Амри Лайсро хеше буд наздик ва аз шумори сарҳангон буд, ва ӯро «Бӯҷаъфари Зайдувайҳ» гуфтандӣ. Ва аз дӯстие, ки Амр ӯро доштӣ маҳалли ӯ бад-он ҷой буд, ки рӯзе аз Ҳирот сад уштури сурхмӯй ов围данд, ба ҳар уштур як хирвор ҳавоиҷ[123]. Амр аз ҳар чизе аз он ҳавоиҷ як хирвор ба хонаи Бӯҷаъфар фиристод. Гуфт, то ӯро дар матбах[124] фарохӣ бувад.

Як рӯз Амрро гуфтанд, ки Бӯҷаъфар ғуломеро фурӯ кашид ва бист чӯб бизад. Амр фармуд, то Бӯҷаъфарро

---

[118] ҳама чизе, ки ҳозир дошт;
[119] сармоядор, молдор, заминдор, хӯҷаин;
[120] ҳаққи чарогоҳ;
[121] ба худ фикр кард;
[122] риёкорӣ;
[123] ҷамъи ҳоҷат, яъне чизу чораҳо, лавозимот;
[124] ошпазхона, дар ин ҷо ба маънои хӯрду хӯрок;

ҳозир карданд ва бифармуд, то ҳар чи дар хазинаи ӯ теғ буд биоварданд. Пеши Бӯҷаъфар ниҳод. Гуфт: «Ё Абӯ Ҷаъфар, аз ин теғҳо ҳар кадом беҳтар аст, ҷудо кун». Бӯҷаъфар ҳаме гузид, то теғе сад ҷудо кард. Гуфт: «Акнун аз ин ҷумла ду теғ ихтиёр кун». Абӯ Ҷаъфар аз он ду теғ ихтиёр кард. Амр гуфт: «Акнун бифармой, то ин ҳар ду теғро дар як ниём[125] кунанд. Бӯҷаъфар гуфт: «Айюҳо-л-амир, ду теғ дар як ниём рост наояд» Амри Лайс гуфт: «Пас ду амир дар як шаҳр низ рост наоянд».

Бӯҷаъфар донист, ки хато кардааст. Зуд замин бӯса дод ва гуфт: «Зинҳор тавба!». Амр гуфт: «Агар на онастӣ, ки туро бар ман хешовандист, ва илло муҳобо накардаме. Ин кор ба мо раҳо кун, ки ин бор туро афв кардем».

**Ҳикмат.** Ардашер гӯяд: «Подшоҳе, ки тавоноии он надорад, ки ҳаввоси хешро ба салоҳ боз оварад, авомро чигуна ба салоҳ, боз тавонад овардан, чунон ки борӣ (азза исмуху)[126] фармуд Мустафоро[127] (алайҳи-с-салоту ва-с-салом): «ВАНЗИР АШИРАТАКА-Л-АКРАБИН»[128].

Ва араб гӯяд: «Ҳеҷ чиз нест зоеъкунандатар мулкрову табоҳкунандатар раиятро бадтар аз тангборӣ[129] ва ҳиҷоби[130]... подшоҳ. Ҳар гаҳ ки подшоҳ осонҳиҷоб бувад, уммол ситам натавонанд кардан бар раият ва на раият бар якдигар. Ва подшоҳ ба осонҳиҷобӣ аз ҳама корҳо огоҳ бувад ва подшоҳ набояд, ки ғофил бувад аз аҳволи раият, то шукуҳи мамлакат баҷой бувconfigad ду беғам бувад, чунон ки ба ҳикоят омада аст:

## Ҳикоят

Гӯянд, ки Ардашер чунон бедор буд андар корҳо, ки чун надимони вай биомаданди бомдодон, бигуфтӣ, ки дӯш[131] ту фалон чиз хӯрдӣ ва бо фалон зану бо фалон канизак хуфтаӣ, ва ҳар чи карда будандӣ, ҳама боз

[125] ғилоф;
[126] худованд, ки азиз аст номаш;
[127] яъне пайғамбар Муҳаммадро;
[128] ва огоҳ кун аҳли хонадони худатро (сураи аш-Шуъаро, ояти 214);
[129] дастнорасӣ;
[130] душвории мурочиат ба дарбор;
[131] дишаб, шаби гузашта.

гуфтӣ, то мардумон пиндоштанд, ки ӯро аз осмон фаришта меояду огоҳӣ медиҳад. Ва султон Маҳмуд ибни Сабуктегин (Анорал-лоҳу бурҳонаҳу)[132] ҳамчунин бедор буд.

**Ҳикмат.** Арастотолис гӯяд, ки беҳтарин султон он аст, ки ба каргас монад ва гирд бар гирди ӯ мурдор набувад- то дур нигараду тез бинад, на он ки ба мурдор монад ва гирд бар гирди ӯ худ каргас бувад ба дурбинӣ, яъне ки чун подшоҳ дурбину бедор ва тезнигару оқибатандеш бувад, наздикону хавосси давлати ӯ ҳам бар ин сифат бошанд, кори мамлакат ва раият ба низом бувад.

**ҲИКМАТ.** Искандар гуфт, ки беҳтарин маликон он аст, ки андар мамлакати хеш суннати бадро нек гардонад ва бадтарини маликон он аст, ки суннати некро бад гардонад.

**ҲИКМАТ.** Парвиз гӯяд, ки маликро нашояд, ки гуноҳи се гурӯҳ мардум андар гузорад: яке он ки оҳанги мамлакати ӯ кунад ва дигар он ки оҳанги ҳарами[133] ӯ кунад ва сеи дигар он ки рози вай нигоҳ надорад.

**ҲИКМАТ.** Суфёни Саврӣ (раҳимаҳуллоҳ)[134] гӯяд: «Беҳтарин подшоҳ он аст, ки бо аҳли илм муҷоласат[135] кунад».

Ва эдун гӯяд, ки ҳама чизҳо ба мардум қимат гирад ва мардум ба донишу хираду бо подшоҳӣ. Аз донишу хирад беҳтар ҳеҷ чиз нест, ки он иззро бақо бувад ин шодиро пойдорӣ бувад. Ва ҳар куҷо хираду донишш бувад, он ҷо дувоздаҳ чиз гирд ояд: иффату адаб ва парҳезу амонат ва ростиву шарм ва раҳмату некӯхӯи ва вафову сабр ва ҳилм, ва ин ҳама ҳунарҳои мулук аст.

Ва бибояд донистан, ки чандин чиз бояд, ки ҷуфт бошад, то рост ояд: хирадро илм бояд, шиддатро[136] сабр бояд ва неъматро шукр бояду некуиро ҳаловат бояд ва кӯшиданро давлат бояд ва чун давлат омад, ҳама чизҳо бо вай биояд, чунон ки ба ҳикоят омада аст:

## Ҳикоят

Бад он вақт, ки Яъқуби Лайс бузург гашт ва ному бонг ёфт, Кирмону Систон ва Порсу Хуросон бигирифт

[132] мунаввар кунад худованд бурҳони варо;
[133] зану фарзанд;
[134] худо раҳматаш кунад;
[135] ҳамнишинӣ;
[136] сахтӣ, мушкилӣ.

ва оҳанги Ироқ кард ва дар он рӯзгор Мӯътамид[137] халифаи Бағдод буд ба Яъқуби Лайс нома[138] набишт, ки ту марде будӣ рӯйгар,[139] ин тадбир подшоҳӣ кардан аз куҷо овардӣ? Яъқуб ҷавоб дод, ки он худованд, ки маро давлат дод, тадбири подшоҳӣ низ ҳам ӯ дод.

Ва андар аҳдномаи[140] Ардашер чунин набишта аст, ки ҳар азизе, ки пой бар бисоти[141] дониш ниҳода буд, бозгашти он ба хорӣ бувад, ва ҳар доде, ки бе тарси эзид аст, агарчи некуст, бозгашти он ба пушаймонист.

**ҲИКМАТ.** Рӯзе Абдуллоҳи Тоҳир[142] падари хешро гуфт: «Ту чи гӯӣ ва ин давлат дар хонадони мо то кай бимонад?» Гуфт: «То ин бисоти доду адл дар айвон густурда аст».

**ҲИКМАТ.** Маъмун рӯзе ба доварӣ нишаста буд, киссае бад-ӯ бардоштанд. Он қисса ба Фазл ибни Саҳл дод, ки вазираш буд. Гуфт: «Ҳам акнун ҳоҷати ин мардро раво кун, ки ин чарх ба гардиш тезтар аз он аст, ки бар як ҳол намонад ва ҳеҷ дӯстро вафо накунад».

Худованди китоб[143] гӯяд:

«Воҷиб аст бар подшоҳони хирадманд ва бузургвор ки дар ин ахбор нигоҳ кунанд, то аз рӯзгори давлати хеш баҳра баргиранд ва доди ситамрасидагон биднҳанд, ҳоҷатмандонро ҳоҷат раво кунанду яқин бидонанд, ки ин чарх бар як гардиш намонад ва бар давлат эътимод нест. Ва қазои осмониро ба сипоҳу хазина боз натавон доштан. Ва чун давлат тоб боз диҳад, ҳама ночиз гардаду пушаймонӣ суд надорад, чунон ки ба ҳикоят омада аст:

### Ҳикоят

Чунин гӯянд, ки Марвон[144] сипоҳи хешро арз дод сесад ҳазор мард буданд ҳама сохта. Вазираш гуфт: «Ин-ат лашкаре бад-ин азимӣ». Марвон гуфт: «Хомӯш бош, ки чун муддат бигзарад, уддат[145] ба кор наояд, ва

---

[137] ал-Мӯътамид ал-Оллоҳ, писари халифа ал-Мутаваккил, халифаи 15-уми аҳли Аббосиён (870—892);

[138] нома;

[139] мисгар;

[140] декларация, хартия;

[141] гилем;

[142] яке аз писарони муассиси давлати тоҳириён ва ҳокими Хуросон (809—813);

[143] муаллифи китоб, соҳиби китоб;

[144] аз шевои нақл бармеояд, ки муаллиф Марвони II-ро, ки охирин халифаи аҳди уммавиён буд (744—750) дар назар дорад;

[145] таҷҳизот, ҷиҳози ҷангӣ.

чун қазо омад, агарчи лашкар бисёр бувад, андак намояд, ва агар ҳама ҷаҳон биситонем, охир аз мо биситонанд, ва ин ҷаҳон бо ки вафо карда аст, то ба мо низ кунад?».

**ҲИКМАТ**. Абӯлҳасани Аҳвозӣ[146] гӯяд андар китоби «Фароид ва қалоид», ки «АД-ДУНЁ ЛО ТАСФӮ ЛИШОРИБИН ВА ЛО ТАБҚО ЛИСОҲИБИН ФА ХУЗ ЗОДАН МИН ЯВМИҚА ЛИҒАДИҚА ФАЛО ЯБҚО ЯВМУН ЪАЛАЙҚА ВА ЛО ҒАДУН», яъне ин дунё сер накунад ҳеҷ хӯрандарову вафо накунад ҳеҷ ҷӯяндаро. Пас ту тӯшае баргир имрӯз фардоро, ки на имрӯз монад, на фардо».

Ва гӯянд, ки бар гӯри Яъқуби Лайс ин дубайт ба тозӣ набишта буд.

Шеър:

ХУРОСОНА АҲВИЙҲО ВА АКНОФА ФОРИСИН
ВА МО КУНТУ ЪАН МУЛКИ-Л-ИРОҚИ БИОЙИСИ
САЛОМУН ЪАЛО-Д-ДУНЁ ВА ТИБИ НАСИМИҲО
ҚААН ЛАМ ЯКУН ЯЪҚУБУ ФИҲО БИ ҶОЛИСИ

Тарҷаматуҳу би-л-форсия[147]

Бигрифтам ин Хуросон бо мулки Порс яксон,
Мулки Ироқ яксар аз ман набуд раста.
Бадруд бод гетӣ бо бӯи навбаҳорон,
Яъқуби Лайс гӯй дар вай набуд нишаста.

**СУОЛУ ҶАВОБ**. Маликеро, ки мулк аз ӯ бирафта буд, пурсиданд, ки чаро давлат аз ту рӯй бигардонид? Гуфт: «Ғирра шудани ман ба давлату нерӯи хеш ва басанда кардан ба доныши хеш ва ғофил будани ман аз машварат кардану бапой кардан мардумони дуиро ба шуғлҳои бузург ва зоеъ кардани ҳилат ба ҷои хеш ва ҷораи кор носохтан андар вақти ҳоҷат бад-ӯ ва оҳистагиву дарангдар вақти он ки шитоб бояд кардан ва раво нокардани ҳоҷоти мардумон.

Ва ӯро гуфтанд: «Аз ношоистагон кадом зиёнкортар?». Гуфт: «Онон, ки ба расулӣ раванду аз баҳри манфиати хеш хиёнат кунанд, ва ҳама вайронии мамлакат аз эшон хезад, чунон ки Ардашер гуфт: «Чанд хунҳо, ки бирехтаанд ва чанд лашкарҳо, ки ҳазимат кардаанд[148].

---

[146] адиб ва олими асри Х;
[147] тарҷумааш ба форсӣ;
[148] шикаст хӯрдаанд.

ва чанд аҳли ҳарам, ки пардаи эшон даридаанд ва чанд хоста, ки ғорат кардаанд ва чанд савганд, ки он ба дурӯғ кардаанд ба хиёнатҳои расулону ношоистагии эшон». Ва мулуки Аҷам ин ҳолро нигоҳ доштаанд, то мардумро наёзмуданди̣, ӯро ба расули̣ нафиристоданди̣, чунон ки ба ҳикоят омада аст:

## Ҳикоят

Гӯянд, ки чун мулуки Аҷам касеро ба расули̣ фиристоданди̣ ба мулуки дигар, ҷосусе бо вай бифиристоданди̣, то бишудиву ҳар чи он расул гуфта будиву шунида, ҳама бинавишти̣. Чун расул боз омади̣, сухани ӯро набишта муқобил карданди̣. Агар рост омади̣, донистанди̣, ки шоиста аст, ва баъд аз он ӯро ба расули̣ ба наздики душманон фиристоданди̣.

## Ҳикоят

Искандар расуле фиристод ба наздики Доро ва ҷавоб боз овард. Искандар дар як сухан ба шакк афтод ва бар расул бигирифт. Расул гуфт: «Эй худованд, ман ин сухан аз ӯ ба ду гӯши хеш шунидам». Сикандар бифармуд то он лафз набиштанд ва ба дасти касе дигар ба Дорой ибни Доро фиристод ва бар ӯ арза карданд. Чун нома бихонд, корде бихост ва он лафзро аз миёна бибурид ва ба Сикандар фиристод ва нома набишт ва гуфт: «Бунёди мулк бар некуии офаринишни малик асту ростии табъи ӯ ва бунёди кори малик ба ростзабониву гуфтори расулон аст, зеро ки расул он чи̣ гӯяд, аз забони малик гӯяду ҷавоби он ба гӯши малик оварад. Акнун ин сухanро бибуридам, ки сухани ман набуд ва роҳ наёфтам ба забон буридани расули ту».

Расул боз омад ва Искандар нома бихонд ва расули пешинро овоз дод ва гуфт: «Туро бар он ки̣ дошт, ки ба як сухан мулкеро табоҳ куни̣?» Расул муқирр омад[149] ва гуфт: «Эшон дар кори ман тақсир карданд, ман аз он озурда шудам».

---

[149] иқрор шуд.

Сикандар гуфт: «Эй субҳоналлоҳ,[150] ту пиндоштӣ, ки мо туро аз баҳри он фиристодем, то салоҳи кори хеш созиву кори мо зоеъ бигузорӣ ва дар хуни мардумон саъй кунӣ». Онгоҳ бифармуд то забонаш аз паси қафо берун кашиданд.

## Фасл

Ва воҷиб бувад султонро, ки чун раияти вай бечора шаванду ба сахтӣ дар монанд, эшонро фарёд расад. Хосса он вакт, ки қаҳт афтад ва андар монанд аз маиша-ти хеш. Подшоҳ бояд, ки эшонро таъом диҳаду аз ха-зина ёрӣ кунад ба мол, ва нагузорад, ки ҳашами вай бар раият ситам кунанду даҳлҳон султон шикаста шавад, ва аз ин сабаб буд, ки мулуки пешин аз ин ҳолҳо пар-ҳез кардандӣ ва аз ҳазина раиятро ёрӣ додандӣ, чунон ки ба ҳикоят омада аст:

## Ҳикоят

Гӯянд расми мулуки Аҷам чунон будӣ, ки рӯзи Нав-рӯз ва Меҳргон раиятро бор додандӣ ва аз пеш ба чан-дин рӯз мунодӣ бонг мекардӣ, ки бисозед фалон рӯзро, то ҳар касе кори хеш бисохтандиву қиссаҳо набиштан-дӣ ва ҳуҷҷати хеш ба ҷой овардандиву он касро, ки хасме будӣ, донистӣ, ки аз вай ба малик хоҳад нол-дан, кори хеш бисохтӣ. Чун он рӯз будӣ, мунодии ма-лик бар даргоҳ биистодиву бонг кардӣ, ки агар имрӯз касе касеро боз дорад, малик аз хуни ӯ безор аст. Пас қиссаҳои мардумон бисутудандиву ҳама пеши малик бинниҳодандӣ, то вай як-як нигоҳ кардӣ ва мӯбади мӯба-донро бар дасти рост нишонда будӣ. Ва мӯбади мӯба-дон ба забони эшон «қози-ул-қузот» буд. Агар қиссае будӣ, ки дар он ҷо аз малик бинолида будӣ, малик бар-хостиву пеши мӯбади мӯбадон ба ду зону биниишастӣ баробари хасм ва гуфтӣ: «Нахуст аз ҳама довариҳо до-ди ин мард аз ман бидеҳ ва ҳеҷ майлу мухобо макун».

Ва онгаҳ мунодии малик бонг кардӣ, ки ҳар киро бо малик хусумат аст, ба саффи пешин оянд, то кори эшон нахуст бигузорад. Ва малик бо хасми хеш ҳамчунон ба

---

[150] пок аст худованд.

ду зону нишастӣ ва мӯбади мӯбадонро гуфтӣ: «Ҳеҷ гуноҳ нест назди худой Таъоло бузургтар аз гуноҳи мулук. Аммо ҳаққ гузоридани мулук неъмати эзид Таъоloро нигоҳ доштани раият аст ва доди эшон додану дасти ситамкор аз эшон кӯтоҳ кардан. Ва чун малик бедодгар бошад, аз дигарон чунон сазад, ки худой Таъолоро фаромӯш бикунанд. Эй мӯбад, нигар то маро бар нагузинӣ, зеро ки ҳар чи эзид Таъоло аз ман пурсад, ман аз ту пурсам ва андар гардани ту кунам».

Пас мӯбад гуфтӣ: «Чун Ҳаққ Таъоло бандагони хешро некбахтӣ ҳадия диҳад, ба солорӣ бар сари эшон касеро гузинад, ки вай беҳтарини халқи замин бошад. Ва чун хоҳад, ки бандагон бидонанд, ки ин солор аз наздики ӯ чӣ қадр дорад, бар забони ӯ он ронад, ки ба забони ту меронд». Пас мӯбад нигоҳ кардӣ агар миёни ӯву миёни хасм доварӣ дуруст шудӣ, доди он кас ба тамомӣ аз малик бисутудӣ. Ва агар касе бар малик даъвои ботил кардиву ҳуҷҷати он надоштӣ, ӯро уқубат кардиву мунодо фармудӣ кардан, ки ин ҷазои он аст, ки бар малик ва мамлакат айб ҷӯяд.

Ва чун малик аз доварӣ пардохтӣ, ба тахти мулк баромадиву тоҷ бар сар ниҳодӣ ва рӯй ба касони хеш кардиву гуфтӣ: «Ман аз хештан дод аз он медиҳам, то ҳеҷ касро тамоъ намонад аз ситам кардан бар касе. Ҳар ки аз шумо хасме дорад, хушнуд кунед, ва ҳар ки ба вай наздиктар будӣ, он рӯз дуртар будӣ ва ҳар ки қавитар будӣ, он рӯз заифтар будӣ.

Ва ҳам бар ин роҳу кеш[151] мебудӣ, то ба рӯзгори Яздигурди Базаҳкор, ки ӯ роҳу равишҳои Сосониён бигардонид ва андар ҷаҳон фасоду бедодӣ кард, то рӯзе аспе аз дари сарои ӯ даромад ба ғоят шигарфу некӯ, чунон ки ҳаргиз кас чунон асп надида буд ба камолу ҷамол.

Ва ҳама лашкар бикӯшиданд, ки ӯро бигиранд, даст надод ва натавонистанд гирифтан, то пеши Яздигурд омад ва хомӯш бистод бар канори айвон. Яздигурд гуфт: «Шумо ҳама аз ин асп дур шавед, ки ин ҳадияи худой аст маро хосса».

Бархост ва нарм-нарм даст ба сару рӯи ӯ фурӯ овард ва пушти ӯ бимолид. Асп хомӯш бистод. Яздигурд зин хост ва ба дасти хеш зин бар пушти ӯ ниҳод ва танг[152]-аш устувор баркашид ва аз пушташ даромад, то пордум

---

[151] дин, мазҳаб;
[152] тасма.

дарафкананд. Асп лагаде маҳкам бар сари дили ӯ зад. Дарҳол биафтоду бимурд. Ва асп сар ба дар берун ниҳод ва кас надонист, ки аз куҷо омаду куҷо рафт. Мардумон гуфтанд ин фариштае буд баргумоштаи худой то ӯро ҳалок бикарду моро аз ҷавру ситами ӯ бираҳонид.

### Ҳикоят

Абӯ Юсуфи[153] қозӣ гӯяд, ки рӯзе Яҳё ибни Холиди ал-Бармакӣ[154] дар маҷлиси ҳукми ман омад бо муғе.[155] Ва муғ бар вай даъво кард. Гувоҳ хостам, гувоҳ надошт. Гуфт: «Ӯро савганд деҳ». Ман Яҳёро савганд додам, ва муғ бирафт. Ва ман дар маҷлиси ҳукм Яҳёро баробари муғ нанишонда будам иззи исломро ва ҳеҷ каси дигарро дар ҳукми шариат майл накардаам, метарсам, ки худой Таъоло моро аз он бипурсад.

Аммо қадри меҳтарон бибояд донистан ва бар кеҳтарон ситам набояд кардан ва ҳаққи бузург доштан султонро воҷиб аст, ки нигоҳ доранд ва ба ҳеҷ ҳол андар ӯ осӣ нашаванд, то қавли худойро кор баста бошанд, чунон ки пеш аз ин ёд кардем: «АТИЪУ-Л-ЛОҲА ВА АТИЪӮ-Р-РАСУЛА ВА ӮЛИ-Л-АМРИ МИНКУМ[156]. Пас чун худой Таъоло касеро мартабае ниҳад ва маҳалле чунин бузург, ки тоати хеш ва тоати расул бо тоати ӯ пайваста кунад, воҷиб бувад ӯро мутеъ будану аз ӯ тарсидан.

Ва бар подшоҳ воҷиб аст ин шукр ба ҷой овардану худойро мутеъ будан бад-он чи фармуда аст аз адлу эҳсон ба ҷой овардан ва аз ҷавр дур будану раҳмат кардан бар ситамрасидагон, ки гуфтаанд битарсед аз дуои мазлумон ва парҳез кунед аз касе, ки кинаи хештан ба оби чашм боз хоҳад, аз он ки дуои ситамрасидагонро ҳиҷоб набошад ва ҳар оина мустаҷоб шавад ва хосса дуои ними шабон ва саҳаргоҳон, чунон ки шоир гӯяд:

Агарчи қодир ҳастӣ, макун ба ҷавр шитоб,
Ки охираш базаҳ бошад турову бими азоб.

---

[153] қозӣ Абӯ Юсуф Яъқуб ибни Иброҳим ибни Ҳабиби Ансории Куфӣ (733—799) қозии Бағдод дар хилофати Маҳдӣ Ҳодӣ ва Ҳорунаррашид;

[154] вазири Ҳорунаррашид (ваф. 805);

[155] рӯҳонӣ дар дини зардуштия;

[156] ниг. саҳ. 39.

Ту хуфтаву он ки бар ӯ ҷавр кардаӣ бедор,
Дуокунандаи Ҷабборро нагирад хоб

ҚОЛА РАСУЛУ-Л-ЛОҲИ (САЛЛА-Л-ЛОҲУ ЪАЛАЙҲИ ВА САЛЛАМ): «ТААССАФТУ ЪАЛО МАВТИ АРБАЪАТИН МИН-АЛ-ҚУФФОР: ЪАЛО АНӮШЕРВОНА ЛИАДЛИҲИ ВА ЪАЛО ҲОТАМ-ИТ-ТОЙ ЛИСАХОВАТИҲИ ВА ЪАЛО ИМРА-ИЛ-ҚАЙСИ ЛИШЕЪРИҲИ ВА ЪАЛО ЪАММӢ АБӢ ТОЛИБИН ЛИБИРРИҲИ.[157]

## *Боби дуввум*

## Дар сиёсати вазорат ва сирати вазирон

Бибояд донистан, ки подшоҳӣ ба дастури[1] нек тамом шавад ва вазири шоиста ва бо кифояту одил, зеро ки ҳеч малике бе дастур рӯзгор натавонад гузоштан, ва ҳар ки ба рои хеш кор кунад, афтода ояд бе шакк. Набинӣ, ки бо ҳама бузургиву фасоҳати пайғамбар (алайҳи-с-салом) эзид Таъоло ӯро машварат фармуд кардан бо ёрону хирадмандон ва доноён, чунон ки гуфт: ВА ШОВИРҲУМ ФӢ-Л-АМР[2]. Ва ҷои дигар хабар дод аз Мусо (алайҳи-с-салом): В-АҶЪАЛ ЛӢ ВАЗИРАН МИН АҲЛӢ ҲОРУНА АХӢ[3]. Гуфт: «Вазир кун маро аз аҳли ман, бародарам Ҳорунро».

Чун пайғамбарон (салавотуллоҳи алайҳим) аз вазирон бениёз набудаанд, касони дигар авлотар, ки бевазир набошанд.

Ардашери Бобаконро пурсиданд, ки кадом ёр шоистатар мар подшоҳро? Гуфт: «Дастури неку хирадманд ва меҳрубону амин, ки бо вай рой занаду роз гӯяд, ки дастури нек баромадани хеш аз баромадани подшоҳ бинад».

---

[157] Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) гуфт: «Бар марги чаҳор аз кофирон таассуф хӯрдам: бар Анӯшервон аз барои адлаш ва бар Ҳотами Той аз барои саховаташ ва бар Имраулқайс аз барои шеъраш ва бар амакам Абӯ Толиб аз барои эҳсонаш».

[1] вазир, мушовир;

[2] Ва дар кор бо онҳо машварат кун (сураи Оли Умрон, ояти 159);

[3] сураи То-ҳо, ояти 29;

Ва подшоҳ бояд, ки бо вазир се кор кунад: яке он ки чун аз вай заллате[4] дар вуҷуд ояд, ба уқубати он нашитобад, ва дигар он, ки чун тавонгар шавад, ба моли вай тамаъ накунад, сеи дигар он, ки чун ҳоҷате хоҳад, раво кунад. Ва бояд, ки се чиз аз ӯ дареғ надорад: яке он, ки ҳар вакт ки хоҳад, подшоҳро бубинад ва дигар — сухани бадгӯён бар вай нашнавад, ва сеи дигар он, ки роз аз ӯ пинҳон надорад, ки дастури нек роздори подшоҳ бувад, ва сохтагии кору дахл ва ободонии вилояту хазина аз вазир бошад ва ороиши подшоҳиву шукӯҳу тавоной аз ӯ бувад, ва сухан гуфтану ҷавоб додан бад-ӯ падидор бувад ва шодкунандаи дӯстони малику хоркунандаи душманони малик бувад. Ва сазовортарин касе ба навохтану бузург доштан дастур бувад.

## Ҳикмат

Нӯшервон писари хешро гуфт, ки он дастурро некӯ дор, ки чун туро дар ношоистӣ бинад, бо ту ҳамдостон[5] набошад.

Ва вазир чунон бояд, ки ба некӣ гароянда бувад ва аз бадӣ бопарҳез бувад. Ва агар подшоҳ некӯдил бошаду меҳрубон бар раият, вайро бад-он ёр бошад, ва агар номеҳрубон бувад, ӯро ба андак моя чизе ба оҳистагӣ ба роҳ боз оварад. Ва чунон бояд, ки бидонад, ки подшоҳро ба поядагӣ ба ман аст ва ҷаҳонро поядагӣ ба подшоҳ. Ва чунон бояд, ки ҷуз нек нагусоладу накунад ва бидонад, ки аввал касе, ки подшоҳро бибояд, ваяст.

Баҳроми Гӯрро пурсиданд, ки подшоҳро чанд чиз бояд, то бодшоҳии ӯ тамом бувад ва беғам зияд? Гуфт: «Шаш чиз: аввал дастури нек, ки роз бар вай гушояду рой бо вай занад, ва дигар аспи нек, то агар рӯзе коре пеш ояд, ӯро бираҳонад, сеюм силеҳу теғи нек, чаҳорум хостаи бисёру сабуксанг ва гаронбаҳо чун гавҳару марворид ва лаълу ёқут ва он чи бад-ин монад, панҷум таббохе[6], ки чизе созад, ки маликро чун табъ баста бувад, табъи ӯро бигушояд, шашум зане хубрӯй, то ӯро ғамгусор бувад, нек.»

[4] лағжиш, хато, камбудӣ;
[5] ҳамроҳ, ҳамраъй;
[6] ошпаз.

## Ҳикмат

Ардашер гӯяд: «Сабзавор аст ҳар подшоҳеро, ки чаҳор чиз талаб кунад ва чун ёфт, нигоҳ дорад; яке вазири боамонат, дигар дабири бодониш, саввум ҳоҷиби бошафқат, чаҳорум надими бонасиҳат, ки чун вазир боамонат бувад, далел бувад бар саломатии мулк ва чун дабир доно бувад, далел бар хиради малик бувад, ва чун ҳоҷиб бошафқат бувад, далел бар ҳишмати[7] подшоҳ ва хушнудии раият бувад ва чун надим бонасиҳат бувад, далел бар салоҳи корҳо бувад».

## Ҳикмат

Мӯбади мӯбадон ба гоҳи Нӯшервон чунин гуфт, ки подшоҳӣ натавон доштан, магар ба ёрони неку ҳампушт. Ва ёрони неку ҳампушт суд накунанд, то подшоҳ, парҳезкор набувад, ки аввал асли нек бояд, онгаҳ фаръ. Ва парҳез кардани подшоҳро маъно ростист, ки андар ҳама корҳо ростӣ кунад ва бифармояд ба қавлу феъл, то ҳама ҳашам[8]-у раият аз ростии вай рост шаванд. Ва дил бо худой Таъоло рост дорад ва куввату тавонони хеш ва сохта шудани корҳо ва зафар ёфтан бар душманон ва ба ком расидан, ҳама аз худой Таъоло бинад, ки агар уҷб[9] оварад, бими ҳалок бувад, чунон ки ба ҳикоят андар омада аст;

## Ҳикояти уҷб

Сулаймон-пайғамбар (алайҳи-с-салом) бар тахти мулк нишаста буд. Бод ӯро бардошта ва андар ҳаво мебурд. Сулаймон ба уҷб андар мамлакати хеш нигоҳ кард аз он фармонбурдории бод ва деву парӣ ва мурғону халоиқ ва бузургвориву ҳайбату сиёсат. Хост, ки тахташ нагунсор шавад. Гуфт «Е тахт, рост бош». Тахт ба овоз омад ва гуфт. «Ту рост бош, то мо рост бошем, чунон ки худой Таъоло гуфт ИННА-Л-ЛО-

---

[7] шарм, хаё, бузургӣ, бузургворӣ;
[8] дарбориён, наздикони малик;
[9] худбинӣ, худписандӣ, ҳавобаландӣ, кибру ғурур.

ҲА ЛО ЮҒАЙИРУ МО БИ ҚАВМИН ҲАТТО ЮҒА-ЙИРӮ МО БИ АНФУСИҲИМ[10].

Ва Абӯ Убайд[11] андар амсоли хеш гӯяд: «МАН САЛАКА-Л-ҶАДАД АМИНА-Л-ЪИСОР». Гуфт: ҳар ки роҳи ҳамвори устувор гирифт, аз заллат эмин шуд.

Ва дастур чунон бояд, ки донандаву хирадманд бувад ва пир бувад, зеро ки агар вазир ҷавон бувад у хирадманд, чун пир набувад, озмониш надораду он чи мардум аз рӯзгор омӯзад, аз ҳеҷ кас натавонад омӯхтан. Ва дастури нек ороиши подшоҳӣ асту ороиш покизаву некӯ бояд.

Ва чунин гӯянд, дастурро панҷ чиз бояд, то кораш писандидаву некӯ бувад: яке ҳушёрӣ, то ба ҳар коре, ки дарун шавад, берун шуданаш бинад, ва дигар дониш, то корҳои пӯшида бар вай ошкоро шавад, сеи дигар диловарӣ, ки аз чизе, ки набояд тарсидан, баддилӣ накунад, чаҳорум ростӣ, ки бо ҳама кас ҷуз ростӣ накунад, панҷум нигоҳ доштан андар ҳама вақте рози подшоҳи хеш, чунон ки ҷон бидиҳаду он роз ба ҳеҷ кас надиҳад.

## Ҳикмат

Ардашери Бобакон гуфт, ки дастур оҳиста оҳиста бояд ва некӯсухану далер ва фароҳдилу некӯрӯй ва шармгину хомӯш. Он ҷо, ки хомӯшӣ бояд ва гӯё он ҷо, ки гуфтор бояд. Бо ин ҳама покдин бояд, то аз ҳама ношоистӣ хештан дур кунад ва ботаҷрибат бояд, то корҳо бар подшоҳ осон шавад ва бедор бояд, то фарҷоми кор бинаду аз гардиши замона битарсаду аз чашми замона хештан нигоҳ дорад. Ва ҳар подшоҳе, ки ӯро дастур меҳрубон бувад, он дастурро душман бисёртар бувад аз дӯст. Ва подшоҳ бояд, ки бар дастур сухани бадгӯён нашнавад, то дӯст рашк бараду душман ғам хӯрад.

Дастур бояд, ки носеҳ бувад, то агар подшоҳро хӯи носутуда бинад, мар ӯро ба хӯи некӯ боз оварад бе ду-

---

[10] Ҳар окна худованд тағйир намедиҳад он чи дар мардумон аст, то ин ки эшон тағйир надиҳанд он чи дар худашон аст (сураи ар-Раъд, ояти 12);

[11] Абӯ Убайд Муаммар ибни Мусанноӣ Басрӣ (729—825) адиб ва забоншиноси маъруфи араб.

руштӣ, ки агар подшоҳ худкома[12] бувад, чун сухан на бар муроди ӯ гӯй бадтар кунад, далел бар он, ки худой Таъоло чун Мусоро рисолат ба Фиръавн фиристод, гуфт: «Бо вай сухан ба нарми гӯед». Қавлуҳу Таъоло: ФА ҚУЛО ЛАҲУ ҚАВЛАН ЛАЙИНО[13]. Чун худой Таъоло бо душмани хеш сухан нарм фармуд гуфтан, бо дигарон авлотар.

Ва агар подшоҳ вақте дуруштӣ кунад, вазирро набояд, ки дар дил гирад, зеро тавонони подшоҳ забонро гушода кунад, то ҳар чи хоҳад, бигӯяд ва ҳар чанд ки дастур меҳрубон бувад ва ростгӯй ва некӯкирдор, набояд, ки кирдори хеш ба подшоҳ бишмурад ва бар вай миннат ниҳад, ки зиракон гӯянд, ки чун ба ҷон касе некӯй кунӣ ва боз сарзаниш кунӣ беҳтар аз он бошад, ки сипос ва миннат ниҳӣ.

Ва бибояд донистан, ки ҳар чи дастур ва наздикони подшоҳ кунанд, ба фарри подшоҳ кунанд, пас миннат подшоҳро сазад бар халқ.

Ва бузургтарин табоҳӣ, ки подшоҳро хезад, аз ду чиз хезад; яке аз дастури бад ва дигар аз нияти бад.

Ва Нӯшервон гуфт: «Бадтарин дастур он бошад, ки подшоҳро бар ҳарб кардан тез кунад, ҷое, ки бе ҳарб кор некӯ шавад аз он ки дар корҳо хоста ҳазина[14] шавад ва андар ҳарб ҷону тан ва хоста.

Арастотолис гӯяд, ки ҳар подшоҳе, ки ӯро дастури нодон бувад, подшоҳии ӯ чун абре бувад, ки барояду наборад.

Ва андар пандномаи Арастотолис гуфта аст, ки ҳар коре, ки ба дасти касе барояд бе ҳарбу дуруштӣ ва ту ба мурод расӣ, беҳтар аз он, ки ту бо ӯ ҳарб ба дасти хеш кунӣ. Ва доно он масал зананд ва гӯянд: «Мор ба дасти касон бояд гирифтан, на ба дасти хеш». Ва тартиби вазир он бувад, ки то тавонад ҳарбро ба номаву тадбир кунад ва агар ба тадбир ҳилат кор некӯ нашавад, ба атою силат[15] бикӯшад. Ва агар лашкар мунҳазим шавад,[16] гуноҳашон афв кунаду ба куштани эшон нашитобад, зеро ки зиндаро битавон куштан ва

[12] худсар, худрой; ситамгор, золим;

[13] Пас бигӯем ба вай сухан ба нармӣ. Сураи То-ҳо, ояти 44. (Дар ин оят амри худованд ба ду кас, яъне ба Мӯсо ва бародараш Ҳорун аст);

[14] харҷ;

[15] эҳсон, бахшиш, инъом;

[16] шикаст хӯрад.

куштаро зинда натавон кардан, ки марде ба чи-
хил сол мард гардад ва аз сад яке шоиста ояд. Ва агар
касе аз сипоҳи подшоҳ асиру гирифтор шавад, ӯро боз
харад, то дигаронро умед афтад ва дили эшон қавӣ ва
рӯзии ҳар касе ба андоза нигоҳ дорад ва мардони мард-
ро бар созу олати ҳарб хӯ кунад ва бо эшон сухани
неку гӯяду мудоро кунад, ки сипоҳиёну вазиронро би-
сёр куштаанд дар рӯзгорҳои қадим.

Аз некбахтии подшоҳ бувад, ки худой Таъоло ӯро вазири шоиста диҳад ва ростгӯю меҳрубон. Ва пайғамбар (алайҳи-с-салом) гуфт: «Қасеро ки амирӣ диҳанд ё коре ва худой Таъоло бад-ӯ хайре хоҳад, ӯро вазире диҳад порсову ростгӯй ва некрӯй, то агар амир дар кори раият аз ҳақ гузоридан чизе фаромӯш кунад, ёдаш диҳад, ва агар ёрӣ хоҳад, ёрӣ диҳадаш.

Ва худованди китоб гӯяд, ки худой Таъоло ба ҳама рӯзгоре андар олам изҳори қудрати хешро гурӯҳеро баркашида аст аз бандагон, чун подшоҳону вазирону олимон ободонии ҷаҳонро. Ва аз аҷоибҳои ҷаҳон яке ҳадиси Бароmика[17] аст ва ҳеҷ кас андар ҷаҳон ба бахшишу саховати эшон набуд, зеро ки вилояти эшон бисёр буду дахл бисёр ва ҳоли кадхудоиву вазорати мулук баъд аз эшон табоҳ бибуд ва бе расму бе равнақ шуд, то эзид (Таборака ва Таъоло) ба фарри давлати Салҷӯқиён оли Низомулмулкро[18] дар вуҷуд оварда ва бад-он маҳаллу пойгоҳ боз бибурд, ки вазирони пешин буданд ва низ зиёдаттар, чунон ки дар дунё ҳеҷ кас аз худовандони фазлу ғурабо[19] ва шарифу вазиъ[20] аз эҳсону инъоми эшон маҳрум нест.

Ва ин бад-он овардем, то ҳар ки бархонад, бидонад, ки мардуми шоиста то ношоиста чанд фарқ дорад.

Ва Бузурҷмеҳр гӯяд, ки ҳар чизеро бо ҳар чизе қиёс натавон кардан, ки гавҳари мардум аз ҳама гавҳарҳо бузургвортар аст ва олам сар ба сар ба мардум ороста шудааст ва эзид Таъоло хатокор несту ин шоистагӣ ӯ диҳад онро, ки хоҳад ва ҳар касеро медорад, ҷунон ки сазовор аст.

---

[17] ҷамъи Бармакӣ, яъне Бармакиҳо. Номи хонадони эронинажодҳо, ки вазорати сулолаи Аббосиёнро (750—809) ба ӯҳда доштанд;

[18] вазири Алп-Арслони Салҷуқӣ (1063—1072) ва соҳиби мадрасаи Низомия дар Бағдод ва Нишопур ва муаллифи китоби «Сиёсатнома»;

[19] ҷамъи «ғариб», яъне ғарибон;

[20] паст, нокас.

Пас вазирону кадхудоёни подшоҳон бар ин ҷумла бояд, ки бошанд ва роҳу онни пешинагон нигоҳ доранд ва молҳо, ки аз раият бихоҳанд, маслаҳати подшоҳиро ба вақту ҳангом хоҳанд ва русум бидонанд ва ба андозаву тавоноӣ бар раият бор ниҳанд ва дар шикор кулангкуш бошанд, на бунҷишккуш[21], яъне ки аз дарвешу заиф чизе наситонанд ва андар моли мардуму тараки эшон чун ворис бошад, ҳарисӣ накунанд ва тамаъ надоранд, ки он номуборак бувад ва дили раият ва ҳашамро ба чиз бахшидан ва ҳоҷат раво кардан хуш доранд ва ҷоҳу манзалат ва кифояту шоистагии хеш андар маслаҳати раият бинанд, то андар ин ҷаҳон некном бошанд ва андар он ҷаҳон савоб ёбанд ВА-Л-АМРУ ЛИЛЛОҲИ ТАЪОЛО.[22]

## *Боби саввум*

## Андар зикри дабирону ҳунармандии эшон

Ва доноон гуфтаанд, ки ҳеҷ чиз бузургвортар аз қалам нест, ки ҳама корҳои гузаштаро бад-ӯ боз тавон овардан ва аз бузургвории қалам яке он аст, ки эзид Таъоло бад-ӯ савганд ёд кард ва гуфт: НУН, ВА-Л-ҚАЛАМИ ВА МО ЯСТУРУН.[1] Ва ҷои дигар гуфт: ИҚРАЪ ВА РАББУКА-Л-АКРАМУ-Л-ЛАЗӢ ЪАЛЛАМА БИ-Л-ҚАЛАМИ ЪАЛЛАМА-Л-ИНСОНА МО ЛАМ ЯЪЛАМ[2].

Ва пайғамбар (алайҳи-с-салом) гуфт, ки нахуст чизе ки худой офарид, қалам офарид ва биронд ба ҳар чи хост будан то қиёмат. А л-ҳ а д и с.

Ва Абдулло ибни Аббос[3] гӯяд дар тафсири ин оят Қавлуҳу Таъоло ъан Юсуф: ИҶЪАЛНӢ ЪАЛО ХАЗОИНИ-Л-АРЗИ-ИННӢ ҲАФӢЗУН ЪАЛИМ». Ва Юсуф

---

[21] гунҷишккуш;

[22] кор мар худой Таъолорост;

[1] Савганд ба қалам ва он чи менависанд (сураи ал-Қалам ояти 1);

[2] Бихон ва парвардигори ту бузургвортар аст, он ки илм омӯзонид бо қалам, омӯзонид инсонро он чи намедонист (сураи ал-Алақ, ояти 3—4);

[3] амакбачаи пайғамбар Муҳаммад, яке аз ровиёни машҳури ҳадис (619—687).

гуфт: Маро бар ганҷҳои замин гумор, ки ман дабир ва шуморгирам[4].

Ва гӯянд, ки қалам заргари сухан аст.

Ибн ал-Муътазз[5] гӯяд, ки дил кон асту хирад гавҳар ва қалам заргару хат заргарӣ.

Ҷолинус[6] гӯяд: Қалам табиби сухан аст.

Блинос[7] гӯяд: Қалам тилисме бузург аст.

Искандар гуфт: АД-ДУНЁ ТАҲТА ШАЙЪАЙНИ: АС-САЙФИ ВА-Л-ҚАЛАМИ ВА-С-САЙФУ ТАҲТ-АЛ ҚАЛАМ. Яъне ки дунё ба ду чиз барпост: ба шамшеру қалам ва шамшер ба зери қалам андар аст.

Ва ҳунару мояи омӯзандагон қалам аст ва рои ҳар касе аз дуру наздик бад-ӯ тавон донистан. Ва ҳарчанд мардро озмуни рӯзгор бошад, то китобҳо нахонад, хирадманд нагардад, зеро ки пайдост, ки аз ин андаке умр таҷриба чанд тавон кардан ва низ падид аст, ки чанд ёд тавон гирифтан ва шамшеру қалам ҳар ду ҳокиманд андар ҳама чизҳо, ки агар шамшеру қалам нестӣ, ин ҷаҳон барпой нестӣ.

Ва дабиронро ба ҷуз набиштан бисёр чизи дигар бибояд донистан, то хидмати бузургонро бишоянд. Ва ҳакимону мулуки пешин гуфтаанд, ки дабиронро даҳ чиз бибояд донистан: аввал наздикию дурии об дар зери замин ва берун овардани корезҳо ва донистани афзудану костани рӯзу шаб ба тобистону зимистон ва рафтори офтоб ва моҳу ситорагон ва иҷтимоъу истиқбол ва донистани шумори ангушт ва шумори ҳандасаву маърифати тақвим ва ихтиёрот донистани рӯзҳову ончи бибояд кишоварзонро ва донистани пизишкиву доруҳо ва маърифати боди ҷанубиву шимолӣ ва донистани шеъру қавофӣ[8], ва бо ин ҳама сабукрӯҳу хушдидор бояд ва доно бояд ба тарошидани қалам ва сохтан ва баргирифтану барниҳодан ва ҳар чи андар дил бувад ба нӯки қалам пайдо кунад ва аз туғёни қалам хештан нигоҳ дорад. Ва дабир бояд, ки бидонад, ки кадом ҳарф кашида бояд набиштан ва кадом гирду пайваста бояд. Аммо хат мубайан[9] бояд набиштан ва чунон бо-

---

[4] сураи Юсуф, ояти 55;

[5] шоири маъруфи араб, ки як рӯз дар курсии хилофат нишаста аст (816—908);

[6] табиби машҳури Юнони қадим (такр. 131—201);

[7] адиб ва арбоби давлатии Рими қадим (62—113).

[8] ҷамъи «қофия», яъне қофияҳо;

[9] возеҳ, равшан.

яд, ки ҳаққи ҳар ҳарфе бигузорад, чунон ки ба ҳикоят омада аст:

## Ҳикоят

Амир-ул-мӯъминин Умарро омиле буд. Нома набишт ба Умар ва «син»-и Бисмиллоҳ пайдо накард. Бихондаш, ва гуфт: «Нахуст «син»-и Бисмиллоҳ пайдо кун, онгоҳ ба сари амал шав».

Ва нахустин чизе дабирро донистани қалам тарошидан аст. Чун мард хат некӯ донаду қалам нек тавонад тарошидан, ба ҳама ҳол хат некӣ ояд, чунон ки ба ҳикоят омада аст:

## Ҳикоят

Шоҳаншоҳро даҳ вазир будаанд. Аз ҷумлаи эшон яке Соҳиб буд Исмоили Аббод. Пас он ҳама вазирон яке шуданд ва бар вай таэрибҳо[10] карданд ва гуфтанд, ки Соҳиб қалам натавонад тарошидан. Чун шоҳаншоҳ огоҳ бибуд, ҷумларо гирд кард. Соҳиб гуфт: «Шуморо чи ҳунар аст, ки маро нест, то бад-он маро пеши подшоҳ бад тавонед гуфтан ва падари ман маро даравгарӣ наомӯхт валекин хаттотӣ омӯхту камтарин ҳунари ман қалам тарошидан аст ва кист аз шумо, ки ба қаламе саршикаста нома биннвисад тамом?»

Ҳама оҷиз шуданд. Шоҳаншоҳ гуфт: «Ту бинавис». Соҳиб қаламе баргирифт ва сараш бишкаст ва дарче[11] тамом бинавишт ва ҳама ба фазли ӯ муқирр омаданд.

Аммо килки он беҳтар бувад, ки рост бувад ва миёни вай тунуку зард бувад. Ва қалам муҳарраф[12] бояд аз сӯи рост тозиву порсиву иброро, ва забони дарро қалам муҳарраф бар чап бояд.

Ва қалами он беҳтар, ки Яҳё ибни Ҷаъфари Бармакӣ гуфт: «Дар он нома, ки Муҳаммад ибни Лайс факӣ гуфт: «Дар он нома, ки Муҳаммад ибни Лайс фиристод ва сифати ӯ кард ва гуфт»: На борику на ситабр[13] бояд ва миёни тунуку рост. Ва корди қаламтарош

---

[10] таънаҳо;

[11] номае;

[12] кач, моил;

[13] ғафс.

тез ва тароши қалам бар сони минқори куданг бояд
мухарраф аз сӯи рост, ва он чӯб, ки нӯки қалам бар вай
буранд, бағоят сахт бояд, ва анқоси[14] порсиву сабуксанг
ва коғази молидаву ҳамвор бояд ва анқос нек ҳал ку-
над ва ҳар ҳарф, ки анфуз аз се пайкар бувад, ӯро би-
бояд кашидан ва ҳар чи кам аз се ҳарф бувад, набояд
кашидан, ки зишт ояд ва пайкарҳо андар хӯри якдигар
бояд ва ин натавонад кард, магар ҳакими хирадманд ва
он ки ангуштро бад-ин хӯй кунад.

Абдуллоҳ ибни Рофеъ дабири амир-ул-мӯъминин
— Алӣ ибни Абӣ Толиб (каррама-л-лоҳу ваҷҳал)[15]
гуфт: «Ман номае менабиштам. Амир-ул-мӯъминин ма-
ро гуфт: «Ё Абдаллоҳ, давот дароз дору қалам дароз
ва миёнаи хат гушода куну ҳуруфҳо гирд навис».

Абдуллоҳ ибни Ҷабала дабире нек буд ва шогирдон-
ро гуфтӣ: «Қалам баҳрӣ доред ва агар баҳрӣ набувад,
дигар қаламҳои зард доред ва бандгоҳи қалам бибу-
ред, то корҳо баста нашавад».

Ва бе мӯҳр нома набояд фиристодан. ҚАРАМ-УЛ
ҚИТОБИ ХАТМУҲУ[16].

Абдуллоҳи Аббос гӯяд дар тафсири ин оят: ИННӢ
УЛҚИЯ ИЛАЙА ҚИТОБУН ҚАРИМ[17]. Яъне махтуми
мӯҳра карда.

Ва пайғамбар (алайҳи-с-салом) нома фармуд набиш-
тан ба Аҷам. Гуфт: «Эшон номаи бемӯҳр нахонанд».
Ба ангуштарӣ мӯҳр фармуд кардан бар нигин ба се
сатр—мӯҳр: МУҲАММАДУН РАСУЛ-УЛ-ЛОҲ[18].

Ҳабар. Саҳр ибни Умар ал-Қалбӣ[19] ривоят кунад,
ки чун пайғамбар (алайҳи-с-салом) нома набишт ба
сӯи Наҷошӣ[20], бар хок афканд ва онгоҳ бифиристод.
Наҷошӣ мусулмон шуд. Ва чун сӯи Кисро набишт, бар
хок наафканд, лоҷарам, мусулмон нашуд.

Пайғамбар (салла-л-лоҳу алайҳи ва саллам) гуфт:
ТАРАББУ ҚУТУБАҚУМ ФА ИННАҲУ АНҶАҲУ ЛИ
ҲАВОИҶИҚУМ. Яъне чун нависед, бар хок афканед,
ки равокунандатар бувад ҳоҷати шуморо. Ва низ гуф-

---

[14] ҷамъи «*нуқс*» яъне рангҳо;
[15] худованд шариф гардонад ӯро;
[16] карами мактуб мӯҳри он аст;
[17] Ба сӯи ман партофта шуд номае гиромӣ (сураи ан-Намл, ояти 29);
[18] Муҳаммад пайғамбари худост;
[19] саҳоба (ваф. 661);
[20] номи подшоҳи Ҳабашистон.

танд: ТАРРИБӮ-Л-ҚИТОБА ФА ИННА-Т-ТУРОБА МУБОРАК. Чун нома набишта шуд, бар хок афканед, ки хок муборак аст.

Ва чун нома набиштӣ, пеш аз он ки бинавардӣ[21], фурӯ хон, он гоҳ бинавард, то гар хатое бошад, онро андар ёфта ояд.

Ва ҷаҳд бояд кардан, то сухан кӯтоҳ буваду маъно дароз ва сухан дубора набишта нашаваду аз алфози гарон парҳез кунад, то сутуда бувад.

Ва андар боби дабирӣ сухан бисёр аст, ин қадр басанда бувад, то дароз нагардад, ки гуфтаанд: ХАЙР-УЛ-ҚАЛОМИ МО ҚАЛЛА ВА ДАЛЛА ВА ҶАЛЛА ВА ЛАМ ЮМИЛЛ. Яъне сухани он некӯтар, ки ба гуфтаг кӯтоҳтару ба маъно бузургтар ва роҳнамойтар, чунон ки малол нагирад аз он ва гаронӣ наёбад ва ҳаристар бошанд ба ёд гирифтан ва-с-салом.

### *Боби чаҳорум*

## Андар ҳиммати мулукон ва баландҳимматӣ

Амир-ул-мӯъминин Умар (разияллоҳу анҳу) гӯяд: «Нигар, то хасисҳиммат набошӣ, ки ман чизе надидам мардро аз пой афкандатар аз дунҳимматӣ».

Чунонки Амр ибни-л-Осх[1] гуфт: «Мард хештанро он ҷо ёбад, ки ниҳад», яъне агар худро азиз дорад, баланд шавад ва агар хор дорад, хор шавад».

Ва тафсири ҳиммат хештандорӣ буваду пурдилӣ. Ҳиммати бузург он бувад, ки хештанро бишиносанду азиз доранд, ва ҳаргиз мардум ба наздики мардум азиз нашавад, то хештанро азиз надорад ва кас ӯро миқдор надорад[2], то вай қадри хештан надорад. Ва азиз доштани хеш он бувад, ки бо нокасон наомезад ва коре, ки кунад, чун андар хӯри вай набувад, накунад ва чизе нагӯяд, ки мардум ӯро бад-он айб кунанд.

Ва ҳиммату пурдилӣ мулукро бувад. Эзид Таъоло ин хислат дар эшон ниҳода аст ва ҳар маликеро, ки ин

---

[21] таҳ кардан, қат кардан.

[1] сарлашкари қӯшуни ислом, ки фатҳи Миср ва забти ш. Искандария ба ӯ тааллуқ дорад (594—684);

[2] қадр накунад.

хислат набудааст, аз вазирону надимон ба такаллуф биомўхта, аст, чунон ки ба ҳикоят омада аст:

**ҲИКОЯТ.** Бўдавоник[3] мардеро понсад дирам фармуд. Аҳмад ибни Хасиб[4] гуфт: «Набояд, ки ҳеҷ малике фурўд аз ҳазор шумор донад».

Ва Ҳорунаррашид рўзе андар мавкибе ҳаме мерафт. Якеро аз лашкариён асп сақат шуд. Ҳорун гуфт: «Ўро понсад дирам бидиҳед». Яҳё[5] ба чашм ишорат кард, ки ин хатост. Чун фурў омаданд. Ҳорун ўро гуфт: «Чи хато кардам, ки маро ба чашм намудӣ?». Гуфт: «Набояд, ки бар забони ҳеҷ малике камтар аз сад ҳазор дирам равад». Рашид гуфт: «Чун ҳоле афтад, ки беш аз понсад ва ҳазор наёбад, чигуна бояд кардан?». Гуфт: «Бигўй, ки аспе бидиҳедаш, то он чи расм бувад, баҷой оваранд ва ту ҳақирҳиммат набошӣ».

Ва аз ин сабаб буд, ки Маъмуни халифа Аббосро аз валиаҳдии[6] хеш боз кард ва он чунон буд, ки рўзе ба дари ҳуҷраи ў бигузашт, овозаш бишнид, ки мегуфт: «Ё ғулом, ба Русофа[7] тара[8] дидам некў ва маро аз он орзу кард. Ним дирам сим бибар ва аз он тара биовар». Маъмун гуфт: «Акнун ки бидонистӣ, ки як дирамро нима бошад, ба валиаҳдӣ нашоӣ ва на мулкро ва аз ту фалоҳ[9] наояд».

**Панд.** Гўянд, ки андар васиятнома Шопур ибни Ардашер писарро гуфта буд, ки чун касеро чизе хоҳӣ бахшидан, ҷаҳд кун, то атои ту кам аз қимати шаҳре набошад ё қимати рустое[10], то он касро тавонгарӣ бошад ва бениёз гардад ва табороти[11] он кас то бизиянд, тавонгар бошанд аз ту, ва ту аз шумори зиндагон бошӣ, на аз шумори мурдагон ва нигар, то андар бозаргонӣ ба ҳеҷ гуна рағбат накунӣ, ки он дунҳимматӣ бошад.

---

[3] лақаби Абў Ҷаъфар Мансур, халифаи дуюми аҳди Аббосиён (754—775);

[4] вазири халифаи ҳажлаҳуми аҳди Аббосиён — Муқтадир (ваф. 932);

[5] Яҳёи Бармакӣ— вазири Ҳорунаррашид (ваф.805);

[6] ворисн салтанат;

[7] номи яке аз маҳаллаҳои Бағдод;

[8] сабза, кабудӣ;

[9] некӣ, некўӣ;

[10] деҳа;

[11] ҷамъи *«табор»*

## Ҳикоят

Гӯянд вазире буд ва они малик Ҳурмузи Шопур. Бад-ӯ нома набишт ва гуфт: «Аз сӯи дарё бозаргонон омаданд ва бо эшон марворид буду ёқуту гавҳарҳои гаронмоя. Ва ман аз эшон ба сад ҳазор динор бихаридам аз баҳри хазинаи ту. Ва акнун фалон бозаргон ба сад ҳазор динор суд меҳоҳад. Ҷон рағбат ҳаст маликро чи мефармояд?»

Ҳурмуз ҷавоб набишт ва гуфт: «Сад ҳазор динор ва сад чандони дигар ба чашми мо хатар надорад, ки моро бад-он рағбат бояд кардан ва ҳаргиз диди, ки мо ба сад чандон рағбат кардем ва чун мо бозаргонӣ кунем, подшоҳӣ ки кунад? Эй нодон, нигар низ чунин корҳо накунӣ ва аз молу хостан ман дираме ё донге[12] бо суди бозаргонӣ наомезӣ, ки он некномӣ ва некҷӯии маликро бибараду бадномӣ бошад пас аз марг».

## Ҳикоят

Аммора ибни Ҳамза[13] рӯзе дар маҷлиси Мансури Бӯдавониқ нишаста буд ва он рӯзи мазолим[14] буд. Марде барпой хост ва гуфт: «Ё амир-ул-мӯъминин, ситам расидаам». Гуфт: «Аз кӣ?». Гуфт: «Аз Аммора ибни Ҳамза, ки зиёъ[15]-и ман ба ғасб[16] бисутуда аст». Бӯдавониқ Амморaро гуфт: «Бархез ва баробари хасм биншин ва ҳуҷҷати хеш бигӯй». Аммора бигуфт: «Ман бо хусумати ӯ кор надорам ва агар зиёъ они манаст, ба вай бахшидам. Ман аз ҷой барнахезам, ки амир-ул-мӯъминин маро гиромӣ карда аст ва нишонда. Ман ҷоҳу мартабати хеш ба зиёъе натавонам додан».

Меҳтарону ҳозиронро аз баландҳимматии ӯ хуш омад.

Ва ҳиммат ва нахмат[17] ҳар ду ҳамшаканд ва ҳар касеро аз ин ду баҳра аст: якеро ба саховату нон додан ва якеро ба шуҷоат ва якеро ба илму ибодат ва якеро ба зуҳду тарки дунё гуфтан ва якеро ба талаби афзунии дунё. Аммо ҳиммат андар саховату фидо кардани мол чунон бувад, ки ба ҳикоят омада аст:

---

[12] шашяки дирам;
[13] яке аз қориҳон машҳури Қуръон (699-тақ. 773);
[14] ҷамъи «мазлама», яъне шикоятҳо аз зулму ситам;
[15] ҷамъи *«зайъа»* (т), яъне заминҳои зироатӣ;
[16] ба зӯрӣ;
[17] ҳирс, орзу.

**Ҳуммат ва карам.** Яҳё ибни Холид ал-Бармакӣ рӯзе барнишаста буд ва аз пеши Ҳорунаррашид меомад. Чун ба дари сарои хеш расид, марде бархост ва гуфт: «Ё Або Алӣ, ҳоҷатмандам ва аз худой Таъоло ба ту васлат меҷӯям». Яҳё бифармуд, то ӯро дар сарои хеш биншонданд як моҳ ва гуфт то ҳар рӯзе ҳазор дирам бидиҳандаш ва аз он ки ӯ хӯрдӣ, ҳамон медиҳандаш. Чун сари моҳ бибуд, сӣ ҳазор дирам ба вай дода буданд. Мард сим бардошт ва бирафт. Яҳёро бигуфтанд. Гуфт: «Валлоҳ, ки агар нарафтӣ, дар ҳама умри ӯ ин вазифа аз ӯ боз нагирифтаме».

### Ҳикоят.

Ҷаъфар ибни Мӯсо ал-Ҳодиро[18] канизак буд аввода[19]. Номи ӯ Бадр-ул-кабир гуфтандӣ. Ва дар он рӯзгор суратеву рӯе аз он хубтар набуд ва андар боби рӯду суруди ҷомеа ва сахт бакамол буд. Муҳаммади Зубайда[20] хабар ёфт ва ӯро аз Ҷаъфар ибни Мӯсо харидорӣ кард. Ҷаъфар гуфт: «Ту донӣ, ки аз чун ман касе канизак фурӯхтан наояд, вагарна он астӣ, ки ходима ва мураттибаи сарои ман ӯст, ба ту-ш додаме».

Баъд аз он ба чандин рӯз Муҳаммади Зубайда ба сарои Ҷаъфар омад ва маҷлис барсохтанд ва Бадр дар самоъ даромад ва Муҳаммад дар тараб кардан шуд ва Ҷаъфарро ба шароб додан бисёр маст бикард ва канизакро бардошт ва ба сарои хештан бурд валекин даст бар вай наниход. Рӯзи дигар Ҷаъфарро меҳмон кард ва ба шароб бинишастанд ва Бадрро бифармуд то аз паси парда самоъ кард. Ҷаъфар бишунид, ҳеҷ нагуфт аз баландҳимматӣ ва дар хештан тағайюре нанамуд. Муҳаммад бифармуд, то он киштӣ, ки Ҷаъфар дар вай хост нишастан, пури дирам карданд. Ва чунин гуфтанд, ки ду ҳазор бадра[21] дар он киштӣ ниҳоданд. Ҷумла он буд бист бор ҳазор-ҳазор дирам, то киштибонон ба фиғон омаданд бас, ки беш аз ин барнатобад. Ва ҳамчунон ба хонаи Ҷаъфар бурданд. Инак ҳиммати бузургон чунин буд.

Ҳакимеро пурсиданд, ки ҳоли ки батар? Гуфт: «Ҳоли он ки ҳиммати ӯ баландтар ва дониши ӯ бештар ва да-

---

18 додарзодаи Ҳорунаррашид;

19 ӯднавоз;

20 писари Ҳорунаррашид Муҳаммадамин, ки дар матн бо номи модараш Зубайда зикр шудааст;

21 ҳамёне, ки гунҷоишаш даҳ ҳазор дирам бошад.

сти ӯ тангтар». Гуфтанд: «Ин ҷуни касро бо ки бояд пайвастан, то аз нуҳусат[22] ва тангдастӣ бираҳад?». Гуфт: «Бо мулук ва ба меҳтарон ва бо худовандони ҳиммат». Гӯянд: ҶОВИР МАЛИКАН АВ БАҲРАН[23], чунон ки ба ҳикоят омада аст:

### Ҳикоят.

Саид ибни Салм ал-Боҳилӣ гуфт, ки ба рӯзгори Рашид ҳол бар ман танг шуду воми[24] бисёр бар ман гирд омаду вомдорон[25] маро бигирифтанд ва бечора шудам, рафтам ба наздики Абдуллоҳ ибни Молик ал-Хузоъӣ ва аз ӯ тадбире ҷустам дар боби хештан. Абдуллоҳ гуфт: «Туро аз ин меҳнат берун наоварад, ҷуз Бароминка». Гуфтам: «Кӣ тавонад кибру ҷабборни эшон кашидан?. «Гуфт: «Ло будд[26] ба умеди салоҳи кори хеш бибояд кашидан». Ва ман бархостам ва ба наздики Фазл ва Ҷаъфар рафтам писарони Яҳё ибни Холид ва ҳоли хештан бо эшон бигуфтам. Маро гуфтанд: «Худой кифоят кунад»[27]. Ман ба наздики Абдуллоҳ ибни Молик боз омадам дилшикаста ва он чи шунидам, ӯро бигуфтам. Гуфт: «Имрӯз бари мо бибош, то худи худой чи тақдир карда аст». Он ҷо бибудам, замоне баромад ғуломе аз они ман биомад. Гуфт: «Бар дари сарои мо астаронанд[28] бо бор ва марде бо эшон мегӯяд, ки ман мӯътамади Фазл ва Ҷаъфарам». Абдуллоҳ гуфт: «Умед дорам, ки фараҷ[29] омад, хез бирав». Ман бархостам ва ба тақ бидавидам. Мардеро дидам руқъае ва андарӯ набишта, ки чун ту бирафтӣ, ман дар соат ба наздики халифа шудам ва ҳоли ту бо ӯ бигуфтам. Маро фармуд, ки аз байтт-ул-мол ҳазор-ҳазор дирам ба вай деҳ. Гуфтам: «Агар ин сим бо вом гузорад, нафақоти ӯ аз куҷо оварад?». Ҳаштсад ҳазор дирами дигар бифармуд. Ва ман аз хосси хеш ҳазор-ҳазор дирам фиристодам. Ҷумла бошад ду бор ҳазор-ҳазор дирам ва ҳаштсад ҳазор дирам, то ба кор барӣ».

---

[22] наҳсӣ;
[23] Бо малик ва ё бо баҳр ҳамсоя бош;
[24] қарз;
[25] соҳибони қарз, қарздодагон;
[26] ночор, ҳатман, бояд;
[27] дар посухи толиби ҳоҷат чунин гӯянд.
[28] ҳайвоноти боркаш, нахчирҳо;
[29] сабукӣ, кушоиш;

## Ҳикоят.

Марде аз надимони Нӯшервон дар маҷлис ҷоми заррини мурассаъ ба ҷавоҳир бидуздид. Ва Нӯшервон бидид, шаробдор талаб кард, наёфт. Овоз дод ки ё аҳли маҷлис, ҷоме заррини ба гавҳар ороста гум шуд, як тан аз ин ҷо берун маравед, то боз диҳед. Нӯшервон ӯро гуфт: «Раҳо кун, то бираванд, ки он ки ҷом дуздид, боз надиҳад ва он ки бидид, ғаммозӣ[30] нақунад.

Ва ҳар куҷо саховату ҳиммат аст, роҳат он ҷост, ва лекин мардуми носипоси нокас асли худ пинҳон натавонад кард, чунон ки ба ҳикоят омада аст:

## Ҳикоят

Рӯзе Рашид Солеҳро бихонд дар он таърих ки бар Бармакиён мутағайир шуда буд ва гуфт: «Ба наздики Мансур раву бигӯ, ки моро бар ту даҳ бор ҳазор-ҳазор дирам аст. Акнун бояд, ки ин мол ҳосил кунӣ ва агар намози шом ин мол бинадиҳад, сарашро аз дӯш баргир ва пеши ман ор. Солеҳ гуфт: «Пеш Мансур рафтаму ӯро аз он сиёсат огоҳ кардам». Мансур гуфт: «Оҳ, ки ҳалок шудам ва савганд бихӯрд, ки ҳама асбобу амлоки ман сад ҳазор дирам беш нест. Ман ин даҳ бор ҳазор-ҳазор дирам аз куҷо оварам?». Солеҳ Мансурро гуфт: «Чораи кори хештан бисоз, ки ман дар фармони амир-ул-мӯъминин дарангу мухобо наёрам кардан». Гуфт: «Акнун зинҳор маро ба хона бар, то васият кунам». Солеҳ бо ӯ бирафт то ба хона ва Мансур аҳли байти хеш видоъ кард. Ҳама гирён шуданд ва хурӯшу фиғон аз эшон баромад. Солеҳ Мансурро гуфт: «Фараҷи ту бар дасти Яҳё ибни Холид аст. Рав, то равем». Ва ҳар ду ба наздики Яҳё омаданд ва Мансур гирёну зорикунон. Яҳё аз ҳол бипурсид. Мансур ҳол бо вай бигуфт. Ғамгин шуд ва замоне хомӯш бибуд. Пас сар бароварду хазинадорро бихонд ва гуфт: «Дар хазинаи мо чи микдор сим бувад?». Гуфт: «Панҷ бор ҳазор-ҳазор дирам». Гуфт: «Биовар». Ва косиде ба Фазл фиристод ва гуфт: «Маро гуфта буданд, ки зиёъе хоҳам харид ба як бор ҳазори ҳазор дирам, ки ҳаргиз вайрон нагардад. Акнун зиёъе ҷалил мефурӯшанд, ки ҳаргиз вайрон на-

[30] хабаркашӣ.

шавад ва ҳамвора иртифоъ оварад. Бояд, ки қадре сим фиристӣ».

Ду бор ҳазори ҳазор дирам фиристод ва кас ба Ҷаъфар фиристод ва гуфт: «Маро шуғле муҳим пеш омада аст, сим фирист». Ӯ низ ду бор ҳазори ҳазор дирам фиристод. Яҳё гуфт: «Эй Мансур, инак нӯҳ бор ҳазори ҳазор дирам ба ҳосил омад». Мансур гуфт: Дасти ману домани ту, эй худованд! Ин мол ба тамомӣ аз карами ту шиносам, хунбаҳои ман тамом кун». Яҳё сар фурӯ афканд ва бигирист зор-зор ва сар баровард ва гуфт: «Амир-ул-мӯъминин канизаки моро Данонир ном гавҳаре бахшида аст қимате». Пас ғуломеро бифармуд, ки наздики ӯ раву бигӯ, ки он гавҳар ба ман фирьст. Ғулом пеши Данонир омад ва он гавҳар биоварл. Яҳё Солеҳро гуфт: «Ман ин гавҳар аз баҳри амир-ул-мӯъминин аз бозаргонон баъд аз ҷаҳди бисёр ба дувист ҳазор динор харидаам ва ӯ ба Данонири аввод бахшид». Ва чун бинад, боз шиносад ва ин низ ду бор ҳазори ҳазор дирам бувад ва он вақт даҳ дирам ба диноре буд. Ва гуфт: «Эй Солеҳ, моли мусодираи Мансур тамом шуд. Амир-ул-мӯъмининро заминбӯси мо бирасон ва бигӯ, то Мансурро ба мо бахшад». Солеҳ он мол ва он гавҳар ба наздики Рашид бурд ва Мансур байте шеър бигуфт ба тозӣ ва Солеҳ бишунид ва аҷаб дошт аз он бадгавҳарӣ ва муфсидии ӯ ш е ъ р

## ФА МО БУКЕ ЪАЛАЙА ТАРАКТУМОНӢ, ВАЛОКИН ХИФТУМО САРАД-АЛ-НИБОЛИ[31].

Маънӣ он аст, ки ин карам на аз рӯи дӯстӣ бо мо карданд, валекин тарсиданд, ки ман низ тири хеш бигандозам.

Солеҳро хашм омад ва Мансурро гуфт: «Дар рӯи замин аз Бароммка ҳеҷ кас беҳтару меҳтар нест ва бадтар аз ту кас нест ба хасисиву лаимӣ, ки туро аз хуну ҳалок боз хариданду зинда карданд ва ту ӯро шукру озодӣ накардӣ ва низ аз паси ӯ чунин сухан мегӯӣ».

Солеҳ ба наздики Рашид рафт ва ҳар он чи рафта буд, бигуфт. Рашид дар аҷаб фурӯ монд аз саховати

[31] Шумо ин некӯи на аз баҳри ман кардед, валекин аз бими гардиши рӯзгор кардед.

Яхё ва хососатӣ[32] Мансур. Пас бифармуд то он гавҳар ба Яхё боз доданд ва гуфт: «Мо чизе ки бахшидем, боз наситонем». Ва Солеҳ пеши Яхё боз омад ва қиссаи Мансур ва бадфеълии ӯ бигуфт. Яхё гуфт: «Мардуми дармондаву камчиз ва тангдилу тангдаст ҳар сухане гӯяд, ва он чи гӯяд на аз дил гӯяд ва чандон узри ӯ бихост, ки Солеҳ об дар чашм овард ва гуфт: «Ҳаргиз гарданда фалак чун ту марде берун наоварда асту наоварад. Дареғо чун ту халқе, ки андар зери замин шавӣ».

## Ҳикоят

Чунин гӯянд, ки миёни Яхё ибни Холид ал-Бармакӣ ва миёни Абдуллоҳ ибни Молик ал-Хузоъӣ душманӣ буд андар сирр ва ошкоро накардандӣ. Ва аз он буд, ки Ҳорунаррашид Абдуллоҳро бағоят дӯст доштӣ, чунон ки Яхё бо фарзандони хеш гуфтӣ: «Магар Абдуллоҳ амир-ул-мӯъмининро ҷодӯӣ мекунад».

То рӯзгоре бар ин баромад ва он озор дар дил медоштанд, то Рашид иморати Арман ба Абдуллоҳ дод ва ӯро он ҷо фиристод. Пас марде аз Ироқ худованди адабу фарҳанг дасттанг шуд ва ҳол бар вай бигашт. Тадбир карду номае музаввар[33] бисохт аз Яхё ибни Холид ба Абдуллоҳ ва аз адовати эшону мухолафат ҳеҷ огоҳӣ наёфта буд. Ва ба Арман шуду ба дари сарои Абдуллоҳ омад ва нома ба ҳоҷиб доду ҳоҷиб нома ба Абдуллоҳ дод. Бихонду бидонист, ки он нома музаввар аст. Чун мард даромаду бар вай салом кард ва сано гуфт, Абдуллоҳ ӯро гуфт: «Ранҷ кашидиву сафари дароз кардӣ ва нома ба дуруғ овардӣ, валекин дил қавӣ дор, ки мо туро навмед боз нагардонем, ки ту ба умед назди ман омадӣ». Мард гуфт: «Зиндагонии амир дароз бод, агар туро омадани ман гарон омад, баҳона маёвар, ки ҷаҳон фарох асту Рӯзидиҳанда қавист ва ин нома, ки овардам музаввар нест». Абдуллоҳ гуфт: «Ман бо ту ду кор бикунам: нома ба вакили дари хеш нависам ба Бағдод ва бигӯям, то аз ин нома, ки овардӣ баррасад. Агар рост бошад, амирии шаҳр ба ту диҳам ва агар ато хоҳӣ, дувист ҳазор дирам ба ту бахшам

[32] хасисӣ.
[33] сохта, қалбакӣ.

бо асбу сохт ва хилъату ташриф. Пас агар нома музаввар бошад, бифармоям, то дувист чӯбат бизананду ришат бисутуранд[34]. Акнун туро боз гирам ва бифармоям, то нафақаи некӯ медиҳанд, то он вақт, ки номаи маро ҷавоб ояд ва агар хоҳӣ то туро афв кунам?».

Мард гуфт: «Он дӯстдар, ки маълум кунӣ, ки ман нома рост овардам». Абдуллоҳ бифармуд, то ӯро ба ҳуҷра боз доштанд ва он, чи ба кор боист аз таъому шароб, ӯро медоданд. Ва нома набишт ба Бағдод ба вакили дари хеш, ки «марде ба наздики мо омаду номае овард ба иноят аз Яҳё ибни Холид дар боби супориши худ ва ман бар ин нома бадгумонам. Бояд, ки дуруст боз донӣ ва ҷавоб фиристӣ». Чун номаи Абдуллоҳ ба вакил расид, барнишасту ба наздикии Яҳё ибни Холид рафт ва ӯро биёфт бо хоссагиёну надимон. Ва он нома бибӯсиду ба вай дод. Яҳё нома бихонду вакилро гуфт: «Ту боз гард, то ман ҷавоб нависам». Пас вакил боз гашт ва Яҳё рӯй сӯи надимон кард ва гуфт: «Қасе, ки аз ман номаи бадурӯғ барад ба сӯи душмани ман, сазои ӯ чи бувад?».

Ҳар яке чизе мегуфтанд ва навъе аз укубат ёд мекарданд. Яҳё гуфт: «Ҳама хато мегӯед ва ин хасисиву дунҳимматӣ буд, ки шумо месиголед[35] ва шумо донед аз курбату наздикии Абдуллоҳ пеши амир-ул-мӯъминин, ва маълуми ҳама аст, ки миёни ману ӯ душманӣ буд ва ҳар чанд Иблис (алайҳи мо ястаҳикк)[36] хост, то ман, ӯро аз маҳаллу ҷоҳ бинафканам, рост наомад. Акнун бад-ин сабаб душманӣ аз миён бармехезад. Ва агар ба таҳқиқ бидонистаме, ки ин ғубор аз миёни мо бархоҳад хост, даҳ ҳазор дирам балки бештар ба мустаҳиккон[37] додаме, валекин худой Таъоло ин мардро сабаб гардонид ва ӯро тавфиқ дод, то ин тавассут[38] бикард ва озори бистсола аз дили мо баргирифт ва кори ман бо ӯ некӯ гардонид ва бар ман воҷиб шуд, ки умеди ӯро вафо кунам ва занни[39] ӯ хато нагардонам ва иноятнома нависам ба икрому тимор доштани ӯ».

Чун мардумон он сухан бишуниданд, ҳама бар вай офарин хонданд ва аз карами ӯ ба аҷаб бимонданд.

---

[34] тарошанд.
[35] мепиндоред, меандешед, фикр мекунед;
[36] бар вай он чи месазад;
[37] шоистагон, лоиқон, сазоворон.
[38] миёнаравӣ, восита;
[39] гумон.

Пас Яхё коғазу давот хост ва ба хати хештан набишт, ки «Бисмиллоҳи-р-Раҳмон-ир-Раҳим. Эзид Таъоло зиндагонии ту дароз кунад. Нома расид, бихондаму ба саломатии ту шодмон шудам ва гумони ту чунон афтод, ки ин озодмард магар тазвире сохта аст. Бидонанд, ки нома номаи ман аст ва музаввар нест ва умед чунон дорам, ки умеди он ҷавонмард вафо кунӣ ва дар ҳаққи ӯ эҳсону инъом фармоӣ. Ва ҳар чи ба ҷои ӯ кунӣ, ба ҷои ман карда бошӣ ва-с-салом».

Ва номаро унвон набишту мӯҳр кард ва ба вакили ӯ дод ва вакил ба Абдуллоҳ фиристод. Чун нома ба Абдуллоҳ расид, бихонду шод бибуд ва он мардро пеш хонд ва гуфт: «Аз он ду чиз, ки туро ваъда дода будам ва пазируфтаӣ кадом дӯсттар дорӣ?. Мард гуфт: «Ато дӯсттар дорам». Абдуллоҳ бифармуд, то дувист ҳазор дирам ва даҳ асби тозӣ—панҷ бо сохту панҷ бо ҷул ва бист тахт ҷома ва даҳ ғулом ва он чи андар ҳӯри он буд, аз турфаҳо ва гавҳарҳои гаронмоя бидодаш ва ӯро боз гардонид. Он мард азимати[40] Бағдод кард. Чун ба Бағдод расид, ба даргоҳи Яҳё ибни Холид шуд ва бор хост. Ҳоҷиб рафт ба хидмати Яҳё ва гуфт: «Марде мӯҳташам бар дар аст бо барге тамом ва ғулом». Гуфт: «Раҳо кунед, то андарун ояд». Мард даромад ва салом карду дасташро бӯса дод. Яҳё гуфт: «Ман туро намешиносам». Гуфт: «Ман он мардам, ки мурда будам аз ҷаври рӯзгор ва ту маро зинда кардӣ ва номаи музаввари ту бурдам ва ин таҷаммул[41] овардам». Яҳё гуфт: «Ӯ туро чи дод?» Гуфт: «Аз баракоту фарри ҳиммати баланди ту маро ғанӣ кард ва ҳама инак пеши ту овардам ва ҳукми он туростъ». Яҳё гуфт: «Бирав, ки кирдори ту ба ҷои ман беш аз кирдори ман аст ба ҷои ту ва миннате азим бар ман ниҳодӣ, ки он чунон мардеро бо ман аз душманӣ ба дӯстӣ боз овардӣ ва сабаб ту будӣ ва ман низ ҳам чандон мол, ки ӯ туро бахшид, бахшам». Ва бифармуд, то ҳам чандон мол биоварданд ва бад-ӯ доданд.

Ва ин ҳикоят аз баҳри он овардам, то ҳар ки бархонад, бидонад, ки мардуми бохиммат ҳаргиз зоеъ намонад, чунон ки он ҷавонмарди тангдаст зоеъ намонд, ки агар марди хасистабъ будӣ, ба шуғле дун ва мардумони хасис илтиҷо кардӣ. Чун ҳиммати ӯ баланд буд,

---

[40] азм;
[41] оростагӣ, зебу зинат.

таҳаввур[42] кард, ва гирди мардумони боҳиммат ва босаховат гашт, то бад-он таҳаввур ба мурод расид. Ва бад-он ду меҳтари бузургвори баландҳиммат нигар, ки бо ӯ чи муомалат карданд ва аз ҳиммату муруввати хештан раво надоштанд, ки ӯро уқубат кардандӣ ва биранҷониданди, то он бечора аз сахтӣ бираст ва ба неъмат афтод ва он ду меҳтар некном гаштанд.

## Ҳикоят

Ду мавло буданд: яке аз банӣ Умайа ва яке аз банӣ Ҳошим бар якдигар фахр карданд ва ҳар яке гуфтӣ, ки худовандгори[43] ман ҷавонмардтар аст. Гуфтанд: «Акнун био, то биозмоем».

Мавлои банӣ Умайа ба наздики яке аз худовандони хеш рафт ва аз тангдастӣ бинолид. 'Даҳ ҳазор дирам бидодаш, то ба наздики даҳ тан шуд ва сад ҳазор дирам бисутуд. Ӯро гуфт: «Эй ҳошимӣ, ту низ бирав ва биозмой, то бубинӣ мавлои[44] худро».

Мавлои банӣ Ҳошим омад то ба наздики Ҳусайн ибни Алӣ[45] (разиял-лоҳу анҳумо) ва ҳоли хеш аз тангӣ бигуфт. Сад ҳазор дирамаш бидод. Ва ба наздики Абдуллоҳ ибни Ҷаъфар[46] шуд. Ҳамчунин сад ҳазор дирам бидодаш. Ва ба наздики Абдуллоҳ ибни Рабиъа омад ва сад ҳазор дирам бисутуд. Ва омад бо сесад ҳазор дирам то ба наздики мавлои банӣ Умайа ва гуфт: «Худовандони ту ҳиммат аз худовандони ман омӯхтаанд. Акнун биё, то ба наздики эшон боз бирем. Нахуст мавлои банӣ Умайа худовандони дирамро гуфт, ки маро аз ҷонибе футӯҳе[47] падидор омад, ба сими шумо муҳтоҷ наям ва боз овардам. Эшон ҳар яке сими хештан аз ӯ боз сутуданд. Ва мавлои банӣ Ҳошим сим пеши ҳошимиён бурд ва гуфт: «Маро аз ҷои дигар бениёзӣ падидор омад. Акнун сими шумо ҳар яке боз овар-

---

[42] бепарвоӣ, бебокӣ;
[43] банда, ғулом;
[44] дар ин ҷо ба маънои соҳиб, хӯҷаин;
[45] набераи пайғамбар Муҳаммад ва писари имом Алӣ, ки бо Ҳасан аз як батн буданд ва дар мубориза барои хилофат дар дашти Қарбалои Ироқ соли 680 аз тарафи лашкари уммавиён ба қатл расид;
[46] бародарзодаи имом Алӣ (ваф. 700).
[47] кушоиш.

нем. Бирав ва агар аз ин сим бениёзӣ, ба садақа деҳ». дам, биситонед. Гуфтанд: «Мо додан хеш боз насито-

**Ҳикмат.** Ҳаким гуфт: «Бузург доштани бузургон аз бузургворӣ бувад ва хор доштани мардумон аз беаслӣ бувад, ва ҳиммати беолат аз сабуксорӣ бувад ва ҳиммат бо бахт зебанда бувад, зеро ки марде, ки ӯро ҳиммат бувад ва аз бахт ёрӣ набувад, ба ҷуз нагунсорӣ набувад, ки ҳиммат улвӣ[48] бояд ба бахти олӣ.

Ва низ гуфтаанд, ки сухан бапоя аст ва кор ба моя ва гуфтаанд, ки ҳиммат то Бағдод бувад ва нафақа ду фарсанге.

### Ҳикмат

Абдулазиз ибни Марвон амири Миср буд. Рӯзе барнишаста буд ва ҷое мерафт. Марде писари хешро овоз дод, ки «Ё Абдулазиз!». Амир бишунид, бифармуд, то он мардро ҳазор дирам бидоданд, то бар он писар ба кор барад. Ин хабар ба Миср фош гашт. Дар он сол ҳар киро писар омад, Абдулазиз ном кард.

Ва ба зидди он Тош, ки амирҳоҷиб ва бузурги Хуросон буд, рӯзе ба саррофони Бухоро баргузашт. Марде ғуломи хешро бихонд ва он ғуломро Тош ном буд. Бифармуд, то эшонро боз доштанд ва мусодира карданд. Гуфт: «Шумо ба ман истихфоф[49] мехоҳед».

Акнун нигоҳ кун, ки чанд фарқ дорад миёни озодмарди курайшӣ [50] ва миёни он дирамхарида[51].

Ва бибояд донистан, ки ҳиммат харчанд дер расад, охир мардро ба мурод расонад, чунон ки шоир гӯяд:

Гар ман ба хидмати маликон нон биҷӯяме,
Худ нон нигоҳдорӣ чандин напӯяме.
Лекин бузургворӣ ҷӯям ҳаме бад-ӯй
Донам, ки ҳам биёбам агар беҳ биҷӯяме.

Аммо он сутудатар, ки мардум ҳиммати хешро аз андоза ва тавоной дар нагузорад, ки онгоҳ пайваста ба ғам зияд, чунон ки шоир гӯяд:

Гар ту бар бонст парварде куний,
Аз ту беғамтар набошад ҳеҷ кас.

---

[48] олӣ, болой.
[49] таҳқир, нодидгирӣ, нописандӣ;
[50] яъне аз қабилаи Қӯрайш-қабилаи пайғамбар Муҳаммад;
[51] зархарид.

В-ар фузунӣ ҷӯӣ аз бонсти хеш,
Ин ҷаҳон яксар туро ҷумла на бас.
Ҳиммати олӣ туро, вайҳак,[52], чи суд,
Чун набошад боз бо ӯ дастрас.

### *Боби панҷум*

## Дар ҳикмати ҳакимон ва зикри ҳикмат

Аммо ҳикмат атои худой аст, онро диҳад, ки хоҳад. Суқрот[1] гуфт: «Ҳар ки худой Таъоло ӯро ҳикмат диҳад ва бо ноёфтани хоста ғам хӯрад, масали ӯ ҳамчун касе бувад, ки осониву саломат ба ғам хӯрдану ранҷ бидиҳад, зеро ки самарати[2] ҳикмат осонӣ аст ва самарати мол ранҷу бало.

Ибн-ул-Муқаффаъ[3] гӯяд, ки мулуки Ҳиндро кутуби бисёр будӣ, чунон ки пилон[4] кашидандӣ. Пас бифармуданд ҳукаморо, то онро мухтасар карданд. Ҳама доноёнро иттифоқ бар чаҳор сухан афтод: як сухан мулукрост ва он адл аст, як сухан раиятрост ва он тоат аст, ва як сухан танрост ва он нохӯрдан аст то ба вақти гуруснагӣ, ва як сухан ҷонрост ва он он аст, ки ҷуз ба хештан нанигарад.

**Ҳикмат.** Ҳакиме гуфт: «Мардум бар чаҳор гурӯҳанд: яке он аст, ки донад ва донад, ки доност. Аз вай дониш омӯзед. Ва дигар он аст, ки донад ва надонад, ки доност; ӯ фаромӯшкор аст, ёдаш диҳед. Ва яке он аст, ки надонад ва донад, ки надонад: биомӯзедаш. Ва яке он аст, ки надонад ва надонад, ки надонад; ӯ ҷоҳил аст, аз ӯ дур бошед».

**Ҳикмат.** Ҳакимеро пурсиданд, чи наздиктар? Гуфт: «Аҷал». Гуфтанд: «Чӣ дуртар?». Гуфт: «Амал»[5].

Аҳнаф ибни Қайс гуфт: «Ду чиз аст, ки бо вай ҳилат наравад: яке идборе, ки рӯй бо иқбол ниҳад, идбор-

---

[52] вой бар ту, ҳайфи ту;
[1] файласуфи Юнони қадим (тақр. 470—399 п. а. м.);
[2] мева, самара, ҳосил, маҳсул;
[3] Абдуллоҳ ибн-ул-Муқаффаъ (ваф. 759), адиби маъруфи форсинажоди араб, соҳиби «Ал-адаб-ул-кабир» ва «Ал-адаб-ус-сағир», инчунин тарҷумаи «Калила ва Димна» аз паҳлавӣ ба арабӣ ба қалами ӯ тааллуқ дорад;
[4] филон;
[5] умед, орзу.

ро бо вай хеҷ коре нест ва чун рӯй ба идбор ниҳад, ик-
болро бо вай хеҷ ҳилат нест».

Луқмон писари хешро гуфт: «Ду хислат нигоҳ дор ва аз дигар андеша мадор: дини он ҷаҳонро ва дирами ин ҷаҳонро».

Нӯшервон Бузурҷмеҳрро пурсид, ки чарост, ки дӯстро душман битавон кардан ва душманро дӯст натавон кардан? Гуфт: «Аз баҳри он, ки ободон вайрон кардан осонтар аз вайрон ободон кардан ва обгина[6] осонтар тавон шикастан аз он ки дуруст кардан». Ва гуфт: «Тандурустӣ беҳтар аз дору хӯрдан ва гуноҳ нокардан беҳтар аз истиғфор кардан ва орзӯ хӯрдан беҳтар аз ғам хӯрдан ва ҳавои танро ба зери пой овардан беҳтар аз дӯзах рафтан».

**Ҳикмат.** Марде аз ҳукамои пешин чандин сол гирди ҷаҳон мегашт ва ин шаш суханро меомӯхт ва мегуфт: «Ҳар киро ҳилм нест, ӯро иззати ду ҷаҳон нест ва ҳар киро сабр нест, ӯро саломати дин нест ва ҳар киро илм нест, ӯро аз амали хеш манфиат нест ва ҳар киро парҳез нест, ӯро ба наздики худой каромат нест ва ҳар киро саховат нест, ӯро аз моли хеш баҳра нест ва ҳар киро насиҳат нест, ӯро ба наздики худой Таъоло ҳуҷҷат нест».

**Ҳикмат.** Бузурҷмеҳрро пурсиданд, ки кадом изз аст бо зулл[7] пайваста? Гуфт: «Он иззи бо хидмати султон аст ва иззи бо ҳирс ва иззи бо сафаҳ[8]».

**Ҳикмат.** Бузурҷмеҳрро пурсиданд, ки аблаҳонро ба чӣ адаб бояд кардан?». Гуфт: «Ба навохт доштан андаруни парда». Гуфтанд: «Бандагонро ба чӣ адаб бояд кардан?». Гуфт: «Ба кор фармудан, чандон ки тоқат доранд». Гуфтанд: «Хасисонро ба чӣ адаб бояд кардан?» Гуфт: «Ба хорӣ доштан, то қадри хеш бидонанд». Гуфтанд: «Озодагонро ба чӣ адаб бояд кардан?». Гуфт: «Ба ҳоҷат раво кардан».

Ҳам аз ӯ пурсиданд, ки ҷавонмард кист? Гуфт: «Он ки бубахшад ва ёд наоварад». Гуфтанд: «Чаро ки мардумон аз баҳри мол хештан ҳалок кунанд?» Гуфт: «Аз баҳри он ки пиндоранд, ки хоста беҳтар аз чизҳои дигар аст ва надонанд, ки он чи хоста аз баҳри он бояд, беҳтар аз хоста бувад». Ва гуфтанд: «Чизе ҳаст азизтар

---

[6] шиша.
[7] залилӣ, хорӣ;
[8] беҳирадӣ, нодонӣ, бадхӯӣ, густохӣ;

аз ҷон, ки мардумон аз баҳри вай бидиҳанд ва бок надоранд?». Гуфт: «Аз ҷон азизтар се чиз аст: дину кин ва роҳат аз паси сахтӣ».

Ҳам аз ӯ пурсиданд, ки донишро ва саховатро ва шуҷоатро чӣ ороянд? Гуфт: «Донишро ростиву саховатро тозарӯӣ ва шуҷоатро афв кардан, чун зафар ёбад».

**Ҳикмат**. Юнони дастур гуфт, ки чаҳор чиз аз балоҳои бузург аст: бисёриёлӣ бо камчизӣ ва ҳамсояи бад ва зани нопорсой ва фарзанди ношоиста.

Ва ҷаҳониён иттифоқ карданд, ки кори ҷаҳон ҳама бар бисту панҷ рӯй аст. Панҷ аз ӯ ба қазою қадар аст: яке зан хостан ва дигар фарзанд овардан ва сеи дигар мол ва чаҳорум подшоҳӣ ва панҷум зиндагонӣ. Ва панҷ чизи дигар ҷаҳд бояд кардан: яке илм ва дигар дабирӣ ва сеи дигар саворӣ ва чаҳорум биҳишт ва панҷум раҳой аз дӯзах.

Ва панҷ чизи дигар табъӣ аст: яке вафо кардан, дигар мудоро кардан, сеи дигар хуфтан ва чаҳорум ҷимоъ кардан ва панҷум бавл ва ғоит кардан.

Ва панҷи дигар меросӣ аст: яке рӯи некӯ ва хӯи некӯ ва ҳиммати баланд ва мутакаббирӣ ва сифлагӣ.

Ва сахтии ҷаҳон се чиз аст, ки хирадмандонро фаромӯш набояд кардан: яке ба сар омадани ин ҷаҳон ва дигар гаштани ҳоли замона ва сеи дигар офатҳои замона.

Ва шаш чиз аст, ки ҳама ҷаҳон ба баҳои он шаш чиз арзон аст: таъоми гуворанда ва фарзанди дурустандом ва ёри мувофиқ ва меҳтари меҳрубон ва сухани дуруст ва хиради тамом.

Ҳаким гуфт: «Се чиз ба се ҷой сахт некӯ ояд аммо ба вақти хеш: ҷавонмардӣ кардан ба вақти тангдастӣ ва рост гуфтан ба вақти озор ва афв кардан ба вақти хашм».

**Ҳикмат. Ҳаким гуфт:** «Панҷ чиз зоеътарини чизҳост: яке чароғи рӯшан пеши офтоб ва борон ба шӯристон ва зани хубрӯй ба дасти марди нобино ва таъоми хуш пеши сер хӯрда ва каломи худой Таъоло дар синаи золим».

## Ҳикоят

Зане аз Бузурҷмеҳр масъалае пурсид. Бузурҷмеҳр гуфт: «Маро ҷавоби ин масъала бад-ин вақт ёд наояд». Зан гуфт: «Чун аст моли бисёр аз подшоҳ

меситонӣ аз баҳри дониши хеш ва ҷавоби масъала... ман намедонӣ?» Гуфт: «Ман аз подшоҳ он чи меситоман, бад-он меситонам, ки медонам. Агар бад-он ситонаме, ки надонаме, ҳама моли ҷаҳон маро диҳанд ба санад наояд».

**Ҳикмат.** Искандарро пурсиданд, ки чарост, ки устоди хешро азизтар аз падари хеш медорӣ?». Гуфт: «Аз баҳри он ки падари ман сабаби зиндагонии ман аст фонӣ ва устоди ман сабаби зиндагонии ман аст бокӣ».

Ва гуфт: «Агар корҳо ба қисмати яздон аст, пас кӯшиш костани равон[9] аст». Ва гуфт: «Агар замона ба рои ту наравад, ту ба рои замона рав, ки мардум ба... даи замонаанд ва замона душмани одамӣ аст ва ҳар нафасе, ки мардум занад, ба марг наздиктар аст ва аз зиндагонӣ дуртар».

## Ҳикмат

Гурӯҳе аз ҳукамо Бузарҷмеҳрро пурсиданд, ки моро аз боби ҳикмат чизе бигӯй, чандон ки моро суд дорад ба тан ва ба ҷон, то бад-он бикӯшем ва он чи моро зиён дорад бигӯй, то аз он дур бошем ва эзид Таъоло туро подоши некӣ диҳад. Гуфт: «Огоҳ бошед, ки чаҳор чиз бинонии чашмро биафзояд ва чаҳор чиз бинокоҳад ва чаҳор чиз танро фарбеҳ кунад ва чаҳор чиз танро назор[10] кунад ва чаҳор чиз танро дуруст дорад ва чаҳор чиз танро шикаста дорад ва чаҳор чиз дилро зинда кунад ва чаҳор чиз дилро бимиронад.

Аммо он чаҳор чиз, ки биноиро биафзояд: яке сабзаи хуррам ва дигар оби равон ва сеи дигар маи рӯшан ва чаҳорум дидори дӯстон.

Ва он чаҳор чиз, ки биной бикоҳад: яке таъоми шӯр хӯрдан ва дигар оби гарм рехтан бар сар ва сеи дигар андар чашмаи офтоб нигаристан ва чаҳорум дидори душман дидан.

Ва он чаҳор чиз, ки танро фарбеҳ кунад: яке ҷомаи нарм ва дигар беғам зистан, ва сеи дигар бӯи хуш ва чаҳорум хоби гармгоҳӣ[11].

Ва он чаҳор чиз, ки танро назор кунад: яке гӯшти

---

[9] ҷон;
[10] лоғар, заиф;
[11] чоштгоҳӣ, нисфирӯзӣ.

қадид[12] хӯрдан ва дигар ҷимоъи бисёр кардан ва сеи дигар андар гармоба дер будан ва чаҳорум шабонгоҳ зуд хуфтан ва ҷомаи дурушт пӯшидан.

Ва аммо он чаҳор чиз, ки танро дуруст дорад: яке таъом ба вақт хӯрдан ва дигар андозаи ҳар чиз нигоҳ доштан, сеи дигар кори сахт накардан, чаҳорум ғами беҳуда нахӯрдан.

Ва он чаҳор чиз, ки танро шикаста дорад: яке ба роҳи душвор рафтан, дигар бар сутури ҳарун[13] нишастан, сеи дигар бар мондагӣ роҳ рафтан, чаҳорум бо пиразан ҷимоъ кардан.

Ва он чаҳор чиз, ки дилро зинда кунад: яке хиради шоиста, дигар устоди доно, саввум анбози[14] амин ва иёлі мувофиқ, чаҳорум дӯсти созгор ва мусоид.

Аммо он чаҳор чиз, ки дилро бимиронад: яке сармои заҳарир[15], дигар гармои самум[16], сеи дигар дуди талх, чаҳорум бими душман.

**Ҳикмат.** Суқроти ҳаким гуфт, ки панҷ чиз мардумро табоҳ кунад: яке бо дӯстон фиреб кардан, дигар аз худовандони дониш рӯй бигардониддан, сеи дигар хештанро хор доштан, чаҳорум кибри носазовор кашидан, панҷум аз паси ҳавои дил рафтан.

**Ҳикмат.** Буқрот[17] гӯяд: «Панҷ чиз сер нашавад: яке чашм аз дидан ва дигар мода аз нар, сеи дигар оташ аз ҳезум, чаҳорум замин аз борон, панҷум олим аз илм».

Ҳакимеро гуфтанд: «Талхтарин чизе андар ҷаҳон чист ва ширинтарин чизе чист?». Гуфт: «Талхтарин чизе андар ҷаҳон сухани сард аст, ки аз носазо бишнавад ва воми гарон ва тангдастӣ; ва ширинтарин чизе фарзанд аст ва сухани хуш ва бениёзӣ».

Ҳакимеро пурсиданд, ки марг чист ва хоб чист? Гуфт: «Хоб марги сабук аст ва марг хоби гарон».

Ҳакимеро пурсиданд, ки тавонгарӣ чист? Гуфт: «Хурсандӣ». Гуфтанд: «Ишқ чист?». Гуфт: «Бемории ҷон ва марги бодареғ».

Арастотолисро пурсиданд, ки дӯст кадом устувортар ва ёр кадом меҳрубонтар ва тадбир кадом савоб-

---

[12] хушк, дар офтоб хоккарда;
[13] ҳайвони савории саркаш;
[14] ҳамроҳ, рафиқ шарик;
[15] қаҳратун. хунуки сахт;
[16] тасфон, бисёр гарм;
[17] табиби Юнони қадим (такр. 460—377 қ. м.).

тар? Гуфт: «Дӯсти гавҳарманд беҳтар ва ёри меҳрубон беҳтар ва тадбири бахирадон беҳтар».

**Ҳикмат.** Ҷолинуси ҳаким[18] гуфт: «Ҳафт чиз фаромӯшӣ оварад: яке сухани некӯ шунудан ва бар дил сурат накардан ва дигар ҳаҷомат кардан бар мӯҳран гардан, сеи дигар андар об истода бавл кардан, чаҳорум туршӣ хӯрдан, панҷум рӯи мурда дидан, шашум хуфтани бисёр, ҳафтум дар вайронӣ бисёр дарнигаристан.

**Ҳикмат.** Ҷолинуси ҳаким гӯяд дар «Китоб-ул-адвия», ки фаромӯшкорӣ аз ҳафт чиз хезад: аз балғам ва аз хандаи қаҳқаҳа ва аз хӯрдани таъомҳои шӯр ва аз хӯрдани гӯшти фарбеҳ ва аз ҷимоъ кардани бисёр ва бар мондагӣ нахуфтан ва аз ҳама сардиҳову тарихо хӯрдан зиён дорад ва фаромӯшӣ оварад.

**Ҳикмат.** Абӯлқосими ҳаким[19] гӯяд, ки фитнаи рӯзгор аз се гурӯҳ падидояд: хабаргӯй, ва хабарҷӯй ва хабарпазир, ки хабаргӯй аз гуноҳ кам раҳад ва хабарҷӯй аз ғам нараҳад ва хабарпазир аз маломат нараҳад.

**Ҳикмат.** Ҳаким гӯяд се чиз бо се чиз кам гирд ояд: ҳалол хӯрдан бо орзуй рондан, ва меҳрубонӣ бо хашм рондан ва рост гуфтан бо бисёр гуфтан.

**Ҳикмат.** Бузурҷмеҳри ҳаким гӯяд: «Агар хоҳӣ, ки аз абдол[20] гардӣ, таҳвил кун ба хӯи кӯдакон». Гуфтанд: «Чигуна?». Ғуфт: «Андар кӯдакон панҷ хислат аст, ки агар он дар бузургон будӣ, ба ҷои абдолон расидандӣ: яке он ки ғами рӯзӣ нахӯранд ва дигар чун бемор шаванд, аз худой Таъоло гила накунанд, сеи дигар бо якдигар хӯранд он чишон бошад, чаҳорум чун бо якдигар ҷанг кунанд, кина надоранд ва зуд оштӣ кунанд, панҷум бо андак бим битарсанд ва об дар чашм оваранд.

**Ҳикмат.** Ваҳаб ибни Мунаббаҳ гуфт: «Дар аввали Таврот чаҳор сухан набишта аст, ки ҳар олиме, ки парҳезкор нест, ӯ ва дузд ҳар ду якест ва дигар ҳар мард ки хирадманд нест, ӯ ва чаҳорпо якест».

**Ҳикмат.** Ҳакиме гуфт, ки мояи меҳтарӣ бор кашидан аст ва мояи гуноҳ шитобзадагист ва мояи хорӣ тангдилист.

**Ҳикмат.** Ҳакиме гуфт: «Мардум бояд, ки ба дил ҷо-

---

[18] табиби Юнони қадим (такр. 131—201);
[19] Абӯлқосими Кирмонӣ яке аз табибони машҳур;
[20] яке аз табақаи авлиё ва хоссони худо, ки ададашон то ба ҳафтод тан мерасад.

кар[21] бошад ва ба тан сарҳанг бошад ва ба ҳӯй аблаҳ бошад, яъне аз неку бад ҳама андар гузарад. Аммо агар касе ҳикмат гӯяд, бояд, ки бишнавӣ, агарчи он кас ҳаким набошад, ки бисёр тир бар нишона ояд аз дасти касе, ки тирандоз набувад.

**Ҳикмат.** Аҳнаф ибни Қайс гӯяд, ки дӯстӣ нест малулрову вафо нест дурӯғзанро ва роҳат нест ҳосидрову муруввват нест сифларо ва меҳтарӣ нест бадхӯйро.

**Ҳикмат.** Зӯ-р-риёсатайн[22] гуфт: «Марде аз марде гила кард пеши Искандар. Гуфт: «Агар хоҳӣ, то сухани ту бар вай бишнавам ба шарте ки они ӯ низ бар ту бишнавам». Мард битарсид. Искандар гуфт: «Биравед бади хештан аз халқ боз доред, то аз бади мардумон эмин бошед».

**Ҳикмат.** Бузурҷмеҳри ҳаким гӯяд, ки офият чаҳор аст: яке офияти дину офияти хоста ва офияти тану офияти аҳл. Аммо офияти дин се чиз аст: яке он ки мутобаати[23] ҳаво накунӣ ва дигар он ки мутеъ бошӣ амри шаръро, сеи дигар он ки бар кас ҳасад набарӣ. Ва офияти тан се чиз аст: кам хӯрдан ва кам гуфтан ва кам хуфтан. Ва офияти мол дар се чиз аст: яке хурдингаришӣ, ва дигар амонатгузорӣ ва сеи дигар ҳаққ аз хоста берун кардан. Ва офияти аҳл дар се чиз аст: қаноат кардан ва бо якдигар ёр будан ва тоати худой Таъоло доштан.

Ва Ҳотами асамм[24]-ро пурсиданд, ки аз чист, ки мо он намеёбем, ки пешинагон ёфтанд? Гуфт: «Зеро ки панҷ чиз аз мо фавт шудааст: яке устоди восеҳ ва дигар ёри мувофиқ ва сеи дигар ҷаҳди доим, чаҳорум касби ҳалол, панҷум замонаи созгор».

М а р м у з. Дар хабар омада аст, ки пайғамбар (саллалоҳу алайҳи ва саллам) амир-ул-мӯъминин Алӣ (карамаллоҳу ваҷҳаҳу)-ро бигуфт: «Ё Алӣ, рӯй ба ман кун ва гӯшу дил ФОРИҒ дор, ва бихӯру бипӯш ва бубахшу гирд кун ва сахт дор». Алӣ гуфт: «Ё расулаллоҳ, маънии ин суханон чи буд?». Гуфт: «Ё Алӣ, бихӯр хашмро ва бипӯш айби бародари хешро ва бубахш гуноҳи

---

[21] нӯкар, фармонбардор, хидматгузор, хизматгор;

[22] айнан «соҳиби ду раёсат», ки лақаби вазири халифа Маъмун Фазл ибни Саҳл (ваф. 818) буд;

[23] итоат, пайравӣ;

[24] айнан Ҳотами кар, яъне Абӯ Абдураҳмон Ҳотами Балхӣ, сӯфӣ ва шогирди Шақиқи Балхӣ.

ситамкорароо ва гирд кун мар гўри танг ва торикро ва сахт дор исломро».

**Ҳикмат.** Ҳакимеро гуфтанд: «Моро панде деҳ». Гуфт: «Бубин қазояш, ва бичўй ризояш ва макун ҷафояш».

Якеро пурсиданд, ки андар миёни халқ чӣ бештар? Гуфт: «Тадбир бисёру тавоноӣ на, ва гуфтор бисёру доноӣ на, ва оз[25] бисёру бениёзӣ на».

Ва банда бар ҳама чизе ҳарисӣ кунад, магар бар чаҳор чиз: яке ба дарвешӣ ҳарисӣ нест, ки ҳама халқ тавонгарӣ ҷўянд ва дувум бар ғам ҳарисӣ нест, ки ҳама халқ шодӣ ҷўянд ва суввум бар беморӣ ҳарисӣ нест, ки ҳама халқро тандурустӣ матлуб аст, чаҳорум бар марг ҳарисӣ нест, ки ҳама зиндагонӣ ҷўянд.

Луқмони ҳаким гўяд: «Ҳар он касе, ки се чиз хор дорад, се чиз аз вай биравад: ҳар ки султонро хор дорад, ин ҷаҳон аз вай биравад, ва ҳар ки уламоро хор дорад, он ҷаҳонро хор дошта бошад ва он ҷаҳон аз вай биравад ва ҳар ки ҳамсояро хор дорад, ободонии хона аз вай бишавад.

**Ҳикмат.** Бўлқосими ҳаким гўяд, ки ҳалоки банда андар ду чиз аст: яке бефармонӣ ва дигар худрой. Нофармонӣ ба омм андар аст ва худрой ва мирой[26] андар қурроён[27] аст.

**Ҳикмат.** Балои халқ аз се чиз гурўҳ аст: яке аз донишмандони бероҳ ва аз қурроёни аблаҳ ва аз оммаи бадхоҳ.

Ва дигар гуфт: «Аз мардуми томеъ[28] ростӣ маҷўй ва аз мардуми беасл вафо маҷўй». Ҳаким гуфт: «Дар ин замона ду чиз азиз нест: яке дину дигар дарвешӣ». Ва гуфт: «Чаҳор ҳол аст агар нигоҳ дорӣ, мард бошӣ: яке сирратро чунон дорӣ, ки агар халқ бидонанд, раво дорӣ ва дигар алониятро[29] чунон дорӣ, ки агар ҳама халқ ба ту иқтидо[30] кунанд, раво дорӣ, чаҳорум ҳолат чунон дорӣ, ки агар расули марг ба ту ояд, раво дорӣ».

**Ҳикмат.** Ҳаким гуфт: «Чунон бояд, ки ба се чиз нигарӣ бе се чиз: ба дарвешон ба чашми тавозўъ[31] нига-

---

[25] ҳирс, орзуманди зиёд;
[26] ситезагӣ, фахр, худписандӣ;
[27] ҷамъи «қорӣ», яъне қориҳо;
[28] тамаъкор, тамаъкунанда;
[29] зоҳирӣ, ошкоро, ошкорбаёнӣ;
[30] пайравӣ;
[31] хоксорӣ;

рӣ, на ба чашми кибр, ба тавонгарон ба чашми насиҳат нигарӣ, на ба чашми ҳасад, сеи дигар ба занон ба чашми шафқат нигарӣ, на ба чашми шаҳват».

Ваҳаб ибни Мунаббаҳ гӯяд, ки андар Таврот хондам, ки модари ҳама гуноҳон се чиз аст: кибру ҳирсу ҳасад ва панҷ чиз натиҷаи эшон аст: сер хӯрдан ва сер хуфтан ва таносой ва дӯстии дунё ва ситоиши халқ.

Гуфт: «Ҳар ки аз се чиз бираҳад, меравад то ба биҳишт: яке миннат ва дуввум маунат[32] ва сеи дигар маломат, яъне он ки ба некӯӣ кардан миннат нániҳад ва аз хештан бар мардумон маунат наниҳад ва чун касеро айб бинад, маломат накунад».

**Ҳикмат.** Ардашер гуфт: «Ҳазар кун аз карим, чун гурусна шавад ва аз лаим, чун сер шавад».

**Ҳикмат.** Гӯянд Ибн-ал-Қиррия[33] ба наздики Ҳаҷҷоҷ[34] омад ва ӯ аз бузургони замона буд андар донишу фарҳанг. Ҳаҷҷоҷ ӯро пурсид, ки куфр чист? Гуфт: «Боз задани неъмат ва навмедӣ аз раҳмат».

Гуфт: «Ризо чист?» Гуфт: «Басандакорӣ бар додаи худой Таъоло ва шикебой[35] бар нобоист».

Гуфт: «Сабр чист?» Гуфт: «Хашм фурӯ хӯрдан ва бурдборӣ бар нокомӣ». Гуфт: «Ҳилм чист?». Гуфт: «Омурзиш намудан аз паси тавоной ва хушнудӣ аз паси хашм». Гуфт: «Карам чист?» Гуфт: «Нигоҳ доштани дӯстонро ва ҳаққи эшон гузоридан». Гуфт: «Қаноат чист?» Гуфт: «Басандкорӣ ба андак хӯрдан ва андак пӯшидан». Гуфт: «Тавонгарӣ чист?» Гуфт: «Бузург доштани хурд ва бисёр доштани андак». Гуфт: Рифқ чист?» Гуфт: «Андак ёфтани хайрҳои бузург ба дастафзори андак» Гуфт: «Ҳамият[36] чист?» Гуфт: «Истодан бар сари он кас, ки зери дасти ту бошад». Гуфт: «шуҷоат чист?» Гуфт: «оҳанг кардан дар рӯи душманон ва истодан ба ҷои гурехтан». Гуфт: «хирад чист?» Гуфт: «ростӣ ва хушнудии ҷаҳониён». Гуфт: «адл чист?» Гуфт: «коми дил нахостан ва рост рафтан». Гуфт: «инсоф чист?» Гуфт: «ҳамростой бар доварӣ». Гуфт: «зулл чист?» Гуфт: «ранҷурӣ аз тиҳидастӣ ва шикастагӣ ба гоҳи пирӯзӣ». Гуфт: «ҳирс чист?» Гуфт: «тезии орзу ба гоҳи умед».

---

[32] ранҷ, заҳмат, меҳнат.

[33] Айюб ибни Зайд ибни Қайси Ҳилолӣ (ваф. 703) яке аз суханварони маъруфи араб;

[34] Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф Сақафӣ;

[35] сабр, таҳаммул;

[36] ҳимоят, дастгирӣ.

Гуфт: «амонат чист?» Гуфт: «гузоридани ҳақҳои воҷиб». Гуфт: «хиёнат чист?» Гуфт: «сустӣ кардан андар тавоной». Гуфт: «ақл чист?» Гуфт: «андеша кардан ва дарёфтани чизҳо».

**Ҳикмат.** Ҳашт гурӯҳ мардумро хорӣ пеш ояд: яке он ки нохонда бар хони касон нишинад, дигар он ки бар худованди хона фармон диҳад, сеи дигар он ки аз душманон некӣ чашм дорад, чаҳорум он ки ба роз гуфтани касон гӯш дорад, панҷум он ки султонро хор дорад, шашум он ки бартар аз мартабаи хеш нишинад, ҳафтум он ки ҳадис кунад пеши касе, ки аз вай нашнавад ва ҳаштум он ки дӯстӣ бо ноаҳлон кунад.

**Ҳикмат.** Бузурҷмеҳрро пурсиданд, ки чист он ки боз гуфтани он зишт бувад? Гуфт: «хештан сутудан».

**Ҳикмат.** Ҳаргиз бахилро сутуда набинӣ, на хашмгинро шодон ва на хирадмандро ҳарис ва на каримро ҳасуд ва на озварро[37] тавонгар ва на малулро дӯст.

**Ҳикмат.** Ҳаким гуфт: Панҷ тан андар панҷ чиз шоданд ва ҳам бар он пушаймон: яке сусткор, чун кор аз вай фавт шавад, дигар бурида аз бародарон, чун сахтӣ расадаш, сеи дигар ҳар ки бар душманон даст ёбад ва оҷизӣ кунад, ва чаҳорум чун ба зани бад мубтало шавад, аз зани нек, ки аз вай даст бидошта буд, ёд оварад, панҷум мардуми нек ва бебок бар гуноҳон.

**Ҳакмат.** Бузурҷмеҳрро пурсиданд: кӣ дилҳои доноёнро хоста бигардонад? Гуфт: Доно набувад, он ки дили ӯро хоста бигардонанд.

**Ҳикмат.** Ҳаким гуфт: Итоби зоҳир беҳтар аз кинаи пинҳон.

Ва Бузурҷмеҳр гӯяд: Худовандони ғаму андӯҳ се гурӯҳанд: яке он дӯст, ки аз дӯст ҷудо шавад, ва падари меҳрубон, ки фарзандро гум кунад ва тавонгар, ки дарвеш гардад.

Ҳаким гӯяд, ки панҷ тананд, ки хоста бар эшон азизтар аз ҷону тан аст: яке он ки ба музд ҷанг кунад, дигар он ки ба музд чоҳ канад ва корез бурад ва саввум бозаргон, ки дар дарё нишинад ва чаҳорум морафсой, ки мор ба даст гирад ва панҷум он ки мухотира кунад[38] ба хӯрдани заҳр.

Ва Амр Маъдикараб[39] гӯяд, ки сухани нарм нарм

---

[37] ҳарис, ҳавасбоз.

[38] ҷони худ дар хатар монад;

[39] шоир ва сарлашкари пешазисломии араб аз Яман (542—641);

кунад он дилҳоро, ки сахттар аз санги хоро бувад ва сухани дурушт дурушт кунад дилҳоро, ки нармтар буд аз ҳарир[40].

Ҳаким гуфт, ки андӯҳ бемории ҷон аст, ҳамчунон ки дард бемории тан аст ва шодӣ ғизои ҷон аст, ҳамчунон ки таъому шароб ғизои тан аст.

Дигар: ҳакиме аз касе вом хост, надодаш. Ҳаким гуфт: Агар надодӣ, ҷуз аз он набувад, ки рӯи ман сурх шаваду шарм дорам ва агар бидодӣ, на як бор рӯи ман зард шудӣ, балки ҳазор бор.

**Ҳикмат.** Ҳаким гӯяд: Ҳар ки фарҳанг наварзад, ба чӣ арзад? Гуфт: Ҳар ки ранчи омӯхтан бардошт, тухми осонӣ кошт ва гуфт: Ҳар ки беҳунар бувад, дарахти бебар бувад ва ҳар ки шамшери ситам баркашид, хештанро кушт. Ва гуфт: Ҳар ки дод надиҳад, аз доғ нараҳад ва ҳар ки дасташ бахшон бувад, рӯяш рахшон бувад. Ва гуфт: Ҳар ки аз гуноҳ парҳезад, дар он назовезад. Ва гуфт: Ҷавонӣ ҳамшираи девонагист ва пирӣ ҷуфти фарзонагӣ. Ва гуфт: Чун тӯшаи пок дорӣ, аз душман чи бок дорӣ.

Лукмони ҳаким гуфт: Ба роҳе мерафтам, якеро дидам палосе дарпӯшида. Гуфтам: Чи касӣ? Гуфт: Одамӣ. Гуфтам: Чӣ номӣ? Гуфт: То худ чи хонандам. Гуфтам: Чӣ кор кунӣ? Гуфт: Беозорӣ. Гуфтам: Чӣ хӯрӣ?. Гуфт: Он чи диҳад. Гуфтам: Аз куҷо диҳад? Гуфт: Аз он ҷо ки хоҳад. Гуфтам. Хунуко ту! Гуфт: Туро аз ин хунукӣ кӣ боз дошт?

**Ҳикмат.** Ҳаким гуфт: Се чиз ғам аз дил барад: яке суҳбати доно ва дигар вом гузоридан, сеюм дидори дӯст. Ва гӯяд, ки ду чиз ғам дар дил оварад: яке тамаъ кардан ба нокасон ва мазоҳ[41] кардан бо фурӯмоягон.

Ҳаким гуфт: Чаҳор кор макун ва аз чаҳор кор растӣ: ҳасад макуну аз ғам растӣ ва бо ёри бад мansинишину аз маломат растӣ ва маъсият макуну аз дӯзах растӣ ва хоста гирд макуну аз душманини халқ растӣ.

Ва ҳаким гӯяд: Чаҳор кор аст бад, агар мардумон бикунанд, ҳам бад-ин ҷаҳон ва ҳам бад-он ҷаҳон мукофот биёбанд: яке ғайбат кардан халқро ва гуфтаанд, ки ғайбат савор аст, зуд дарёбад ва дигар уламоро хор доштан ва ҳар ки уламоро хор дорад, хор гардад. сеюм

---

[40] Абрешим, шоҳӣ;
[41] шӯхӣ.

носипосӣ кардан ба додаи худой Таъоло, чаҳорум хун рехтан ба ноҳақ. Ва дерина масал аст ҳукамо ва бузургонро, ки кушандаро бикушанд, агарчи дер бимонад, чунон ки шоир гӯяд:

Чун корд ба даст ёрӣ, мардум натавон кушт.
Наздики хирадмандон ин нест фаромушт.
Исо ба раҳе дид яке кушта фиканда
Ҳайрон шуду бигрифт ба дандон сари ангушт.
Гуфто, ки киро куштӣ, то кушта шудӣ ту?
Охир бикушанд ӯро, чунон ки туро кушт[42].

## *Боби шашум*

## Шарафи хирад ва хирадмандон

Худой Таъоло хирадро бар некӯтарин сурате биофарид ва фармудаш бирав, бирафт. Пас фармуд: биё, биомад, онгаҳ ӯро гуфт: дар ҳама олам наофаридам чизе некӯтар ва бузургвортар аз ту ва ҳама халоикро савобу иқоб ба ту хоҳам додан.

Ва далел бар дурустии ин қавл он аст, ки худойро бар бандагон ду чиз аст: амр асту наҳӣ аст ва ин ҳар ду бар хирад мавқуф аст[1], чунон ки дар маҳками танзили хеш[2] гуфт: ФАТТАҚӮ-Л-ЛОҲА, Ё ӮЛИ-Л-АЛБОБ[3]. Ва Ӯли-л-албоб худованди хирад бошанд ва хирадро ба тозӣ ақл гӯянд ва ақл муштақ аст аз иқол ва ҳисоре, ки бар сари кӯҳе бошад, ки дасти кас бад-он нарасад, онро маъқил хонанд, яъне устувор.

**Ҳикмат.** Ҳакими порсиёнро пурсиданд, ки хирадро чаро хирад хонанд? Гуфт: аз баҳри он ки хирадмандро аз ҳар ду гетӣ боз харад. Ва низ пурсиданд, ки мардро чаро хирадманд хонанд? Гуфт: Аз баҳри он ки хирадмандро чанд нишон аст, ки ӯро бад-он шиносанд: аввал он ки гуноҳи касе андар гузорад, ки бар ӯ ситам кунад, ва тавозӯъ кунад бо кеҳтар аз хештан ва пешдастӣ кунад бар корҳои хайр аз касе, ки аз вай бартар бувад, ва ҳамеша бо зикри худой бувад, ва сухан ба

[42] порчаи шеърро ба Носир Хусрав нисбат медиҳанд.
[1] вобаста аст;
[2] яъне китоби Қуръон;
[3] Пас битарсед аз худо, эй худовандони хирад (сураи ал-Моида ояти 103).

илм гуяду манфиати сухан бар ҷойгоҳи ӯ бидонад, ва чун сахтӣ пеш ояд, даст ба даргоҳи худой занад. Ва бехирадро ҳамчунин нишонҳост: ҷавр кунад бар мардумон ва ситам кунад бар фурӯтанон, ва бузургӣ ҷӯяд бар меҳтарону сухани беилм гӯяд, ва агар хомӯш бошад, хато кунад, ва агар сухан пеш ояд, хештанро ҳалок кунад, ва агар корҳои хайр бинад, рӯй бигардонад.

**Ҳикмат.** Саид ибни Ҷубайр[4] гӯяд: ҳаргиз либосе надидам некӯтар аз хирад, ки мардум дарпӯшад, то агар шикаста шавад, дуруст кунадаш ва агар биафтад, бардорадаш ва агар хорӣ расад, азиз кунадаш ва агар ба ҷоҳе дарафтад, баркашадаш ва агар дарвеш шавад, тавонгар кунадаш.

Ва аммо ҳунармандро нахустин чизе донишаст бо хирад омехта, чунон ки ба рӯзгори Маъмун буд:

## Ҳикоят

Чунин ки аз хулафои бани Аббос, ҳеҷ кас аз Маъмун донотар набуд андар ҳама илмҳо ва ҳар ҳафта ду рӯз мунозира кардӣ ва фуқаҳову мутакаллимин гирд омаданди. Пас рӯзе марде ғариб бо ҷомаҳои халиқ[5] пеши Маъмун: шуду андар паси мардумон ба ҷои маҷҳул[6] нишаст.

Чун масъала оғоз карданди, расм чунон будӣ, ки ҳар масъала, ки бигуфтандӣ, гирди маҷлис бигардониданди, то ҳар ки зиёда донистӣ, бигуфтӣ. Ва масъала мегардониданд, то бад-он марди ғариб расид. Ӯ ҷавоб дод некӯтар аз он ки дигарон дода буданд. Маъмунро хуш омад, бифармуд, то ӯро аз он ҷойгоҳ, ки буд, бартар нишонданд. Чун масъалаи дигар расид, ҳамчунон ҷавоб аз ҳама некӯтар, ва бавоҷҳтар дод. Маъмун бифармуд, то бартар нишондандаш. Ва дар сеи дигар масъала ҳамчунон ҷавоб дод некӯтар ва Маъмун ӯро бартар менишонид, то ба Маъмун наздик шуд.

Чун мунозира ба охир омад, об оварданду даст бишустанд ва нон бихӯрданд ва фуқаҳову аҳли илм бигароканданд. Маъмун мардро бинавохт ва маҷлис биоростанду шароб бигардониданд. Чун шароб бад-он мард расид, бархост ва гуфт: «Агар амир-ул-мӯъминин дас-

---

[4] яке аз бузургони аҳли тасаввуф;
[5] кӯҳна, фарсуда;
[6] ноаён, номаълум.

туре диҳад, як сухан бигӯям». Гуфт: «Бигӯй». Гуфт: «Маълуми рои олист: ки ман имрӯз дар ин маҷлис аз ҳама кас маҷҳултару фурӯтар будам. Амир-ул-мӯъминин маро ба сабаби андак мояи хирад маъруф карду бартар нишонд ва ба дараҷаи тамом бирасонид. Акнун мефармояд, ки мояи хирадро, ки ман бад-он азиз гаштам, аз ман бо шароб хӯрдан, ҷудо кунад, фармон ӯрост ва ҳошо ва калло[7] ки амир-ул-мӯъминин бад ин мояи хирад, ки ма̄рост, бар ман ҳасад кунад ва агар ман ин шароб бихӯрам, хирад аз ман дур шавад ва беадабӣ ояд ва ба ҳамон дараҷа дун боз шавам ва дар маҷлис хор гардам ва ба чашми мардумон ҳақир шавам. Агар савоб бинад, ин гавҳари шариф аз ман боз наситонад ба фазлу караму худовандии хеш».

Маъмун чун ин сухан бишунид, биписандид ва ӯро бинишонд ва бифармуд, то сад ҳазор дирам бидодандаш ва асбу ҷома ва таҷаммул. Ба ҳар маҷлисе ӯро бартар бинишондӣ, то аз ҳама бартар гашт.

Ва ин ҳикоят аз баҳри хирад овардем, аз он ки хирад мардумро ба пойгоҳи баланд расонад ва мардуми бехирадро аз пойгоҳ фуруд оварад, чунон ки дар ин ҳикоят гӯянд:

## Ҳикоят

Рӯзе марде ба дари сарои Мансури Бӯдавоник омад ва ҳоҷибро гуфт: амир-ул-мӯъмининро огоҳ кун, ки марде аз Шом омада аст, номи ӯ Осим ва мегӯяд, ки ба рӯзгори пешин бо амир-ул-мӯъминин як сол дар мактаб ба ҳам будаам. Акнун мехоҳад, то салом кунад ва аҳд тоза гардонад.

Чун даровардандаш, салом кард ва бипурсид, валекин Бӯдавоникро он сухан ва беадабӣ бар дил гарон омад. Гуфт: ба чӣ ҳоҷат омадай? Гуфт: Ба дидори амир-ул-мӯъминин ва бад-он сӯҳбати қадим. Бифармуд, то ҳазор дирам бидодандаш. Мард бисутуд ва бирафт. Ва баъд аз як сол боз омад ва халифаро писаре мурда буд ва ба мотам нишаста. Ин мард даромад ва дуо кард. Халифа гуфт: ба чӣ ҳоҷат омадӣ? Гуфт: ман он мардам, ки ба Шом бо ту ба таълим будам. Акнун ба ҳаққ гузоридани мусибат омадаам. Понсад дирам бифармудаш. Ва Абӯ Давоник сифла будӣ ба ато додан

---

[7] мабодо, ки.

ва аз аббосиён ҳеҷ кас бахилтар аз ӯ набуд ва бад-ин сабаб ӯро Бӯдавониқ[8] хонданди.

Пас он мард бирафт ва баъд аз як соли дигар боз омад. Баҳонаи дигар наёфт, ба ҳангоми бор додан андар шуд ва салом кард ва бинишаст. Халифа гуфт: ба чӣ ҳоҷат омадӣ? Гуфт: ё амир-ал-мӯъминин, ман он мардам, ки бо ту ба Шом бар ҳам ҳадис набиштаме ва дуое набишта будем бо якдигар, ки ҳар ки он дуо бихонад, ҳар ҳоҷат, ки бихоҳад, раво шавад. Ман он дуо зоеъ бикардаам ва акнун омадам, то амир-ул-мӯъминин нусхати он дуо диҳад, то бинависам ва ёд гирам. Халифа гуфт: ранҷ мабар ба ҷустани он дуо, ки ман он дуоро имрӯз се сол аст, ки мехонам, то худой маро аз судоъи[9] ту боз раҳонад. Агар он дуо мустаҷоб будӣ, ман аз дасти ту боз раста будаме.

Мард чун ин сухан бишунид, хаҷил[10] бибуд.

Ва ин ҳикоят бад-он овардам, ки мардум агар олим бувад, чун ӯро хирад набувад, ҷоҳу мартабаташ набувад.

**Ҳикмат**. Ҳам андар он рӯзгор марде аз Мадинаи расул (салавотуллоҳи алайҳ) ба наздики Абӯ Ҷаъфари Мансур омад ба ҳукми он ки вақте пеш аз хилофат бо вай дӯст буда буд. Чунки ӯ ба хилофат бинишаст, мард пеши ӯ шуд. Халифа чун ӯро бидид, бишинохт ва бинавохт ва ба хештан хонд. Мард бахирад буд, валекин илм надошт. Хидмат кард ва Бӯҷаъфарро гуфт: «Ман хидмати подшоҳонро нашоям ва туро сахт дӯст дорам, чигуна пеши ту бояд омадан, чунон ки беадабӣ аз ман дар вуҷуд наояд ва бар дили ту гарон нагардам». Бӯҷаъфар ӯро гуфт: «дер-дер ой ва чунон ой, ки агар наойӣ, бар дили ман фаромӯш нагардӣ ва чун туро бинам, дӯсттарат дорам аз он омадани пешин ва чун дароӣ, аз дур бинишин, то ҳоҷиб туро бартар оварад ба тадриҷ ва бисёр манишин, ки беадабӣ бувад ва ҳоҷат махоҳ, то бар дили ман гарон нагардӣ ва агар бо ту некӯӣ кунам, шукри ман ба ҳар ҷой бирасон, то чун ман бишнавам, шод шавам ва бар некӯии ту биафзоям ва андар маҷлис аз саргузаштҳое, ки миёни ману ту дар он рӯзгор рафта буд, ёд макун».

Он мард ин сухан бипазируфт ва дар ҳар сол ду

---

[8] яъне «хӯрдагир»;
[9] дарди сар;
[10] хиҷолатманд, шармгин.

бор ба саломи ӯ рафтӣ ва ин одоб гӯш доштӣ ва ҳар бор халифа ӯро ҳазор дирам бидодӣ.

Ва ин ҳикоят аз баҳри он гуфта шуд, то бидонанд, ки ҳар ки хирад дораду илм надорад, хиради ӯро ба илм роҳнамудан бувад ва ҳар ки дониш ва хирад надорад, корҳои ӯ ҳама бошгуна[11] бувад ва ҳар ки хираду дониши тамом дорад, андар ҷаҳон ё пайғамбар бувад ё ҳаким, ё имом. Ва мардумро ҳама некӯӣ ва иззу мартабат ва салоҳи корҳои ду ҷаҳон аз хирад аст, чунон ки шоир гӯяд:

Мар мардумро хирад расонад бар моҳ,
Мар мардумро хирад диҳад қимату ҷоҳ.
Мар мардумро хирад бишӯяд зи гуноҳ,
Мар мардумро хирад диҳад тахту кулоҳ.

Хирад аввали имон асту миёнаи имон асту охири имон аст. Меҳтаре гӯяд, ки хирад на он аст, ки чун дар коре уфтад, бикӯшад, то аз он кор берун ояд, бал хирад он аст, ки ба аввал бикӯшад, то дар коре наафтад, ки ранҷаш расад.

**Ҳикмат.** Парвизи малик писари хешро гуфт, ки ту раиятро нигоҳ дор, то хирад туро нигоҳ дорад ва ту офат аз раият боз дор, то хирад офат аз ту боз дорад ва бидон, ки ту доварӣ миёни мардумон ва хирад довари ту аст, чунон бояд, ки мардумон аз ту шунаванд ва ту аз хирад шунавӣ.

**Ҳикмат.** Юнони дастур нома набишт ба Нӯшервони одил ва пайғомҳо дод дар боби хирад, яъне он чи хирад фармояд. Нӯшервон чун нома бихонд, биписандид ва ҷавоб фармуд ва гуфт: «Эй ҳакими некӯ, гузоридӣ пайғоми хирад, зеро ки мо ва он касон, ки пеш аз мо буданд, ҳама аз хирад ороста гаштанд. Ман акнун чигуна мухолиф бошам хирадро, ки хирадманд наздиктарин касест бо эзид Таъоло ва хирад ҳамчун офтоби ҷаҳон аст ва дили некиҳост ва хирад бо ҳама кас некӯст ва бо меҳтарону бузургон некӯтар».

Хирад дар тани мардум ҳамчун тариест дар дарахт. Чун дарахт тар бошад, ҳама халқ аз бӯи гулу баҳор ва меваи ӯ шодмона бошанд ва чун тарӣ аз ӯ шуд, ҷуз кандан ва сӯхтанро нашояд. Пас мардум низ ҳамчунин аст, то бахирад аст, сӯҳбати ӯ муборак аст ва пайвастан бо вай некӯст. Ва чун хирад аз ӯ шуд, ҷуз маргро нашояд.

---

[11] вожгун, сарнагун.

Нўшервон гўяд: ман чигуна хирадро радд кунам ва он чи хирад фармояд, накунам, ки ҳеҷ чиз подшоҳро ва ғайри подшоҳро беҳтар аз хирад нест, ки ба рўшноии хирад зишт аз некў ҷудо шавад ва нек аз бад ва дуруғ аз рост.

**Ҳикмат.** Бузурҷмеҳр гуфт: ду чиз андар ҳеҷ халқ тамом натавон ёфтан: яке хирад ва дигаре шуҷоат.

Луқмони ҳаким гўяд: агарчи мардум доно бувад, чун хирад бо ў ёр набувад, он דониш ўро суд надорад.

**Ҳикмат.** Нўшервон Бузурҷмеҳрро гуфт: «киро хостӣ, ки хиради ў бештар будӣ?» Гуфт: «Душмани хешро». Гуфт: «чаро?» Гуфт: «аз баҳри он, ки то аз бади ў эмин будӣ».

Ва ҳар чиз, ки бисёр гардад, хор гардад, магар хирад, ки ҳарчанд бештар бошад, худованди ў азизтар бувад.

**Ҳикмат.** Бузурҷмеҳрро гуфтанд: «Кадом чиз аст, ки мардумро аз он чора нест?» Гуфт: «Хирад». Гуфтанд: «Андозаи хирад то куҷост?» Гуфт: «чизе, ки дар ҳеҷ кас тамом наёфтанд, андозаи он чигуна тавон донистан».

**Ҳикмат.** Ҳакиме гуфт: ҳама чизҳоро ба хирад ҳоҷат асту хирадро ба таҷрибат ҳоҷат аст ва ҳеҷ хоста азизтар аз хирад нестȳ ва ҳеҷ дарвеше сахттар аз нодонӣ нест, ва ҳар киро дониш бештар, хирад бештар ҳамчун шубони заиф бо рамаи бисёр.

Ва доноён гуфтаанд, ки хирад амир аст ва ўро сипоҳ аст чун тамизу ҳифз ва фаҳму фикрат, ва шодии ҷон аз ақл аст, аз баҳри он ки саботи тан аз ақл аст ва ҷон чароғ асту нури ў хирад аст ва андар ҳама тан густурда аст. Ва хирадманд харгиз ғамгин набошад, зеро ки ҳаргиз коре накунад, ки аз он ғамгин шавад ва ғаме нахўрад, ки он набояд хўрдан.

**Ҳикмат.** Ибни Аббосро гуфтанд: «хирад беҳтар аст ё адаб?» Гуфт: «хирад, аз он ки хирад аз худой Таъолост ва адаб такаллуф аст аз банда».

Абдулло ибн-ул-Муборакро пурсиданд, ки хирад беҳтар ё адаб? Гуфт: «Хирад». Гуфтанд: «Хирад чист ва хирадмандӣ чист?» Гуфт: «хирад омўхтани илм асту хирадмандӣ кор бастани илм аст. Ва илм он аст, ки бидонӣ, ки чи бибояд кардан ва хирад он аст, ки чун бидонистӣ, кор бандӣ».

Ва пайғамбар (алайҳи-с-салом) фармуд, ки худой

Таъоло ҳеҷ хайр бар бандагони хеш қисмат накард бартар аз хирад ва хуфтани хирадманд беҳтар аз ибодати бехирад аст ва хирадманди норӯзадор беҳтар аз нохирадманди рӯзадор ва хандидани бохирад беҳтар аз гиристани бехирад.

**Ҳикмат.** Марде Ӯқлидусро[12] гуфт: «Наосоям, то туро беҷон накунам». Ӯ гуфт: «наосоям то хашм аз дили ту берун накунам».

**Ҳикмат.** Ҳаким гуфт: ҳамчунон к-аз мурдор бӯи ганд ояд, аз бехираду беадаб ганди нодонӣ ояд, ҳам ӯро зиён дораду ҳам ҳамсоягонро.

**Ҳикмат.** Ҳакимро пурсиданд, ки хирад чист? Гуфт: банду гиреҳ аст миёни бисту се чиз аз бисту се чиз, ки агар ин гиреҳу банд набудӣ, некию бадӣ омехта будӣ.

Нахустин гиреҳу банд аст миёни тавҳиду ширк, гиреҳ аст миёни куфру имон, гиреҳ аст миёни парҳезу бебокӣ, гиреҳ аст миёни ғафлату ҳушёрӣ, гиреҳ аст миёни шакку яқин ва миёни офияту бало, гиреҳ аст миёни некхӯйиву зифтӣ, гиреҳ аст миёни сифлагиву каримӣ, гиреҳ аст миёни тавозӯъу кибр, гиреҳ аст миёни дӯстиву душманӣ, гиреҳ аст миёни ситоишу некӯҳиш, гиреҳ аст миёни ҷаҳду фусускорӣ[13], гиреҳ аст миёни шармгиниву бешармӣ, гиреҳ аст миёни ҳаққу ботил, гиреҳ аст миёни оҳистагиву сабукӣ, гиреҳ аст миёни торикиву рӯшноӣ, гиреҳ аст миёни каромату хорӣ, гиреҳ аст миёни тоату маъсият, гиреҳ аст миёни зикри худою ғофилӣ, гиреҳ аст миёни насиҳату ҳасад, гиреҳ аст миёни суннату бидъат ва миёни раҳму сахтдилӣ, гиреҳ аст миёни ҳикмату аблаҳӣ.

Ва худованди китоб гӯяд, ки ҳама некӯии мардум андар хирад аст ва ҳама донишхову ҳама корҳо ба вай боз гардад, чунон ки ба ҳикоят омада аст:

**Ҳикоят.** Рӯзе бод тахти Сулаймон (алайҳи-с-салом) бардошта буд ва бар ҳаво мебурд, шаҳристоне падидор омад. Сулаймон бифармуд то бод ӯро фуруд овард. Назар кард бар дари он шаҳристон набишта буд, ки кӯшиши якрӯзаро музд як дирам аст ва ҷамолу некӯии якрӯзаро музд сад динор аст ва дониши яксоатаро баҳо падид нест ва ҳама корҳо ба дониш боз баста аст ва дониш асири рою тадбир аст ва рою тадбир бо хирад модарзод аст ва ҳар киро худой Таъоло хирад дода буд, хайри бисёр дода буд, чунон ки шоир гӯяд:

[12] донишманди Юнони қадим (қарни 3 к. м.).

[13] афсусхӯрӣ, ҳасрат.

Ҳарчанд ба аслу гавҳарат мансубӣ,
В-аз чеҳра ба дидори халоиқ хубӣ
Гар ту ба масал чу Юсуфи Яъқубӣ
Чун нест хирад, ҳақирию маъюбӣ.

То бидонӣ, эй бародар, ки хирад чигуна нафису бобаҳост ва бар ту, эй хирадманд, шукри гарон воҷиб аст Воҳибулақл худойро (Азза ва Ҷалла).

## *Боби ҳафтум*

## Андар сифати занон ва хайру шарри эшон

Пайғамбар (салавотуллоҳу алайҳ) гуфт: хуҷастатарин ва бабаракаттарин зан он аст, ки зоянда бувад бар рӯй некӯтар бувад ва ба кобин сабуктар бувад. Ва гуфт: то тавонӣ зани озод гузин, ки эшон покизатар бошанду муборактар.

Ва амиру-л-мӯминин Умар (разияллоҳу анҳу) гуфт: ки ба худой паноҳед аз бадҳои занон ва аз порсотарини эшон барҳазар бошед, яъне зани худ ситоиш барнагиред.

Худованди китоб гӯяд: ҳар ки салоҳи кадхудой ҷӯяд ва рӯи хуб наёбад, ки бад-ӯ машғул шавад, зани порсо беҳтару муборактар. Ва чун порсое омад, аслу мол омад, зеро ки нопорсоро асл набувад ва ба баракоти порсой ҳама чизе ёбад, чунон ки ба ҳикоят омада аст:

### Ҳикоят

Марде буд дар шаҳри Марв, ки ӯро Нӯҳ ибни Марям гуфтандӣ ва қозиву раиси Марв буд ва неъмате бисёр дошт ва ӯро духтаре буд бокамолу ҷамол. Ва бисёр кас аз раисону бузургон ӯро хостгорӣ кардандӣ, надод. Ва падар сахт мутаҳайир шуд дар кори духтар ва намедонист, ки киро диҳад ва мегуфт агар якеро диҳам, дигарон биозоранд. Фурӯмонда буд ва ӯро ғуломе буд ҳинду порсо ва бодиёнат, номи ӯ Муборак. Ва боғе дошт ободон ва бисёрмева. Ӯро гуфт: имсол ба раз[1] шав ва ангур нигоҳ дор. Ғулом бирафту то ду моҳ ба раз мебуд.

[1] токи ангур, токзор, токистон.

Хоҷа рӯзе ба раз шуд, гуфт: эй Муборак, хӯшае ангур биовар. Ғулом ангур биовард турш буд. Хоҷа гуфт: бирав яке дигар биовар. Ҳам турш буд. Хоҷа гуфт: разе бад-ин бузургӣ, чаро ангури турш пеши ман овардӣ ва ангури ширин намеоварӣ? Гуфт: намедонам, ки ширин кадом аст ва туш кадом. Хоҷа гуфт: эй Субҳоналлоҳ, ту имрӯз ду моҳ аст, ки ангур мехӯрӣ, надонӣ, ки ширин кадом аст? Ғулом гуфт: эй хоҷа, ба неъмати ту, ки ман аз ин ангур нахӯрдааму таъмаш надонам, ки турш аст ё ширин. Гуфт: Чаро нахӯрдӣ? Гуфт: эй хоҷа, ту маро гуфтӣ ангур нигоҳ дор, нагуфтӣ ангур бихӯр. Ман хиёнат чигуна кардаме?

Қозиро шигифт омад ва гуфт: худой Таъоло туро ҳам бад-ин амонат нигоҳ дорад.

Қозӣ бидонист, ки ғулом сахт оқилу бедор аст, гуфт: эй ғулом, маро дар ту рағбат афтод. Он чи ман туро гӯям, бибояд кардан. Гуфт: фармонбардорам. Қозӣ гуфт: эй Муборак, маро яке духтар аст ва бисёр кас ӯро ба занӣ мехоҳанд аз меҳтарону бузургон ва надонам то киро диҳам. Ту чи савоб бинӣ? Ғулом гуфт: эй хоҷа, кофирон ба рӯзгори ҷоҳилӣ аслу насаб ҷустандӣ ҷуҳудону тарсоён рӯи некӯ ҷӯянд ва ба вақти пайғамбари мо (алайҳиссалоту вассалам) дин ҷустандӣ ва имрӯз дунёе мехоҳанд. Ту аз ин чаҳор кадом хоҳӣ, ихтиёр кун.

Қозӣ гуфт: эй ғулом, дин гузидам ва ин духтар ба ту хоҳам додан, ки бодину амонатӣ. Ғулом гуфт: эй хоҷа, ман як дирамхаридаам ҳинду, духтар маро чигуна диҳӣ ва духтар маро кай хоҳад? Қозӣ гуфт: эй ғулом, хез бо ман ба хона ой, то тадбир кунем. Биомаданд ва қозӣ модари духтарро гуфт: эй зан, ин ғуломаки ҳинду сахт шоиставу порсост ва маро рағбат афтод, ки ин духтар бад-ӯ диҳам, ту чӣ гӯӣ? Гуфт: фармон туррост, валекин бираваму духтаракро бигӯям, то худ чӣ ҷавоб диҳад.

Модар омад ва пайғоми падар бирасонид. Духтар гуфт: он чи фармоед, ман он кунам ва аз ҳукми худой ва шумо берун наоям ва оқ нашавам.

Қозӣ духтар ба Муборак дод бо моле бисёр ва эшонро писаре омад, Абдуллоҳи Муборак ном карданд ӯро, он ки номи вай дар ҳама олам мунташир ва маъруф аст ба зӯҳду илм ва порсой ва то ҷаҳон бувад, ҳадиси ӯ мекунанд.

Инак, эй бародар, чун зан кунӣ, дин гузин, на ном, ки агар ном ва хоста хоҳӣ, он ҳар ду туро вубол гар-

дад ва андар монӣ ва бечора гардӣ ва зан туро тоат надорад. Ва чун зан хоҳӣ, ком рондану шаҳватро маҳоҳ, бад-он ният хоҳ, ки диндор бувад ва ҳисни[1] дини ту бошад ва ёр бувад туро ба тоат ва парда бувад туро аз оташи дӯзах бираҳонад.

## Ҳикоят

Абдуллоҳ ибни-л-Муборакро рӯзе даҳ мард меҳмон расиданд аз донишмандон. Ӯро чизе набуд, ки меҳмононро ниҳодӣ ва дар ҳама кадхудой яке асб дошт, ки соле бар он ғазо кардӣ ва соле ҳаҷҷ кардӣ. Асбро бикушту бипухт ва пеши меҳмонон ниҳод. Занаш ӯро гуфт: ту худ андар ҷаҳон ҳамин асб доштӣ, чаро бикуштӣ?

Абдуллоҳ ибни-л-Муборак зуд дар хона рафт ва он чи кобину ҳаққи он зан буд аз матои хона ва ҷома, биовард ва ба зан доду талоқ додаш ва гуфт: маро он зан набояд, ки меҳмонро душман дорад.

Пас баъд аз он ба муддате марде биомад ва ӯро гуфт: эй имоми мусулмонон, маро духтарест ва модараш бимурд ва ҳар рӯз ин духтар як даст ҷома бидарад аз мотаму зорие, ки мекунад ва имрӯз ба маҷлиси ту хоҳад омадан ва чизе бигӯй, то дили ӯ нарм гардад.

Абдуллоҳи Муборак фармуд: шояд. Мард ба хона шуд ва духтарро ба хидмати шайх овард. Абдуллоҳ ибни-л-Муборак аз ин боб чизе чанд бигуфт. Чун духтар ба хона боз рафт, гуфт: эй падар, тавба кардам ва низ худойро наозорам, валекин маро ба ту як ҳоҷат аст. Падар гуфт: чи ҳоҷат аст? Гуфт: он ки мегӯй туро дунёдорон мехоҳанд, зинҳор то маро ба ҳеҷ кас надиҳӣ, илло ба Абдуллоҳ ибни-л-Муборак, ки агар моро дунёст, ӯро дин аст.

Падар духтарро ба Абдуллоҳ дод ба занӣ бо ҷаҳози бисёр ва динори бешумор ва даҳ асб ба Абдуллоҳ фиристод сабил, то бар он ҷиҳод кунад.

Пас шабе Абдуллоҳ ба хоб дид, ки касе ӯро мегӯяд, ки агар зане пирро аз баҳри мо раҳо кардӣ ва талоқ додӣ, зане дӯшиза додемат ва агар як асб аз баҳри меҳмонон бикуштӣ, даҳ асб боз додем, то бидонӣ,

---

[1] қалъа.

ки кирдори ҳеҷ офарида ба наздики мо зоеъ нест ва ҳаргиз кас дар кори мо зиён накард, ва накунад, чунон ки ба ҳикоят омада аст:

### Ҳикоят

Абӯ Саид ривоят кунад, ки ба рӯзгори бани Исроил марде буд нек ва зане дошт порсо ва бо рою тадбир. Ва пайғамбари он замонаро ваҳӣ омад, ки он некмардро бигӯ, ки Мо тақдир кардаем, ки як нима зиндагонии ту ба дарвешӣ бувад ва як нима ба тавонгарӣ. Акнун ихтиёр кун, ки дарвешӣ ба ҷавонӣ хоҳӣ ё ба пирӣ?

Чун он мард ин хитоб бишунид, ба наздики зани хеш омад ва гуфт: эй зан, аз Ҳақҳ Таъоло чунин фармон омада аст, акнун чӣ савоб бинӣ, чӣ ихтиёр кунем? Зан гуфт: туро чӣ ихтиёр аст? Мард гуфт: биё, то ба ҷавонӣ дарвешӣ ихтиёр кунем, то чун сахтӣ расад, сабр тавонем кардан ва чун пир шавем, чизе бошад, ки бихӯрему худойро тоат дорем ва ибодат кунем. Зан гуфт: эй мард, ба ҷавонӣ дарвеш бошем, тоату некӣ натавонем кардан ва онгаҳ ки умр ба бод дода бошему заифгашта, тоат натавонем кардан. Тадбир он аст, ки тавонгарӣ ба ҷавонӣ хоҳем, то ҳам хайр бувару ҳам ҷавонӣ ва ҳам тоат тавонем кардан ҳам ба тан ва ҳам ба мол.

Мард ӯро гуфт: рои ту савобтар омад, чунин кунем. Баъд аз он ба сӯи пайғамбари замона ваҳӣ омад, ки бигӯ он мардро, ки акнун ки шумо ба тоати Мо мекӯшед ва нияти шумо некӯст. Ман ҳама зиндагонии шумо бар тавонгарӣ кардам, бар тоати Ман бошед ва ҳар чи шуморо диҳам, ба садақа диҳед, то ҳам дунё бувад шуморо ва ҳам охират.

**Худованди китоб гӯяд**: Ин ҳикоят аз баҳри он овардем, то бидонӣ, ки ҳар ки ӯро ҷуфти нек бувад, ҳама корҳои дунё ва охирати ӯ ба сомон бувад.

Ибни Аббос (разия-л-лоҳу анҳу), гӯяд, ки пайғамбар (алайҳи-с-салом) ба хонаи Умми Салама даромад, ӯро дид намози бомдод карда ва тасбеҳ мекард. Гуфт: «Ё Умми Салама, ҷаро намоз ба ҷамоат накуниву ба намози одина наравӣ ва ҳаҷҷ нагузориву ғазо менакунӣ ва Қуръон хатм намекунӣ?» Гуфт: «Ё расулуллоҳ ин ҳама кори мардон аст». Пайғамбар (саллаллоҳу

алайҳи ва саллам): фармуд: Ё Умми Салама, занонро низ баробари ин корҳо ҳаст. Гуфт: «Ё расулуллоҳ кадом аст?» Гуфт: «Зане, ки фаризаи худой Таъолоро бигузорад ва шўйро фармонбардор бошад, чун дўк баргирифт, бичунбонад, ҳамчунон бувад, ки тасбеҳ мекунад ва то дўк андар дасти ў бувад, ҳамчунон, бувад, ки намози ҷамоат мекунад, ва чун дег бипухт аз баҳри фарзандон, гуноҳон аз ў бирехт ва пулу работ кардани занондўк риштан, ва аз бонги дўки занон деви ҷаҳон аз ходна метозад. Ва бонги ду чиз то ба зери арши худой Таъоло биравад: яке бонги камон кашидани ғозиён, дуввум бонги дўк риштани занони сарпўшида.

Аҳнафи Қайс гўяд: агар хоҳед, ки занон шуморо дўст доранд, ҷимоъ ба шаб кунед ва хўй некў доред бо эшон.

Амиру-л-мўъминин Умар (разияллоҳу анҳу) гўяд: бо занон ҳадиси ишқ магўед, то дили эшон табоҳ нашавад, ки занон ҳамчун гўштанд бар саҳро афканда, нигоҳдорандаи эшон худой аст.

Муғайра[3] гўяд: ман бо занон зиндагонӣ ба се гуна гузоштам: ба рўзгори ҷавонӣ ба ҷимоъ, ба рўзгори каҳлӣ[4] ба ҳадису мазоҳ ва хушхўйӣ ва ба рўзгори пирӣ ба хоста фарох доштан.

Аммо канизакони бисёр доштан сутуда нест, магар чандон ки ба ҳаққи эшон битавон расидан.

Салмон[5] ривоят кунад аз пайғамбар (алайҳи-с-салом), ки ўро пурсиданд, гуфтанд: аз занон кадом нектар? Гуфт: он ки фармони ту кунад ба ҳар чи фармоӣ. Гуфтанд: кадом батар? Гуфт: он ки аз хушнудии мард карона кунад.

**Ҳикмат.** Муаллиме духтарро ба дабирӣ меомўхт. Ҳакиме пеши ў даромад, гуфт: эй муаллим бадиро бадӣ меомўзӣ?

**Ҳикмат.** Вақте ду зан бо якдигар машварат мекарданд, ҳакиме он ҷо бигузашт, гуфт: бингаред, ки мор заҳр ба авом[6] аз мор меситонад.

**Ҳикмат.** Зане бахирадро пурсиданд, ки ҳунари за-

---

[3] аз ашрофони шаҳри Макка (530—622);

[4] коҳилӣ, миёнасолӣ;

[5] Салмони Форсӣ (ваф. 656), марди эрониназод, ки саҳобаи пайғамбар буд;

[6] вом, қарзи мўҳлатдор;

нон чист? Гуфт: оҳӯи[7] мардон чист? Гуфтанд: бахилӣ ва баддилӣ. Гуфт: ин ҳар ду ҳунари занон аст.

**Ҳикмат.** Ҳакиме зане хост кӯтоҳ. Гуфтанд: чаро қомат боло нахостӣ? Гуфт: зан чизе бад аст ва бад ҳарчанд камтар— беҳтар.

**Ҳикмат.** Ҳаким гӯяд, ки мардумро зан хостан бар чаҳор навъ аст: як зан ҳама мардро бувад, ва як зан ними мардро бувад, як зан сеяки мардро бувад ва зане бувад, ки шӯйро душман дорад.

*Тафсир.* Аммо он ки ҳама мардро бувад, дӯшиза бувад ва он ки ними мардро бувад, колим[8] бувад ва он ки сеяки мардро бувад, зане бувад, ки нахустин шавҳараш мурда бувад ва аз ӯ бача дорад. Ва он ки шӯйро душман бувад, он бошад, ки шӯи пешин ҳанӯз барҷой бувад ва аз ӯ бачае оварда бувад ва дилаш бо шӯи пасин бувад. Пас бидон, ки беҳтарини занон дӯшиза аст аз порсоён.

Аммо он хислатҳо, ки Ҳақк Таъоло занонро бад-он уқубат карда аст, чун Ҳавво дар биҳишт нофармонӣ кард ва аз он дарахти гандум хӯрд, Ҳақк Таъоло занонро ҳаштдаҳ чиз уқубат фармуд кардан.

*Тафсир.* Аввал ҳайз[9], дуввум зодан, саввум ҷудо шудан аз модару падар ва марди бегонаро ба шавҳар кардан, чаҳорум ба нифоси[10] хеш олуда шудан, панҷум он ки молики тани хештан набошад, шашум камии мерос, ҳафтум талоқ, ки ба дасти эшон нагардад, ҳаштум он ки мардро чаҳор зан ҳалол кард ва занро як шӯй, нуҳум он ки дар хона муътакиф бояд[11] будан, даҳум он ки дар хона сар пӯшида дорад, ёздаҳум он ки гувоҳии ду зан баробари як мард ниҳодаанд, дувоздаҳум он ки аз хона берун наёрад омадан танҳо, магар бо касе маҳрам, сездаҳум он ки мардонро намози иду намози одина ва намози ҷаноза бувад ва аз паси ҷаноза раванд ва ғазо кунанд ва занонро инҳо набошад. Чаҳордаҳум амириро нашоянд ва на низ қазоро ва на ҳукмро. Понздаҳум он ки фазл ҳазор баҳра аст, як баҳра аз он занонрост ва дигар мардонрост. Шонздаҳум он ки дар қиёмат чандон ки ҷумлаи умматро азоб бу-

---

[7] айб, камбудӣ, нуқсон.
[8] зани аз шавҳар ҷудошуда;
[9] одати моҳонаи занон;
[10] хуне, ки пас аз зоидан ояд;
[11] хонанишин будан;

вад, як нима аз он занони фоҷираро[12] бувад. Ҳафтаҳум чун шӯяш бимирад, чаҳор моҳу даҳ рӯзаш иддат[13] бибояд доштан. Ҳаштдаҳум он ки чун шӯяш талоқ диҳад се моҳ ё се ҳайз иддат бояд доштан. Ин уқубатҳои занон аст, ки ёд кардем

## ЗИКРИ СИРАТ ВА ХӮИ ЗАНОН[1]

Бидон, ки ҷумлагӣ хӯи занон бар даҳ гуна аст ва ҳар як ба сифати чизе аз ҳайвонот монанда аст: яке чун хук, дуввум чун каппӣ[14], сеи дигар чун саг, чаҳорум чун мор, панҷум чун астар, шашум чун каждум, ҳафтум чун муш, ҳаштум чун кабӯтар, нуҳум чун рӯбоҳ, даҳум чун гӯсфанд.

*Тафсир.* Зане, ки ба хӯи хук бувад, хӯрдану шикастан донад ва шикам оқандан[15] ва бок надорад ҳар ҷо, ки равад ва ғами дину намозу рӯза нахӯрад ва тафаккури маргу қиёмат ва савобу иқоб ва ваъду ваъид ва амру наҳӣ накунад ва ғофил бувад аз хушнудиву хашми худой ва нигоҳ доштани фарзандону адаб кардани эшон ва илми Қуръону адаб омӯхтан ва ҳамеша палидҷома бувbooду бӯи нохуш ояд аз ӯ.

Ва зане, ки хӯи ва хислати каппӣ дорад, ҳиммати ӯ ҷомаҳои гуногун пӯшидан бувад сабзу сурху зарду пирояҳо ва гавҳару марворид ва зару сим ва фахр кардан бар ҳамширагони хеш ва хештанро ҷой сохтан пеши шавҳар ва бошад, ки сирри[16] вай на чунон бувад, ки менамояд.

Ва он ки ба хӯи саг монад, он аст, ки ҳар вақте шӯй бо вай сухан гӯяд, бар вай андар ҷаҳад ва бонг бар ӯ занад ва ҷанг кунад монанди саг. Ва чун кисаи шӯй пурсиму зар бинад ва хона пурнеъмат, чун меваву гандум ва гӯшт ва он чи бад-ин монад, шӯйро каромат кунад ва гӯяд: ҷонам фидои ту бод ва Ҳаққ Таъоло макрӯҳи[17] ту маро менамояд ва марги ман пеши ту бод. Ва чун ҳол бар хилофи ин бувад, ҳамчун саг ба

---

[12] фоҳиша.
[13] муддате, ки зан пас аз марги шавҳар ё талоқ натавонад шавҳар кардан.
[14] маймун, бӯзина;
[15] пур кардан;
[16] ботин;
[17] мусибат, нохушӣ.

рӯи шавҳар андар ҷаҳад ва дашном диҳад ва ҳасабу насаби ӯро бинакӯҳад ва берунаш кунад ва гӯяд, ки ту дарвешӣ ва он рӯз албатта хомӯш нашавад.

Ва он зан, ки хӯи астар дорад, тунду ҳарун[18] бувад ҳамчун астар, ки бар пул бинстад ва наравад ва ҳарчандаш мезанӣ, наравад ва ин зан ҳамчунон ситезакор бувад ва худрой ва муъҷиб[19] бувад.

Ва он зан, ки хӯи каждум дорад, ба хонаи ҳамсоягон гардад ғаммозӣ[20] кунад ва сухани эшон шунавад, то якдигаронро ба ҷанг афканад ва биоғолад[21], то адовату буғз[22] андар миёни эшон афтаду фитна ангезад ва ҳамчун каждум, ки ҳар куҷо, ки мерасад, неш мезанад ва натарсад, ки аз он ҷумла бошад, ки пайғамбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) гуфт: ЛО ЯДХУЛУ-Л-ҶАННАТА ФАТТОН, яъне суханчин дар биҳишт наравад.

Ва зане, ки хӯи мӯш дорад, дузд бувад ва аз кисаи шӯй бидуздад, ва ба хонаи ҳамсоягон барад ва гандуму ҷав ва орд ва монанди он бидуздад ва занони ресмонрешро[23] диҳад.

Ва зане, ки хӯи кабутар дорад, ҳама рӯз мегардад ва ҳеҷ наоромад ва шавҳарро ҳаме гӯяд, ки «куҷо меравӣ ва аз куҷо меой ва бо зане дигар сирр дорӣ ва бо ман якдилу меҳрубон нестӣ», ва он на аз меҳрубонӣ гӯяд.

Ва зане, ки хӯи рӯбоҳ дорад, шӯйро аз хона берун кунад ва ҳар чи ёбад, бихӯрад ва бихусбад ва хештанро бемор созад ва чун шавҳар аз дар дарояд, ба ҷанг оғозад, ки «чаро маро дар хона танҳо ва бемор бигузоштӣ».

Ва зане, ки хӯи гӯсфанд дорад, муборак бувад ҳамчун гӯсфанд, ки андар ҳама чизҳои вай манфиат ёбӣ. Зани нек ҳамчунин боманфиат бувад ва бар шавҳари хеш ва бар аҳлу ҳамсоягони хештан раҳим бувад ва бар хону мон ва фарзандони хеш мушфиқу меҳрубон бувад ва тоат дорад худойро (ҷалла Ҷалолуҳу).

Ва бидон, ки порсоию мастурии зан неъматест аз неъматҳои худованди Таъоло ва ҳайҳоти ҳайҳот, ки бар

---

[18] саркаш, гарданшах;
[19] худписанд, худбин,
[20] суханчинӣ, ғайбат;
[21] ба шӯр оварад;
[22] бадбинӣ;
[23] ресмонрес (калимаи «реш» аз ресидан аст).

зани порсо ва мастур кам кас қодир шавад, чунон ки ба ҳикоят омада аст:

## Ҳикоят

Марде фосиқ хост, ки бо зане порсо мукобара[24] кунад ба ҳаром. Гуфт: эй зан, бирав ва ҳама дарҳои сарой андар банд ва устувор кун. Зан бирафт ва боз омад, гуфт: ҳама дарҳо дарбастам ва устувор кардам, магар як дар. Гуфт: он як дар кадом аст? Зан гуфт: он ки миёни мо ва халқ бувад, устувор кардам, аммо он дар, ки миёни ману ту ва худованд аст, онро чора надонистам ва натавонистам бастан, ҳамчунон гушода аст. Мардро аз он сухан ҳайбате ба дил омаду тавба кард ва ба худой Таъоло бозгашт.

## Ҳикоят

Ва монандан ин ҳикояте дигар аст, ки гӯянд марде буд алавӣ[25] андар Самарқанд. Ва вақте бар дари сарои хеш истода буд, зане боҷамол он ҷо бигузашт, он кӯй холӣ буд. Алавӣ дасти зан бигирифт ва ба сарой андарун кашид. Хост, ки бо вай фасод кунад. Зан гуфт: нахӯст сухану масъалаи ман ҷавоб деҳ, онгаҳ ҳар чи хоҳӣ, мекун. Алавӣ гуфт: бигӯй. Зан гуфт: Чун ту бо ман ба ҳаром гирд ой ва ман аз ту бор гирам, чун фарзанд ояд, чӣ гӯй: он фарзанд алавӣ бувад ё рашниқ[26]. Гуфт: алавӣ. Зан гуфт: магар ту низ аз он алавиёни ҳаромзодаӣ вагарна ин феъли алавиёни ҳалолзода набувад. Алавӣ дар дам ба тайра[27] шуд ва даст аз он зан бидошт ва назр кард бо худой Таъоло, ки ҳаргиз бо ҳеҷ зани номаҳрам фасод накунад.

Мард бояд, ки боҳамият[28] бувад ва рашкин бувад бар аҳлу мардуми хештан, зеро ки ҳамият аз дин хезад ва беҳамият баддин бувад. Ва филмасал ғояти рашк ва ҳамият то бад-он ҳадд аст, ки чунон воҷиб кунад, ки ҳован кӯфтани занон мардони бегона нашу-

---

[24] дасти зӯрӣ;
[25] касе, ки аз асли ҳазрати Алӣ бошад;
[26] оммӣ;
[27] шарм, хиҷолат, яъне шармсор гардид.;
[28] бо нангу ор.

наванд. Ва агар марде аз дари хона овоз диҳад, нашояд занонро, ки ба чарбию нармӣ ҷавоб диҳанд, ки дили мардон ба бисёру андак чизе биовезад ва агар ночор ҷавоб бояд додан, бояд, ки ангушт дар даҳон кунанд ва ҷавоб диҳанд, то овози эшон монандаи пиразанон бувад.

Ва нашояд, ки занон ба мардони номаҳрам нигаранд ва агарчи он мард нобино бувад, ки дар хабар омада аст аз расул (алайҳи-с-салом) ки марде буд аз ёрон, ки ӯро Абдуллоҳ ибни Мактум гуфтандӣ ва нобино буд. Рӯзе дар хонаи расул дар миёни занон нишаста буд, пайғамбар (алайҳи-с-салом) даромад, гуфт: Ё Оиша[29], раво набошад мар занро пеши марди номаҳрам нишастан. Оиша гуфт: ё расулуллоҳ, ӯ нобиност Гуфт: ӯ туро намебинад, ту ӯро мебинӣ.

## Ҳикоят

Ҳасани Басрӣ бо тане чанд пеши Робиаи Адавӣ[30] шуданд ба зиёрат. Чун ба дари хона расиданд, овоз доданд, ки роҳ ҳаст. Робиа гуфт: як соат сабр кунед. Ва бифармуд то гилеме парда бастанд. Эшон даромаданд, салом карданд. Робиа аз паси парда ҷавоб дод. Гуфтанд: чӣ маъно дорад, ки парда бастай? Гуфт: фармон чунин аст. Қавлуҳу Таъоло: ФАСЪАЛУҲУННА МИН ВАРОИ ҲИҶОБ[31].

Ва бар мард воҷиб аст, ки ба ҳеҷ ҳоле ба занони бегона нанигарад, ки пеш аз укубати он ҷаҳон бад-ин ҷаҳон укубат аст, чунон ки ба ҳикоят омада аст:

## Ҳикоят

Саққое[32] буд андар шаҳри Бухоро, ки ӯ сӣ сол андар хонаи заргаре об меовард ва он заргар зане дошт бағоят некӯ ва порсо ва бокамолу ҷамол ва оқилу мастур.

---

[29] зани хурдии пайғамбар Муҳаммад ва духтари Абӯбакри Сиддиқ (611—656);

[30] шоира ва намояндаи барҷастаи тасаввуф дар Басра (714—752);

[31] Пас бипурсад занонро аз паси парда (сураи ал-Аҳзоб, ояти 53).

[32] машкоб, обкашон.

Рӯзе саққо об бирехт ва зан дар миёни сарой исто-да буд. Саққо дасти зан бигирифту печиду бирафт. Чун шавҳар даромад, зан гуфт: рост бигӯ, ки имрӯз чӣ кардай, ки худойро дар он ризо набуда аст? Мард гуфт: ҳеҷ накардаам. Зан гуфт: агар рост нагӯӣ, ман баъд аз ин дар хонаи ту набошам ва рӯи ман набинӣ. Мард гуфт: эй зан, бидон, ки имрӯз зане ба дукони ман омад ва аз баҳри ӯ дасти биринҷин кардам ва даст бе-рун овард, дар даст кард, сахт некӯ буд. Маро ин ду байт ёд омад, бигуфтам. Шеър:

Он ёраи заррини ту дар соидаи даст
Чун оташу об аст ба ҳам дарпайваст.
Дар хотири ҳеҷ зирак ин нодира нест,
К-аз оташ бар об камар шояд баст.

Ва дасти ӯ бигирифтам ва печидам. Зан гуфт: Ол-лоҳу Акбар, ту ин накардӣ, то лоҷарам, ин саққо, ки сӣ сол аст, то дар ин сарой меомад ва ҳаргиз хиёнат накарда буд, имрӯз чоштгоҳ дасти ман бигирифту пе-чид. Мард гуфт: зинҳор эй зан, тавба кардам, маро биҳил кун[33]. Зан гуфт: худой Таъоло оқибати кори ту ба хайр анҷомад.

Дигар рӯз саққо биомад ва пеши зан дар хок би-ғалтид ва гуфт: эй кадбону, маро биҳил кун, ки дӣ иб-лис маро аз роҳ бибурд. Зан гуфт: бирав, ки он хато на ту кардӣ, шавҳари ман кард ва он қасоси он буд дар дори дунё.

Аммо зан чунон бояд, ки бо шавҳар дар зоҳиру бо-тин яке бувад ва ба андаку бисёр қаноат кунад ва иқ-тидо[34] ба Фотимаи Заҳро[35] ва Оишаи сиддиқа (разиял-лоҳу анҳумо) кунад, то кадбонуи биҳишт гардад, чунон ки ба ҳикоят омада аст:

## Ҳикоят

Фотима (разияллоҳу анҳо) ба дасти хештан дастоси бисёр кашидӣ. Рӯзе дасташ обила карда буд, Алиро бинамуд ва аз он ранҷ бинолид. Алӣ гуфт: па-даратро бигӯй, то туро ходимае харад. Фотима расулу-

---

[33] бубахш, афв кун;
[34] пайравӣ;
[35] духтари пайғамбар Муҳаммад ва зани ҳазрати Алӣ (605—632).

лloҳро гуфт: ё расулаллоҳ, маро ходимае мебояд, то кори ман кунад ва ранҷ аз ман бардорад. Пайғамбар (алайҳи-с-салом) гуфт: ё Фотима, ман туро чизе омӯзам, ки аз ҳама хидматгорон беҳтар аст, ва аз ҳафт осмону замин азизтар бувад. Гуфт: биомӯз. Гуфт: чун бихусбӣ, се бор бигӯй СУБҲОНА-Л-ЛОҲИ ВА-Л-ҲАМДУ ЛИЛЛОҲИ ВА ЛО ИЛОҲА ИЛЛО-Л-ЛОҲУ ВА-Л-ЛОҲУ АКБАР[36].

Дар хабар аст, ки гилеме доштанд дар ҳама хона, ки чун ба сар андар кашидандӣ, пои эшон бараҳна мондӣ. Ва он шаб, ки Фотима (алайҳо-саломуллоҳ) наварӯс буд, дар хона пӯсте аз онӣ гӯсфанд доштанд, ки бар ӯ бихуфтанд ва Фотима аз матои хона гилеме дошт ва болише лифин. Лоҷарам, дар қиёмат мунодӣ бонг мекунад: «ё аҳла-л-мавқиф[37], чашмҳо фароз кунед, то хотуни биҳишт бигзарад».

Ва он зан, ки бар мард азиз бувад ва дар дили ӯ дӯст бувад, яке ба бузург доштани шӯй бувад ва дигар ба фармонбардорӣ ба вақти хилват ва муҷомаат[38] ва ба нигоҳ доштани суду зиён, сеи дигар ба оростан хештанро ва нуҳуфта будан андар хона ва парвариданн фарзандон ва некӯ доштани касони хеш. Чаҳорум он ки пеши шӯй афрошта ва хуш бароял. Панҷум он ки вақти таъом нигоҳ дорад ва ҳар чи шавҳарро орзу ояд, бисозад ба тозарӯй. Шашум он ки ҳоҷати муҳол ва чизе, ки мумкин аст набошад, нахоҳад ва лаҷоҷ[39] накунад. Ҳафтум он ки ба вақти хуфтан хештанро пӯшида дорад, ҳаштум он ки рози шавҳари хештан нигоҳ дорад ба ҳозирӣ ва ғоибӣ.

Ва худованди китоб гӯяд: воҷиб аст бар мардон ҳаққи занон ва сарпӯшидагони худ нигоҳ доштан аз рӯи тараҳҳум ва эҳсону мудоро.

Ва ҳар ки хоҳад бар зани хеш раҳиму меҳрубон гардад, даҳ чизро ёд бояд кардан, то инсоф дода ояд: яке он аст, ки зан туро талоқ натавонад додан ва ту тавонӣ. Ва дигар он ки ӯ аз ту ҳеҷ чиз натавонад сутудан ва ту тавонӣ, ки ҳама чиз аз ӯ биситонӣ. Сеи дигар он ки ӯ то дар ҳукми ту бувад, шӯи дигар натавонад кардан ва ту зани дигар тавонӣ кардан. Ча-

---

[36] Пок аст худо ва ҳамду сано мар худоро ва нест худое ба ҷуз Оллоҳ ва Оллоҳ бузург аст;
[37] эй воқифон;
[38] ҷимоъ, ҷуфту хоб;
[39] ситеза.

ҳорум он ки ӯ бе фармони ту аз хона берун натавонад рафтан ва ту тавонӣ. Панҷум он ки ӯ бараҳна натавонад будан ва ту тавонӣ. Шашум он ки ӯ аз ту тарсад ва ту аз ӯ натарсӣ. Ҳафтум он ки ӯ аз ту ба тозарӯӣ ва сухани хуш басанда кунад ва ту аз ӯ ҳама корҳо написандӣ. Ҳаштум он ки ӯ аз ҳама хешовандон ва модару падар бибурад ва ту аз ҳеҷ кас ҷудо нагардӣ ва канизак харӣ ва бар вай бигузинӣ. Нуҳум он ки ӯ пайваста туро хидмат кунад ва ту хидмати ӯ накунӣ. Даҳум он ки ӯ ба бемории ту хештан бикушад ва ту ба марги ӯ ҳеҷ ғам нахӯрӣ.

Пас аз ин рӯй воҷиб ояд бар худовандони хирад, ки бар занон раҳим бошанд ва бар эшон ситам накунанд, ки зан дар дасти мард асиру бечора аст. Ва низ воҷиб ояд мардонро, ки бо занон мудоро кунанд, зеро ки ба хирад ноқисанд ва аз ҷиҳати камхирадии эшон аст, ки ҳеҷ кас ба тадбири эшон кор накунад ва агар ба гуфтори занон кор кунад, зиён кунад, чунон ки ба ҳикоят омада аст:

## Ҳикоят

Гӯянд, ки Хусрави Парвиз моҳӣ дӯст доштӣ. Рӯзе Хусрав ва Ширин ҳар ду ба ҳам бар манзар нишаста буданд, сайёде моҳии бузург ба ҳадия оварда ва пеши эшон ниҳод. Хусрави малик ӯро чаҳор ҳазор дирам фармуд додан. Ширин гуфт: на неку кардӣ. Гуфт: чаро? Ширин гуфт: аз баҳри он ки агар аз ҳашам якеро чаҳор ҳазор дирам диҳӣ, гӯянд маро ҳамон додӣ, ки сайёдеро ва агар камтар диҳӣ, гӯянд маро кам аз сайёде медиҳӣ. Парвиз гуфт: рост гуфтӣ, валекин акнун гузашт ва зишт бошад мулукро аз каломи хеш боз омадан. Ширин гуфт: тадбире донам. Гуфт: чигуна? Гуфт: ин сайёдро боз хон ва бигӯ, ки ин моҳӣ нар аст ё мода. Агар гӯяд нар аст, гӯ маро мода мебояд ва агар гӯяд мода аст, гӯ маро нар мебояд. Сайёдро боз хонданд. Сайёд марди зираку доно буд. Хусрав ӯро пурсид, ки ин моҳӣ нар аст ё мода? Сайёд замин бӯса дод ва гуфт: ин моҳӣ на нар аст ва на мода, ки моҳӣ хуносо аст.

Хусравро ханда омад, гуфт: чаҳор ҳазор дирами дигараш бидиҳед. Мард пеши хозин шуд ва чаҳор ҳазор дирами дигар бисутуд ва ба анбон даровард ва ба

гардан барниҳод. Чун дар миёни сарой мерафт, як дирам сим аз анбон афтод. Сайёд анбон ниҳод ва он дирам баргирифт ва эшон бидиданд.

Ширин Хусравро гуфт: бахилӣ ва сифлагии мард бидидӣ, як дирам аз анбон биафтод, ҳашт ҳазор дирамро аз гардан фуру ниҳод ва он як дирам баргирифт ва дилаш надод, ки он як дирам ғуломе аз они ту баргирифтӣ. Парвизро хашм омад, гуфт: эй Ширин, рост гуфтӣ. Сайёдро боз хонд ва гуфт: эй дунҳиммати ноҷавонмард, аз баҳри як дирам, ки аз ту биафтод, анбоне бад-ин гаронӣ аз гардан фуру ниҳодӣ ва он як дирамро баргирифтӣ ва дареғат омад раҳо кардан.

Сайёд ба рӯй дарафтод ва гуфт: зиндагонии малик дароз бод, ман он як дирамро на аз он баргирифтам, ки ӯро хатарест, чи аз баҳри он баргирифтам, ки бар як рӯи дирам сурати Хусрав нигошта аст ва бар дигар рӯй номи Хусрав набишта аст. Тарсидам, ки касе ба нодонӣ пой бар он ниҳад ва бар ному сурати Хусрав истихфоф карда ояд ва ман бад-он маъхуз шавам.

Хусравро ин сухан сахт хуш омад ва гуфт: зиҳӣ, аҳсант! Ва бифармуд, то чаҳор ҳазор дирами дигараш доданд ва сайёд бо дувоздаҳ ҳазор дирам боз гашт шодмон ва Хусрав мунодо фармуд кардан, ки ба тадбиру рои занон кор макунед, ки ҳар он кас, ки ба тадбиру рой ва фармони занон кор кунад, ба ҳар дираме ду дирам зиён кунад.

## Фасл

Худованди китоб гӯяд, ки ободонии ҷаҳон ва насли одамӣ аз занон аст ва ободонӣ ҳаргиз берою тадбири рост наояд ва гуфтаанд ки, ШОВИРУҲУННА ВА ХОЛИФУҲУННА[40].

Ва воҷиб аст бар мардуми донову ҳушёр, ки эҳтиёт кунад дар кори зан хостану духтар ба шавҳар додан, хосса ки духтар расида гашт, то ба ору айб ва дарди сар наафтад.

Ва ба ҳақиқат ҳар он чи ба мардон расад аз меҳнату бало ва ҳалок, ҳама аз занон расад ва охир аз

[40] Бо занон машварат кунед ва хилофи эшон амал кунед.

эшон кам кас ба муроду коми дил расад, чунон ки шоир гўяд:

Осй шудани банда ба Раҳмон аз зан,
Бар мард наҳибу[41] бими султон аз зан
Дузде, ки ба каф барниҳад ў ҷон аз зан,
Хоре, ки расад ҳама ба мардон, аз зан
Мар одамро балоу исён аз зан
Бар Юсуф чоҳу банду зиндон аз зан
Ҳорут ба Бобул аст печон аз зан
Овехта аз мўю ғиревон[42] аз зан
Мачнун ба араб давону пўён аз зан
Он киссаи Синдбод чандон аз зан
Бар мард расад балои ду чахон аз зан,
Охир н-ояд вафо, чунин дон аз зан.

---

[41] тарс;
[42] дод, фарёд.

# بسم الله الرحمن الرحيم

الحمد لله رب العالمين و الصلوة على محمد و آله اجمعين. قال الشيخ الامام زين‌الدين حجة الاسلام حبر الانام شرف الائمة ابو حامد محمد بن محمد بن محمد الغزالي قدس‌الله روحه.

الم تر كيف ضرب‌الله مثلا كلمة طيبة كشجرة طيبة اصلها ثابت و فرعها فى السماء

لا اله الا الله و محمد رسول الله

قل اللهم مالك الملك تؤتى الملك من تشاء و تنزع الملك ممن تشا و تنزع الملك ممن تشاء تعز من تشاء و تذل من تشاء بيدك‌الخير انك على كل شىء قدير

ان الله لا يغفر ان يشرك به

الدين و الملك توأمان

فتصدق علينا ان الله يجزى المتصدقين

هذا براءة من الله لعمر بن عبدالعزيز من النار

ان الله يأمر بالعدل و الاحسان

و ما من يد الا يد الله فوقها

و ما ظالم الا سيبلى بظالم

اما طالب الدنيا فلا ينصح لك و اما طالب الاخرة فلا يرغب فيك.

فاكتف بذوى الانساب فانهم اذا لم يتقوا يكرموا

اذا خدمت الملوك فالبس

من التوانى اعز ملبس

فادخل اذا ما دخلت اعمى

و اخرج اذا ما خرجت اخرس

العبد يقرع بالعصا و الحر تكفيه الاشارة

العدل عز الدين و قوة السلطان و فيه صلاح الخاص و العام

و السماء رفعها و وضع الميزان
بالعدل
الله الذي انزل الكتاب بالحق و الميزان
كم من فئة قليلة غلبت فئة كثيرة باذن الله و الله مع الصابرين .
يا ابا يحيى كيف الزمان؟ قال الزمان انت ان صلحت صلح الزمان و ان فسدت فسد الزمان .
المقسطون لله في الدنيا على منابر اللؤلؤ يوم القيامة
اذا عدل السلطان جارت الرعية
و انذر عشيرتك الاقربين
الدنيا لاتصفو لشارب و لاتبقى لصاحب فخذ زادا من يومك لغدك فلا يبقى يوم عليك و لاغد
خراسان احويها و اكناف فارس
و ما كنت عن ملك العراق بايس
سلام على الدنيا و طيب نسيمها
كان لم يكن يعقوب فيها بجالس
اطيعوا الله و اطيعوا الرسول و اولي الامر منكم
قال رسول الله صلى الله عليه و سلم: تاسفت على موت اربعة من الكفار:
على انوشيروان لعدله و على حاتم الطائي لسخاوته و على امرىءالقيس لشعره و على عمي ابي طالب لبره .
و شاورهم في الامر
و اجعل لي وزيرا من اهلي هارون اخي
ان الله لايغير ما بقوم حتى يغيروا ما بانفسهم .
من سلك الجدد امن العثار
فقولا له قولا لينا
و الامر لله تعالى
ن و القلم و ما يسطرون
اقرا و ربك الاكرم الذى علم بالقلم علم الانسان ما لم يعلم
اجعلني على خزائن الارض انى حفيظ عليم
الدنيا تحت شيئين: السيف و القلم و السيف تحت القلم
كرم الكتاب ختمه
انى القي الى كتاب كريم
محمد رسول الله
تربوا كتبكم فانه انجع لحوائجكم
تربوا الكتاب فان التراب مبارك
خير الكلام ما قل و دل و جل و لم يمل

جاور ملكا او بحرا
فما بقيا على تركتماني
و لكن خفتما صرد النبال
فاتقوا الله يا أولى الالباب
لا يدخل الجنة فتان
فاسئلوهن من وراء حجاب
سبحان الله و الحمد لله و لا اله الا الله و الله اكبر
شاورهن و خالفوهن

## Мундарича


Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим . . . . 3

*Боби аввал.* Дар адл ва сиёсат ва сирати мулук ва зикри подшоҳони пешин ва таърихи ҳар яке . . . . . . . . . . . . 39

*Боби дуввум.* Дар сиёсати вазорат ва сирати вазирон . . . . . . . . . . . . . 85

*Боби саввум.* Андар зикри дабирон ва ҳунармандии эшон . . . . . . . . . . . 91

*Боби чаҳорум.* Андар ҳимматн мулукон ва баландҳимматӣ . . . . . . . . . . . . 95

*Боби панҷум.* Дар ҳикмати ҳакимон ва зикри ҳикмат . . . . . . . . . . . . 107

*Боби шашум.* Шарафи хирад ва хирадмандон . . . . . . . . . . . . . . . 118

*Боби ҳафтум.* Андар сифати занон ва хайру шарри онон . . . . . . . . . . . 125